**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АМИТ**

УДК 008(091) (575.3)
ББК 71.4(2т)

Бо ҳуқуқи дастнавис

**Зокиров Сӯҳроб Ибодович**

# НАҚШИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ ДАР ФАЗОИ ДИГАРГУНИҲОИ ФАРҲАНГИИ ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

Ихтисос 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади
илмҳои фалсафа

**Роҳбари илмӣ:**
Усмонзода Х.У.
д.и.ф., профессор

Душанбе - 2023

**Муқаддима**........................................................................................ 3
**Боби 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи нақши арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа**.................. .................................. 14
1.1. Таҳлили мақом ва муҳтавои мафҳуми арзишҳои маънавӣ аз нигоҳи фалсафаи иҷтимоӣ.................................................................... 14
1.2. Арзёбии хусусияти ташкили истеҳсолоти маънавӣ дар ҳаёти ҷамъиятии ҷомеаҳои муосир.......................................................... 35
1.3. Хусусияти таҳлилу баррасии назариявӣ ва методологии арзишҳои маънавӣ дар таълимотҳои фалсафаи .................................... 54
**Боби 2. Арзишҳои маънавӣ ҳамчун омили тағйироти фарҳангӣ дар ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон**................. ........................................... 75
2.1. Шаклҳои зуҳури таъсири арзишҳои маънавӣ ба дигаргуниҳои ҳаёти фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол........................................ 75
2.2. Масъалаи таъсири осебҳои иҷтимоию фарҳангӣ ба таъсиру нуфузи арзишҳои маънавӣ дар ҷомеа................... ............................ 97
2.3. Ҷанбаҳои танзими меъёрии ҳуқуқии нақши арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти ҷомеа............................................................................... 111
**Хулоса**........................................................................................... 126
**Рӯйхати адабиёти истифодашуда**.......................................................... 139

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот**. Вазъи иҷтимоӣ-фарҳангии замони муосир дар худ масъала ва равандҳои гуногунро касб намудааст, ки онҳо аз буҳронҳои гуногун, афзоиши падидаҳои номатлуби тундгароиву ифротгароӣ, рақобатҳои фарҳангӣ ва ғайра иборат мебошанд. Дар ин замина ҳаёти ҷамъиятии замони имрӯза хеле пуртазод ва мураккаб буда, аксар маврид ҳодисаҳои дар он баамаломада хусусияти ғайриинтизорӣ ва аҳёнан пешгӯинашавандаро доранд. Бинобар ин, шуури ҷамъиятӣ, аз ҷумла сатҳи психологияи ҷамъиятии он қобилияти ин дигаргуниҳоро на ҳамеша имконияти саривақт пайгирӣ карданро дошта, аксар маврид барои худ пайравӣ аз стратегияи мутобиқшавиро ба ин тағйиротҳо афзалият медиҳад. Вале, новобаста аз ин ҷараёнҳо қабати фаъоли шуури ҷамъиятӣ ба равандҳои иҷтимоӣ фурсати амиқ фурӯ рафтанро аз даст намедиҳад ва бо татбиқи ҷустуҷӯҳои арзишию фарҳангӣ маънии муҳтавои онҳоро барои дарки аъзои ҷомеа наздиктар месозад. Ҳамин тавр, муҳити ҳаёти ҷамъиятӣ то дараҷаи муайян барои шуури инсон тасаввурпазир ва ин фазоро баҳри ташкили зисту фаъолияти гуногунҷанбаи аъзои ҷомеа имконпазир мегардонад.

Бояд зикр кард, ки чунин раванди ҳаёти ҷамъиятӣ дар баробари арзишҳои моддии имрӯзҳо афзалиятёбанда, инчунин соҳаи маънавиро низ мадди назари субъектҳои дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ қарор медиҳад, зеро соҳаи мазкур на танҳо таъсирпазири ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолию идоракунӣ, балки аз бисёр ҷиҳат такягоҳу қутбнамои маънавии тамоюли инкишофи онҳо ба шумор меравад. Маҳз ҳамин ҷанбаи ҳаёти маънавӣ нақши онро дар танзиму идоракунии ҳаёти ҷамъиятии ҳар як давру замон меафзояд ва онро дар маркази таваҷҷуҳи пажӯҳишӣ қарор медиҳад. Баҳри татбиқи ин ҳадаф баъзе аз назарияҳои густурдаи иҷтимоӣ ба таври ҳамаҷониба ва баъзеи дигар тавассути объекти омӯзиш қарор додани унсурҳои ҷудогона самти пажӯҳишияшонро пеш бурдаанд. Мо низ дар рисолаи худ шеваи дуюмро

интихоб намудем ва арзишҳои маънавиро дар қаринаи дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятии ҷомеаи тоҷикистонӣ мавриди омӯзиш қарор додаем. Маҳз омӯзиши ин масъала аҳамиятнокии мавзуи таҳқиқотиро тақвият медиҳад.

Аҳамияти мавзуи таҳқиқшаванда бо он низ вобаста аст, ки вазъи кунунии фарҳангӣ, тамоюлҳои бисёрҷанба ва шумораи зиёди мушкилиҳои иҷтимоӣ ва маънавиро ба вуҷуд овардааст. Дар баробари ин ҳаёти иҷтимоии шахс боз ҳам мураккабтар мегардад. Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва буҳронҳои иҷтимоӣ-этникӣ, бегонашавии инсон аз худ, аз олами маънавии худ ва инчунин аз олами гирду атроф, фаъолшавии фазои интернетиву иттилоотӣ ва ғайра, то андозае барои ҳар як узви ҷомеа мушкилоти нав ба бор меоранд. Тадриҷан ҳаёти иҷтимоии шахс дар баробари ин равандҳои ҷаҳонишавӣ боз ҳам мураккабтар мегардад.

Ҳамин тариқ, дараҷаи якбора боло рафтани таъсири мутақобилаи инсони муосир ва муҳити сунъии аз ҷониби ӯ эҷодшуда масъалаи табиати муносибати байни инсон ва олами гирду атрофро боз ҳам душвортар мекунад. Дар ин замина, таҳқиқоти иҷтимоӣ-фалсафии равандҳои ташаккул ва рушди шахс дар ҷомеа, яъне проблемаҳои антропосотсиогенез боз ҳам мубрамият пайдо мекунанд.

Бояд зикр намуд, ки тағйиротҳои дар ҷомеаи пасошӯравӣ, аз ҷумла дар ҷомеаи тоҷик дар охири асри XX ва аввали асри XXI бавуҷудомада, инчунин хусусият ва моҳияти бунёдии онҳо ба пайдоиши мушкилоти нави фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-фалсафӣ оварда расониданд. Аз ин рӯ, барои баромадан аз ин буҳрони маънавӣ ва дарёфти мавқеи муносиби инсон дар чунин равандҳои мураккаби иҷтимоӣ-фарҳангии ҷаҳони муосир, бевосита омӯзиши арзишҳои маънавӣ ва таркиби онҳо зарур аст. Ҳамзамон, омӯзиши раванди иҷтимоишавии шахсият, махсусан дар ин замина омӯзиши таҷрибаи гузашта ва ҳолати имрӯза зарур аст. Инчунин, дигаргуниҳои дар ҳаёти иҷтимоӣ бавуҷудомада дар ҳаёти маънавии

ҷомеа таъсир расонда, иртибот ва муносибати шахсро ба ҷомеа дигар намудааст.

Ҳамин тариқ, ҳадафи маҳз унсури анъанаҳои маънавиро мавриди пажӯҳиш қарор додани мо аз он иборат аст, ки унсури мазкур дар раванди дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ пайваста ду вазифаи муҳимро ба дӯш гирифта, бо татбиқи онҳо суботи ҷамеаро таъмин менамояд. Аввалан, чун тағйиротҳои фарҳангӣ ба шиддат шароити муқаррарии ҳаёти ҷамъиятиро дигаргун месозанд, пас танҳо такя аз ҳузури арзишҳои маънавӣ устувории нисбии равобиту муносибатҳои ҷамъиятиро, ки ба ҳаёти инсон маънӣ мебахшанд, таъмин месозанд. Дар ҳақиқат, бидуни чунин унсури муҳимми соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ шинохти худи ҷомеа ва чеҳраи маънавии он ғайриимкон мегардид.

Сонияи, арзишҳои маънавии ҳаёти ҷомеа имконияти бидуни осебҳои амиқи иҷтимоӣ татбиқ сохтани дидҳои азнавсозиҳои ҷамъиятиро фароҳам меоранд. Агар аз ин дидгоҳ ба дигаргуниҳои солҳои охир дар ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон назар андозем, пас мо ба дурустии чунин қазоват боварӣ ҳосил менамоем. Ҳамин тавр, кӯшиши истеҳком бахшидан ба чунин як эътимоди дорои арзиши назариявию амалӣ низ, мубрамияти таҳқиқоти мазкурро собит месозад.

**Сатҳи омӯзиши масъалаи ба миён гузошташуда.** Масъалаи омӯзиши арзишҳои маънавӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми илмҳои ҷомеашиносӣ ва махсусан фалсафаи иҷтимоӣ ба шумор меравад. Гуногунҷанба ва душворфаҳм будани истилоҳи «арзишҳои маънавӣ» дар таҳқиқотҳои мутафаккирон ва муҳаққиқон баррасӣ ва арзёбии гуногун шудааст. Маълум аст, ки арзишҳои маънавӣ аз давраи пайдоиши инсон ҳамқадами ӯ буда, баъдтар ҳамчун мафҳуми меҳварии илмҳои фалсафӣ қарор гирифтаанд. Маҳз ин мафҳум дар ҳоле мубрамият пайдо мекунад, ки дар таҳти ин мафҳум воситаи асосии интиқоли фарҳангҳо, таҷрибаҳои иҷтимоӣ аз як насл ба насли дигар гузаштан, фаҳмида мешавад.

Дар мавриди мафҳуми арзиши маънавӣ аввалин муҳаққиқоне, ки онро ҳамчун омили мусбати рушди иҷтимоию фарҳангӣ баён намудаанд, намояндагони фалсафаи романтикӣ (романтизм) буданд. Бо умеди дастёбӣ ба дигаргунӣ ва пушти сар кардани ноустувории даврони худ, онҳо мекӯшиданд, ки ғояи муайянеро дар гузашта пайдо кунанд. Ин муҳаққиқони романтик Ф. Г. Ҳелдерлин, Г. Клейст, В. Мюллер, Новалис, Л. Тик, Ф. В. Шеллинг[1], А. ва Ф. Шлегел[2] ва дигарон буданд.

Муҳаққиқони илмҳои гуманитарӣ дар асри XIX бошанд, арзишҳои маънавиро аз ду даричаи назариявию методологӣ мавриди омӯзиш қарор доданд. Ба гурӯҳи якум мутафаккирон Г. Лебон[3] ва К. Маркс[4] дохил мешуданд, ки онҳо арзишҳои маънавиро ҳамчун ҷамъоварӣ ва дастоварди таҷрибаи иҷтимоии башарият мепиндоштанд. Гурӯҳи дуюми муҳаққиқон, ки арзишҳои маънавиро ҳамчун таҷассуми анъаноти ақидагӣ мепиндоштанд Ж. М. Местр ва Л. де Боналд буданд ва онҳо мегуфтанд, ки асос ва зерпояи арзишҳои маънавӣ мероси эътиқодӣ мебошад.

Дар асри XX бошад, анъанагароён Р. Генон[5], М. Элиаде[6], Ю. Эвол[7] ва дигарон чунин мепиндоштанд, ки анъанаи аввал аз Офаридгор баромада ва он анъанаи ягонаи ибтидоӣ буд, ки баъд анъанаҳои ирфонӣ, динӣ ва баъдтар дунявӣ ба вуҷуд омадааст.

---

[1] Шеллинг, Ф.В. Философия искусства [Текст] / Ф.В. Шеллинг. – М.: Мысль, 1966. – 496 с.
[2] Шлегель, Ф. Сочинения [Текст] / Ф.Шлегель. – М.: Quadrivium, 2015. – Т.1. – 816 с.
[3] Лебон, Г. Психология народов и масс [Текст] / Густава Лебона. – М.: Академический проект, 2011. – 238 с.
[4] Маркс, К. Сочинение [Текст]: В 30 томах / К. Маркс. – М.: Издательство политической литературы, 1960. – Т.23. – К.1. – 907 с; Аз вай: Маркс, К. К критике гегелевской философии права. Введение [Текст] / К. Маркс // Сочинение: в 30 томах. – 2-е изд. – Москва: Политиздат, 1955. – Т.1. – С.414-429; Аз вай: Маркс, К. Тезисы о Фейербахе [Текст] / К. Маркс // Сочинение: в 30 томах. – 2-е изд. – М.: Политиздат, 1955. – Т.3. – С.1-4; Аз вай: Маркс, К., Энгельс, Ф. Немецкая идеология [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс // Сочинение: в 30 томах. – 2-е изд. – М.: Политиздат, 1955. – Т.3. – С.7-544.
[5] Генон, Р. Кризис современного мира [Текст] / Р. Генон. – М., 2008. – 784 с; Аз вай: Генон, Р. Общее введение в изучение индийсских ученых [Текст] / Р. Генон. – М., 2013. – 320 с.
[6] Элиаде, М. Аспекты мифа [Текст] / М. Элиаде. – М.: Академический проект, 2014. – 234 с.
[7] Эвола, Ю. Абстрактное искусство [Текст] / Ю. Эвола. – М., 2019. – 139 с.

Дар илми фарҳангшиносии мо таваҷҷуҳи хеле фарох ба мақоми арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти ҷомеа аз ҷониби М. Шакурӣ, Самиев А. Ҳ., Идиев Х. У., Саидов А., Раҳимов С. Х., Амиров Р. А., Латифзода Д. Н. ва дигарон равона гардидааст. М. Шакурӣ аслан олами арзишҳои маънавиро ба маънои густурдааш дар олами фарҳангӣ ҷой медиҳад, ки боиси ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ ва намунаҳои рафтори муносиби ҷамъиятӣ мегарданд. Бинобар ин, баррасии арзишҳои маънавиро ӯ таҳти дарку татбиқи ба маърифати баланд ошно сохтани инсон ҷоиз медонист, ки ин дар худ бештар андешаи маорифпарваронаро дошт.[1] Профессорон Наврӯзов С.[2], Самиев А., Идиев Х., Саидов А. ва дигарон дар пажӯҳишҳояшон ҷонибдори он ҳастанд, ки арзишҳои маънавии ҷомеа бояд дар заминаи фаъолияти меҳнатии одамон шарҳу тавзеҳи худро ёбанд. Маҳз дар ҳамин замина арзишҳои маънавӣ ба таркиби ангезаҳои амали иҷтимоии инсон роҳ ёфта, боиси ба манфиатҳо мубаддал гаштани талаботҳо гардида, дар навбати худ манфиатҳо дар сурати арзишҳо ҷилвагар мешаванд.[3]

Дар илми фарҳангшиносии имрӯзаи тоҷик саҳми профессор Раҳимов С. Х. низ дар таҳқиқи арзишҳои маънавии ҷомеа хеле назаррас мебошад. Ба таҳқиқи масъалаи арзишҳои маънавӣ ӯ аз мавқеи зебоипарастӣ ва

---

[1] Шакурӣ, М. Хуросон аст ин ҷо: маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Дониш, 2009. – 416 с.

[2] Наврузов, С. Человеческие способности [Текст]: соотношение социальных и биологических аспектов / С. Наврузов. – Душанбе, 1991. – 303 с; Аз вай: Наврузов, С. Гармония и дисгармония человеческих способностей и потребностей [Текст] / С. Наврузов. – Душанбе: Сино, 2004. – 275 с; Аз вай: Наврузов, С. Духовенство и потребительство [Текст] / С. Наврузов. – Душанбе, 2014. – 246 с; Аз вай: Наврузов, С. Қувваҳои нав дар илму фалсафа [Матн] / С. Наврузов. – Душанбе, 2016. – 120 с.

[3] Самиев, А. Историческое сознание как самопознание общества: социально-философский анализ [Текст] / А. Самиев. – Душанбе: РТСУ, 2009. – 411 с; Идиев, Х. Тоҷикистон дар масири тағйироти иҷтимоӣ [Матн] / Х. Идиев. – Душанбе: Дониш, 2016. – 120 с.

бахусус фарҳанги бадеӣ наздик шуда, сабки махсуси таҳлилиро ба вуҷуд овардааст[1].

Мазмуну мундариҷа ва мақоми арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти ҷомеаи имрӯзаи тоҷикистониро профессорон Амиров Р. А., Латифзода Д. Н., Сафаров Б. ва дигарон аслан аз мавқеи фарҳангшиносии амалӣ мавриди таҳлил қарор дода, ҳадафҳо ва дастовардҳои сиёсати фарҳангии Тоҷикистонро дар ин самт нишон додаанд.[2]

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти мазкур мутобиқи лоиҳаи илмӣ-таҳқиқотии МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” дар мавзуи “Таҳқиқи ҳолат ва дурнамои ташаккули муносибатҳои муътадили маънавию ахлоқӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон” (2020-2024).

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ин таҳлил ва баррасии арзишҳои маънавӣ дар равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар асоси ҳадафи умумӣ муаллиф дар назди худ чунин вазифаҳо гузоштааст:

- муайян намудани моҳият ва шарҳи муҳтавои мафҳуми арзишҳои маънавӣ;

- таҳлили хусусиятҳои асосии интиқол ё паҳншавии арзишҳои маънавӣ дар афкори ҷомеа;

---

[1] Раҳимов, С. Эстетика зороастризма [Текст] / С. Раҳимов. – Душанбе: Дониш, 2009. – 406 с; Раҳимов, С. Нақши фарҳанги бадеӣ дар тарғиби идеяҳои истиқлолият [Матн] / С. Раҳимов // Ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими истиқлолияти сиёсӣ ва масоили консептуалии рушди давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Маводи конфронси илмию амалӣ. – Душанбе, 2016. – С.44-54.

[2] Амиров, Р. Падидаи муҳимми фарҳангӣ [Матн] / Р. Амиров. – Душанбе: Ориёнгаҷ, 2015. – 254 с.

- муайян намудани роҳҳо ва усулҳои таъсири арзишҳои маънавӣ ба тамоюлоти рушди ҷомеа;

- баррасии зарфияти таъсири арзишҳои маънавӣ ба ташаккули ҳаёти иҷтимоӣ дар шароити муосир;

- муайян кардани омилҳое, ки ба риоя нашудани арзишҳои маънавӣ дар рафтори баъзе аз гурӯҳҳо ва умумиятҳои иҷтимоӣ сабаб мешаванд;

- баррасии меъёру ченакҳои арзёбии сатҳи риояи арзишҳои маънавӣ дар муносибат ва рафтори иҷтимоии аъзои ҷомеа;

- баррасии хусусияти тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истеҳком бахшидани мақоми арзишҳои маънавӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ.

**Объекти таҳқиқот** – моҳият ва хусусияти зуҳури арзишҳои маънавӣ дар фазои иҷтимоӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** - арзишҳои маънавӣ ҳамчун муайянкунандаи самти тағйиротҳои иҷтимоиву фарҳангӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, файласуфҳо, фарҳангшиносон, антропологҳо, равоншиносон ва ҷомеашиносон ташкил доданд.

Бояд зикр намуд, ки дар рафти омӯзиш чунин фарзия ҳамчун асос интихоб гардид, ки арзишҳо на танҳо ба шахс таъсир мерасонанд, балки иқтидори антропо-трансформатсионии муайяне доранд. Дар раванди навсозӣ ва дигаргуниҳои ҷомеа, ин иқтидор на танҳо интиқолу эҳёи таҷрибаи иҷтимоиро муайян мекунад, балки, муҳимтар аз ҳама, он механизмест, ки имкон медиҳад дониши дастаҷамъонаи гурӯҳи мушаххаси иҷтимоӣ ба таҷрибаи шахсии намояндагони алоҳидаи дигар нуфуз пайдо кунад.

**Методологияи таҳқиқот.** Методологияи кори диссертатсионии мазкурро методҳои таҳқиқии мантиқӣ, муқоисавӣ ва таърихӣ ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, дар ин таҳқиқот масъалаи арзишҳои маънавӣ дар

асоси методҳои таҳқиқии умумиилмӣ ва муқоисавии илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

**Навоварии илмии таҳқиқот** ба таҳлили асосҳои назариявии масъалаи ташаккули арзишҳои маънавӣ асос ёфта, дар рисола бори аввал хусусияти зуҳури арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти ҷамъиятии даврони соҳибистиқлолии кишварамон таҳлили худро пайдо кардааст. Дар баробари ин:

- моҳияти арзишҳои маънавӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию фарҳангӣ асоснок карда шудааст;
- таҳаввули диду назарҳои илмӣ оид ба моҳияти арзишҳои маънавӣ баррасӣ карда шудааст;
- омилҳои муҳимми таъсиррасон ба ташаккули арзишҳои маънавии афрод дар муҳити ҷомеаи тағйирёбанда нишон дода шудааст;
- бори аввал ба гардиши илмии фалсафаи иҷтимоӣ баррасии мақоми арзишҳои маънавӣ дар муҳити хоси фарҳангию иҷтимоӣ ворид гардидааст;
- алоқамандии ҳастии арзишҳои маънавӣ ва муносибатҳои истеҳсолии ҷомеа дар шароити муосир нишон дода шудааст;
- муайян гардидааст, ки ташаккулёбӣ ва ҳастии арзишҳои маънавӣ аз вижагиҳои мушаххаси муҳити муайяни фарҳангӣ вобастагӣ дорад;
- нақши арзишҳои маънавӣ барои паст кардани шиддати якрангкунонӣ ва умумикунонии ҳамаи шаклҳои фаъолияти ҳаёт дар раванди ҷаҳонишавӣ нишон дода шудааст;
- таносуби шаклҳои зуҳури арзишҳои маънавӣ вобаста ба муҳитҳои хоси фарҳангӣ ва тамоюлоти рушди ҷомеаҳо возеҳ баён гардидааст;
- бори аввал замина ва омилҳои риоя нашудани баъзе аз арзишҳои маънавӣ дар рафтору муносибати аъзои ҷомеа вобаста ба хусусиятҳои иҷтимоӣ ва фардии онҳо таҳлил шудааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

-арзишҳои маънавӣ дар тӯли умри чандин наслҳо дар заминаи дастовардҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятии одамон ташаккул меёбанд. Бинобар ин, арзишҳои маънавиро якбора дигаргун кардану унсурҳои нав ба он ворид намудан мушкил буда, ин амал фаъолияти бомарому ҳадафмандонаро тақозо менамояд;

- барои дарки воқеияти ташаккулёбӣ ва ҳастии арзишҳои маънавӣ пайгирӣ аз хусусияти сохторёбии онҳо ё ин ки шаклҳои зуҳури арзишҳои маънавӣ ба шакли умум ва вобаста ба вижагии муҳитҳои мушаххаси фарҳангӣ муҳим аст;

- арзишҳои маънавӣ тарзи мавҷудияти худмухтору мустақил надоранд, бақо ва рушди онҳо ба инкишофи соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа, бахусус истеҳсолоти моддӣ алоқамандии зич дорад;

- дар ҷомеа на ҳамаи афроду гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба таври якхела омодаи риоя ва пайравӣ кардан аз арзишҳои маънавӣ ҳастанд. Барои зуҳури чунин падидаҳо омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, ки онҳо на танҳо вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, балки ба сифатҳои фардии одамон ва таъсири муҳитҳои гуногуни тарбиявию фарҳангӣ вобастагӣ доранд;

- ҳамаи қишрҳои ҷомеа моҳияти арзишҳои миллиро дарк менамоянд. Ин дарк ё огоҳӣ дар ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, дар осори бадеӣ-фарҳангӣ ва дар эҳёи арзишҳои маънавӣ ва фарҳангӣ ифода меёбад. Маҳз дар марҳилаи ҳозира, ки мо дар раванди давлатсозӣ қарор дорем, зарур аст, ки хусусиятҳои анъанаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла анъанаи маънавӣ кушода шавад. Чунки анъанаҳои маънавӣ метавонанд ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа таъсир расонанд;

- ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти маънавии ҷомеа ба таври бояду шояд омӯхта нашудаанд, махсусан анъанаҳои маънавӣ дар раванди истиқлолият ва ҷойгоҳи он дар ҷомеаи муосири тоҷик. Ба ғайр аз ин, вазъият ва ҷойгоҳи анъанаҳои маънавӣ бояд мавриди таҳлили илмӣ-

фалсафӣ қарор гирад. Фарҳанги маънавӣ яке аз қисматҳои ҳастӣ ва ташаккулдиҳандаи шуури ҷамъиятӣ буда, метавонад танзимгари рушди ҷомеа гардад.

- равандҳои глобализатсионӣ барои якрангкунонӣ ва умумикунонии ҳамаи шаклҳои фаъолияти ҳаёт равона гардида, тамоми минтақаҳои ҷаҳонро фаро гирифтаанд. Ин таъсир ва таҳдидҳо, пеш аз ҳама, ба ҳаёти фарҳангӣ ва анъанаҳои маънавии халқу миллатҳои гуногун таъсир расонда, ба онҳо зарбаҳои ҳалокатбор мезанад. Дар чунин ҳолатҳо анъанаҳои маънавӣ метавонанд ҳамчун сипар барои ҳифзи арзишҳои фарҳангии ҷомеа ва баланд бардоштани ҳисси худшиносиии милливу ватандорӣ хидмат намоянд.

- дар шароити кунунӣ ҳар як фарди ҷомеа имконият дорад, ки шахсияти иҷтимоии худро мувофиқи тамоюлҳои арзишӣ ва ҷаҳонбинии худ интихоб намояд. Аммо, бе дарки таърихи гузашта, фарҳанг ва махсусан маънавиёт наметавон ҳаёти минбаъдаро рушд бахшид. Чунки омӯзиши таҷрибаи наслҳои пешин, фарҳанг ва маънавиёт метавонад барои ташаккули муносибатҳои нав дар ҷомеа роҳ кушояд;

- барои муайян кардани робитаҳои асосӣ ва инчунин механизмҳои таъсири иҷтимоиву фарҳангии инсон, минбаъд моҳияти ҷомеаи муосирро ҳамчун як организми том ва ҷудонашаванда фаҳмидан лозим аст. Дар чунин ҳолат вазифаи асосӣ дар муайян намудани мавқеи инсон дар ҷомеа ва таъсири он ба ҷаҳон, ташаккули системаи сифатҳои шахсият, ки ба ҳамоҳангсозии муносибатҳои он бо табиат, одамони дигар ва худи онҳо, ташаккули шахсияти рӯҳан рушдёфта, ки андозаҳои масъулияти худро барои нигоҳдории ҳастии худ дарк мекунанд, ба назар гирифта мешаванд. Яъне дар чунин ҳолат зарурияти пайдо кардани роҳҳои навсозии маънавии ҷомеа дар зери таъсир, аз ҷумла анъанаҳо пайдо мешавад, ки омӯзиши ин масъалаҳо зарур аст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** асосан дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро метавон минбаъд

барои ҳамаҷониба таҳқиқ ва баррасӣ намудани мавқеъ ва ҳолати арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти ҷомеа ва инчунин баррасии масъалаҳои назариявии осори олимони соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ ва ҷомеашиносӣ оид ба ин мавзуъ истифода бурд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқотро дар мавриди омӯзиши ҳаёти маънавии ҷомеаи мо, ки давраи хеле ҳассосу мураккаби дигаргуниҳои фарҳангиро пушти сар менамояд, метавон аз нигоҳи амалӣ истифода бурд. Бозёфту хулосаҳои таҳқиқи мазкурро зимни таҳия ва татбиқи сиёсати фарҳангӣ дар ҷомеа, таълифи асарҳо ва воситаҳои таълимӣ дар самти илмҳои фалсафӣ ва фарҳангшиносӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Апробатсияи рисола.** Маводу маълумоти дар таҳияи рисола истифодашуда дар конференсияҳои ҳамасолаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ, МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода”, Донишгоҳи давлатии омӯзгори ба номи С.Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ироа ва нашр гардидаанд.

Соҳаи таҳқиқот. Мавзуи таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 09.00.11 фалсафи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат менамояд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 153 саҳифаи чопиро дарбар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ НАҚШИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ ДАР ҲАЁТИ ФАРҲАНГИИ ҶОМЕА

## 1.1. Таҳлили мақом ва муҳтавои мафҳуми арзишҳои маънавӣ аз нигоҳи фалсафаи иҷтимоӣ

Самти инкишофи ҳар як ҷомеа дар баробари фароҳам овардани шароитҳои муайяни ҳаёти одамон, инчунин арзишҳои муносиб ба чунин шароити таърихиро ташаккул медиҳад. Арзишҳои мазкур метавонанд ҳам ҷанбаи моддӣ, ҳам иҷтимоию сиёсӣ ва ҳам маънавӣ дошта бошанд. Ин арзишҳо дар муносибат ва алоқаи зичи якдигар қарор доранд ва робитаи онҳо ба талаботҳои шароитҳои хоси ҳаёти одамон алоқаманд аст.[1] Яъне бо мурури дигаргун шудани муҳтавои талаботҳои мазкур мундариҷаи ин арзишҳо низ тағйир мeёбад, баъзе аз онҳо мазмуну мундариҷаи наву такмилёфта дар зинаҳои минбаъдаи рушди ҷомеа ҳузури худро пайдо мекунанд ва баъзе аз ин гуна арзишҳо бар асари номутобиқатӣ бо талаботҳои нав ҷойи худро ба арзишҳои навзуҳур медиҳанд. Ин нуктаи муҳимме аст, ки дар фарҳангшиносии муосир чунин дидгоҳро маҳсули равиши воқеъгароёна медонанд ва мо низ пайравӣ аз онро дар таҳқиқоти масъалаи мавриди назар муносиб медонем.

Дар баробари дидгоҳи воқеъгароёна оид ба мазмуну муҳтавои мафҳуми арзишҳои маънавӣ мақеъгирии зеҳнгароёна ё субъективӣ низ вуҷуд дорад, ки тибқи он мақоми арзишӣ пайдо намудани ҳодисаю предметҳо аз тасаввуроту андешаҳои бевоситаи одамон сарчашма мегирад. Чунин равиш дар давраҳои гуногун тарафдорони худро дошт, вале бо сабаби ба воқеияти ҳаёти ҳамарӯзаи одамон алоқамандии зиёд надоштан, имконияти он барои дарку идораи равандҳои ҷамъиятӣ маҳдудтар будааст.

---

[1] Ионин, Л.Г. Театр культурных форм [Текст] / Л.Г. Ионин // Человек. – 1991. – №3. – С.43.

Аз сабаби он ки фалсафаи иҷтимоӣ дар бештари мавридҳо барои шарҳу тавзеҳи ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, такя ба зарурияти дарки муҳтавои фаъолияти инсон менамояд, бинобар ин дар масъалаи ошкорсозии мундариҷаи мафҳуми арзишҳои маънавӣ низ ин равиш муносибтар ба назар мерасад. Зеро ҳама гуна падидаю предметҳои олами ҳаёти ҷамъиятии инсон бо мурури ворид шуданашон ба мадори фаъолияти дигаргунсозандаи ӯ имконияти ба худ гирифтан ё пайдо кардани арзиш, аз ҷумла арзиши маънавиро тақозо мекунанд. Яъне, берун аз доираи фаъолияти инсон ва талаботҳои муҳиту шароитҳои мушаххаси таърихии ҳаёти ҷомеа ҷустуҷӯ кардани ҳама гуна арзишҳо, бахусус арзишҳои маънавӣ ғайриимкон аст. Чуноне ки маълум аст, чунин консепсияро муҳаққиқони маъруфи даврони шӯравӣ Коган М., Марков А. ва махсусан Маркарян И. ҷонибдорӣ мекарданд.[1]

Вобаста ба шаклҳои зуҳури фаъолияти гуногунҷанбаи одамон шаклҳои муайяни арзишҳо арзи вуҷуд мекунанд, ки онҳоро вобаста ба зерсистема ё зермаҷмааи низоми иҷтимоӣ метавон гурӯҳбандӣ намуд. Пеш аз ҳама, мо фаъолияти гуногунҷанбаи одамонро, ки тавассути он имконияти азхудкунии олами атроф барои онҳо муяссар мегардад, бояд мавриди назар қарор диҳем. Масъалаи гурӯҳбандию таснифоти фаъолияти гуногунҷанбаи одамонро аз ин нуқтаи назар муҳаққиқи ватанӣ Идиев Х. дар китоби «Фалсафаи иҷтимоӣ» хеле равшану возеҳ нишон додааст. «Инсон воқеияти иҳотанамудаашро бо се тарзи имконпазир азхуд мекунад: тавассути азхудкунии ҳиссию амалӣ, азхудкунии назариявӣ ва билохир, азхудкунии арзишӣ. Ҳамаи ин се тарз он вақт маънои ҳақиқӣ ва таъйиноти худро соҳиб мешаванд, ки агар ҷомеа фаъолият ва амал кунад, аҳдофи комилан мушаххасро пайгирӣ намояд».[2]

---

[1] Маркарян, Э.С. Теория культуры и современная наука [Текст] / Э.С. Маркарян. – М.: Мысль, 1983. – 284 с.

[2] Идиев, Х. Фалсафаи иҷтимоӣ [Матн] / Х. Идиев. – Душанбе: Дониш, 2003. – С.78.

Аз ин қазовати иқтибосшуда чунин фаҳмидан мумкин аст, ки барои се сатҳи олами ботинии инсон - ақл, эҳсосот ва ирода - мутаносибан се тарзи азхудкунии олам ва тарзи ташаккулу эҷоди тамоюлоти арзишӣ хос аст.[1] Тарзҳои мазкури ташаккулу эҷоди тамоюлоти арзишии инсон дар заминаи дарку азхудкунии олам ба фаъолиятҳои моддию истеҳсолӣ, илмию назариявӣ ва ҳиссию эстетикӣ алоқамандӣ доранд. Дар ин миён арзишҳои маънавӣ зимни фаъолияти ҳиссию эстетикӣ ба вуҷуд омада, барои идораи рафтори иҷтимоии инсон, равона сохтани он барои ба даст овардани ҳадафҳои муайяншуда, танзими муносиботи инсон бо муҳити табиию ҷамъиятӣ ва ғайра хидмат мекунанд.

Аз ин рӯ, дар баробари чунин таъсири густурда доштанаш ба рафтори иҷтимоии инсон арзишҳои маънавӣ ба таври аёну ноаён нақши муҳитсозонаи худро ба соҳаҳои дигари фаъолияти одамон мегузоранд. Бинобар ин, дар баъзе аз таълимотҳои фарҳангшиносӣ ва фалсафаи иҷтимоии муосир ба гурӯҳи алоҳидаю мустақил ҷудо намудани арзишҳои маънавиро қабул надоранд. Зеро намояндагони ин таълимотҳо чунин мепиндоранд, ки ягон соҳаи фаъолияти инсон бе нақшу ҳузури фаъол доштани арзишҳои маънавӣ наметавонад хусусияти фарҳангию иҷтимоӣ ба худ гирад. Дар асоси чунин тарзи фаҳмиш ва тасаввурот дар таълимотҳои мазкур соҳаи ҳаёти фарҳангию маънавии ҷомеа на ба шакли ҷудою мустақил, балки дар қаринаи соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ нишон дода мешавад: «Фарҳанг дар низоми иҷтимоӣ аслан ба сифати танзимкунандаи муносибатҳои мураккабу гуногунҷанбаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ, умумиятҳо ва умуман ҷомеа аз нигоҳи меъёрҳои арзишӣ баромад мекунад. Ба шарофати таъсири унсурҳои фарҳангӣ дар афрод маҷмуи умумии тасаввуроту ҷаҳонбинии ба ҳамдигар наздик ташаккул ёфта, бо такя ба он одамон самти амали иҷтимоии худро пешбинию муайян месозанд. Ҳузури андешаҳои мушобеҳ, эътибори

[1] Маркарян, Э.С. Теория культуры и современная наука [Текст] / Э.С. Маркарян. – М.: Мысль, 1983. – С.34.

самти рафтори якнавохт, ташаккули равобиту ҳамкориҳои муназзам дар байни шумораи муайяни одамон мавҷудияти ҷомеаро ба унвони як воҳиди кулл имконпазир месозанд».[1]

Мо низ чунин тарзи тавзеҳи мақоми арзишҳои маънавиро дар фаъолияти амалии инсон дуруст меҳисобем ва зимни таҳлили масъалаҳои таҳқиқотӣ аз он муносиб истифода намудаем. Чунки агар, воқеан ҳам ба асли масъала нигоҳи равшан андозем, пас бидуни душворӣ итминон ҳосил карда метавонем, ки арзишҳои маънавӣ дар қабатҳои гуногуни муносибату фаъолияти амалии инсон, новобаста аз он ки онҳо дар кадом соҳа сурат мегиранд, вуҷуд доранд. Бидуни мавҷудияти онҳо ҳадафмандона будани ин гуна фаъолиятҳо душвор ва тасаввурнопазир мегардад. Масалан, агар фаъолияти истеҳсолию моддии инсонро пеши назар орем, пас мебинем, ки дар натиҷаи татбиқи фаъолияти мазкур арзишҳои хусусияти моддидошта ташаккул меёбанд. Арзишҳои хусусияти моддидоштае, ки зимни фаъолияти истеҳсолоти моддӣ ба вуҷуд меоянд, минбаъд барои ҳамчун омили такконбахшандаи рушди муҳити ҷамъиятӣ истифода шуданашон эҳтиёҷ ба пӯшиши либоси арзишҳои маънавӣ доранд. Аз ин рӯ, Карл Маркс низ дар таълимоташ барои пешгирии тамоюлоти афзалиятдиҳии холиси нақши фаъолияти моддию истеҳсолӣ дар ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамеша таъкид ба алоқамандии ногусастании он бо ҳаёти маънавии инсон мекард: «Тарзи истеҳсоли ҳаёти моддӣ, хусусияти куллии иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавиро муайян мекунад. Ин шуури инсонҳо нест, ки ҳастии онҳоро муайян мекунад, балки баръакс, ин ҳастии ҷамъиятии онҳо аст, шуурашонро муайян мекунад».[2]

Ҳар кадоме аз унсурҳои зерсистемаи низоми иҷтимоӣ дар таркиби худ воҳидҳои маънодору муҳиммеро дорад, ки барои танзиму идораи

---

[1] Усмонзода, Х. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият [Матн] / Х. Усмонзода. – Душанбе: Дониш, 2020. – С.165-166.
[2] Маркс, К. Избранные произведения [Текст] / К. Маркс. – М., 1968. – Т.46. – С.21.

рафтори иҷтимоии одамон саҳми чашмрас мегузоранд. Маҳз ҳамин гуна воҳидҳоро бо мафҳуми арзиш ифода мекунанд ва онҳо вобаста ба номҳои унсурҳои зерсистемаҳои иҷтимоӣ номгузорӣ мешаванд. Яъне арзишҳои моддӣ маҳсули зерсистемаи моддӣ, арзишҳои иҷтимоию сиёсӣ маҳсули зерсистемаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва арзишҳои маънавӣ бошанд, вобаста ба зерсистемаҳои маънавию фарҳангӣ ва илмии низоми ҷамъиятӣ мебошанд. Агар як гурӯҳи арзишҳо барои таъмини зиндагии бомароми инсон нигаронида шуда бошанд, пас гурӯҳи дигари онҳо барои баланд бардоштани шарафу мартабаи фарҳангию иҷтимоии одамон, ташкили ҳаёти муносиби сиёсии онҳо хидмат менамоянд. Танҳо дар натиҷаи ҳамин гуна алоқамандию вобастагиҳо ҳаёти муназзами ҷамъиятии инсонҳо имконпазир мегардад ва одамон ҳам кӯшиш менамоянд, ки баҳри ҳифзу афзоиши ҳамешагии ин арзишҳо саъю талош варзанд.

Силсилаи арзишҳои мазкур бо ҳамдигар вобастагии ногусастанӣ доранд ва ҳалқаи онҳоро бо ҳамдигар пайвасткунанда маҳз фаъолияти гуногунҷанбаи одамон ба шумор меравад. Чунин хусусияти объективӣ доштани арзишҳои маънавӣ дар ҳеҷ сурат маънои пурра инкор ва аз мадди назар дур кардани таъсири ҷанбаи субъективиро дар ташаккулу татбиқи онҳо надорад. Балки, баръакс, дар фарҳангшиносӣ ва фалсафаи иҷтимоӣ дар ин маврид чунин таъкид мегардад, ки падидаю предметҳои олам, аз ҷумла арзишҳо ҳастияшонро ба шарофати кӯшишҳои ба воқеият пайвастани талошу майлҳои субъективии одамон ба даст меоранд. Дар ҳамин асос, онҳо ба объект ва воситаҳои амалияи одамон табдил ёфта, барои қонеъ гардонидани талаботҳои онҳо, ҷавоб додан ба манфиату майлҳои гуногунашон хизмат менамоянд. Яъне ба шарофати алоқамандии ногусастанӣ доштанашон бо амалияи ҷамъиятӣ арзишҳо, аз ҷумла арзишҳои маънавӣ хусусияти объективии худро пайдо мекунанд. Ин гуна шарҳу тавзеҳи моҳияти арзишҳои маънавӣ тарзи тасаввуру қазоватҳои маъмулеро, ки гӯё омили ба ҳаёти ҷамъиятӣ пайвастани

арзишҳои маънавӣ танҳо ба зеҳну иродаи одамон вобаста аст, рад менамояд. Зеро дониш худ аз худ ба қадри кофӣ барои роҳнамоии инсон барои ташкили ҳаёти муносиби иҷтимоӣ дар олам хидмат карда наметавонад, чун дониш метавонад ҳам дар хизмати некӣ ва ҳам бадӣ қарор дошта бошаду ҷомеаи инсонро ҳам ба пешрафт, ҳам ба таназзул нигаронида, боиси сарбаландӣ ва ҳам дар як вақт суқути умумиятҳои гуногуни башарӣ гардад. Бинобар ин, ягона умеди раҳоӣ бахшидан аз хатари ба чунин варта наафтидани инсон пайваста бо арзишҳои маънавӣ раҳнамун сохтани он барои ба даст овардани мақсадҳо аст. Танҳо системаи солим ҳама гуна арзишҳои инсонро дар ҳаёт роҳнамоӣ месозад ва ба амалу зиндагии он маънӣ мебахшад. Аз ин бармеояд, ки арзишҳои маънавӣ аз хусусияти объективии предмету ҳодисаҳои олам барнамеоянд, балки талошҳои фарҳангию иҷтимоии инсон ба онҳо чунин сифатро мебахшад.

Ҳаминро бояд зикр кард, ки арзишҳои маънавӣ дар навбати худ дорои таркиби хеле мураккаб ва серпаҳлу буда, маҳсули муносибатҳои объективию субъективӣ, ки бар асоси дарку талошҳои татбиқи талаботу манфиатҳо ва мақсадҳо ташаккул ёфтаанд, мебошанд. Яъне ба таркиби арзишҳои маънавӣ метавон ҳамаи он арзишҳоеро, ки барои ташкили ҳаёти муносиби иҷтимоии инсон муҳиманд, дохил намуд. Аз ин мавқеъ, ба таркиби арзишҳои маънавӣ метавон, аз ҷумла арзишҳои хусусияти ахлоқӣ, зебоипарастӣ, илмӣ ва  эътиқодидоштаро мансуб донист. Онҳо ҳамчун самти қутбнамо барои ташаккули арзишҳои дигари барои ҳаёти дастаҷамъонаи инсон муҳим хизмат намуда, барои ташаккули шахсияти инсон, кушодани қобилиятҳои гуногуни ӯ баҳри ба зиндагии хушбахтона мушарраф шудан, шароит фароҳам меоранд.

Дар ин  раванд, яке аз унсурҳои муҳимми дар таркиби арзишҳои маънавӣ ҷойдошта ин арзишҳои ахлоқӣ ба шумор мераванд. Ахлоқ як шакли шуури ҷамъиятиест, ки муносибати байни одамонро ба танзим медарорад ва заминаи имконияти интихоби неку бадро барои инсон

фароҳам меорад. Ахлоқ шакли маънавию амалии азхудкунии воқеияти ҳаёти ҷамъиятӣ аз ҷониби инсон ба шумор рафта, ба воситаи эҷоду ташаккули арзишҳои муайян ба даст меояд. Маҳз дар ҳамин замина имконияти танзими рафтори иҷтимоии одамон муяссар мешавад, ки дар маҷмуъ мазмуну мундариҷаи зиндагии дастаҷамъонаи одамонро ташкил медиҳад. Аз ин ҷиҳат, ахлоқ зербинои муҳимми арзёбии инсон аз ҳодисаю предметҳо тавассути категорияҳои адолат, некӣ, шоистагӣ, бадӣ, зиштӣ, масъулият ва ғайра ба шумор меравад. Бинобар ин, ахлоқро ҷавҳари арзишию маъноии фарҳанг ҳисобида, бе он фарҳанг аз сифати гуманистии худ бенасиб мемонад.

Барои тасаввури пайкари муназзамии арзишҳои маънавӣ ва нақши онҳо дар ташаккули симои иҷтимоии инсон, пеш аз ҳама, мо бояд аз он мавқеъ ба масъала наздик шавем, ки инсон дар асл як мавҷуди пурра камолнаёфта ва муҳтоҷ ба ташаккулёбии ҳамешагӣ аст.[1] Тамоюли инсон ба камолотёбӣ барои амалишавияш дар ҳама гуна шароиту давраи инкишофи ҷомеа эҳтиёҷ ба ҷустуҷӯ ва дарёфти арзишҳои маънавиро дорад. Чун инсон дар ҷомеа умр ба сар мебарад, бинобар ин танҳо дар ҷомеа шахсияти ӯ ташаккул меёбад ва татбиқ мегардад. Шароиту муносибатҳои дар ин ҷода ӯро ҳамроҳбудаю иҳотакарда албатта ҳеҷ гоҳ наметавонанд идеалию мукаммал бошанд ва аз ин ҷиҳат талабот пайваста барои такмили онҳо дар асоси арзишҳои маънавӣ вуҷуд дорад. Мундариҷаи арзишҳои дар ҳар як давра истифодашаванда барои ба ин ҳадаф расидан барои мо худ гувоҳи он ҳастанд, ки чӣ гуна ҷомеа ва бо кадом сифатҳо дар ин марҳилаҳо бунёд шудааст. Яъне арзишҳои маънавӣ дар баробари дастовардҳои моддию истеҳсолии башарият, инчунин барои мо ба сифати далели муътамаде барои донистани мазмуну мундариҷаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, вазифаю ҳадафҳои ниҳодҳои амалкунандаи фарҳангию иҷтимоии марҳилаи муайяни таърихӣ мебошанд. Аз ин ҷиҳат, арзишҳои маънавӣ танҳо

---

[1] Проблема человека в западной философии [Текст]. – М.: Прогресс, 1988. – 554 с.

ифодакунандаи манфиату талаботҳои гурӯҳи алоҳидаю маҳдуди ҷомеа набуда, балки, дар маҷмуъ, ифодакунандаи талаботҳои куллию мутлақи тамоюли инкишоф, мақсаду талошҳои марҳилаи муайяни таърихӣ мебошанд.

Хусусияти эстетикии асарҳои санъатӣ яке аз ҷанбаҳои муҳимми ҳастии арзишҳои маънавии ҷомеаро ташкил медиҳанд. Бинобар ин, барои дар заминаи арзишҳои маънавӣ дарку фарогирии воқеияти ҷамъиятӣ нақши диду биниши зебоипарастонаи инсон низ хеле муҳим аст. Зебоипарастӣ ин соҳаи зуҳури шаклҳои ҳиссию тасаввурии воқеиятест, ки аз ҷониби инсон ва табиат пешкаш гардидааст. Ба шарофати он зимни бархӯрд бо воқеият инсонро ҳисси ҳаяҷон, шавқ, лаззат, тахайюлот ва ғайра фаро мегирад. Вале ҳисси зебоипарастиро бо ҳисси содаи ҳамшарикӣ яклухт кардан нашояд, зеро дарки эстетикӣ ҳамчун наздик ба дарки илмии воқеият ин амиқ фурӯ рафтан ба моҳияти ҳодисаю предметҳо мебошад. Ҳарчанд маҳсули дарки мазкур тавассути тасвирҳои образнок ифода меёбад ва дарки он на зарурияти истифодаи қобилияти ақлӣ, балки ҳиссӣ мебошад.

Бинобар ин, зимни дарки зебоипарастонаи воқеият на танҳо сифатҳои объективии ҳодисаҳо ба сифати мақсади асосӣ баромад мекунанд, балки чигунагии ба воситаи унсурҳои эҳсосотӣ баён шудани онҳо муҳим мебошад. Шакли олии инъикоси воқеият дар заминаи арзишҳои маънавӣ санъат ба шумор меравад. Бо чунин хусусияташ санъат ба рушди инсон ва ҷомеа таъсири хеле зиёд мегузорад. Зимни таъсири ғоявию эстетикӣ ба инсон санъат ӯро ба маҷрои фаъолияти дигаргунсозандаи иҷтимоӣ ворид сохта, ба иҷрои амалҳои созанда раҳнамун мекунад.

Дар таркиби арзишҳои маънавӣ бошад, эътиқоду бовармандиҳо низ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Бештари муҳаққиқон барои маънидоди ҷойгоҳи эътиқоду бовармандӣ дар пайкараи арзишҳои маънавӣ аз он дидгоҳ бармеоянд, ки инсон бо мушоҳидаи тағйирпазиру

ноустувор будани падидаҳои олами моддӣ ба натиҷае расида, ки эҳтимол берун аз ин олам фазое вуҷуд дошта бошад, ки барояш абадияту тағйирнопазирӣ хос бошад. Бо ин ӯ эҳсоси нотавонии худро дар муқобили маргу даргузар будани ҳаёти фардӣ ба даст оварда, арзишҳои муайяни диниро эҷод кардааст.

Дар ин ҷо ин нуктаро ҳам зикр кардан лозим аст, ки дар баъзе мавридҳо муҳаққиқони фарҳангшинос мафҳумҳои арзишҳои маънавӣ ва анъанаҳои маънавиро бо ҳамдигар яксон дониста, фарқияташонро аз ҳамдигар ҷудо намекунанд.[1] Вале, аз нигоҳи мо, ин ду мафҳум мустақил буда, робитаашон дар шакли мафҳумҳои хусусияти ҷинсӣ ва навъидошта зоҳир мегардад. Яъне мафҳуми арзишҳои маънавӣ бо фарогирии васеи мундариҷавияш нисбат ба мафҳуми анъанаи маънавӣ ҳамчун мафҳуми ҷинсӣ буда, мафҳуми анъана дорои хусусияти навъӣ аст. Зеро анъанаи маънавӣ шакли зуҳури шайъию ғайришайъии арзишҳои маънавиро ифода мекунад ва барои таъмини ҳастии арзишҳои маънавӣ хеле муҳиманд.

Барои дарки васеътари мазмуну мундариҷаи мафҳуми анъанаи маънавӣ дар ин ҷо шарҳу тавзеҳи онро муҳим медонем, зеро дар баҳсҳои минбаъда мо ин ду мафҳумро дар ҷойҳои зарурӣ дар шакли муносиб зуд-зуд мавриди истифода қарор хоҳем дод. Пеш аз ҳама, анъанаи маънавӣ яке аз унсурҳои сохтории фарҳанги ҳама гуна ҷомеа аст ва ба маънои васеъ он ҷузъи неруи маънавии ҷомеа ва афроди он мебошад. Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки анъанаи маънавӣ ҳангоми дар ду сатҳ таҷассум шудани он пешниҳод карда шавад: ҷамъиятӣ ва шахсӣ. Албатта, ҷудокунии ду сатҳи амалӣ кардани анъанаи маънавӣ танҳо бо методҳои онтологӣ ва эпистемологӣ мувофиқи мақсад аст: дар амал сатҳҳои объективӣ ва субъективӣ аз ҳамдигар ҷудонашаванда ва ба ҳам вобастагӣ доранд.

---

[1] Ерасов, Б.С. Социальное культурология [Текст] / Б.С. Ерасов. – М.: Аспект-Пресс, 1996. – 590 с.

Ин аз ду ҳолат муайян карда мешавад. Аз як тараф, муносибати муайянкунандаи арзишҳои сатҳи миллӣ ба сатҳи ҷомеа ва шахсияти субъект ва аз тарафи дигар, - сатҳи субъект ва сатҳи объект низ метавонад баръакс сатҳи миллиро муайян кунад. Нақши муайянкунандаи сатҳи объективӣ дар онтологияи анъанаи маънавӣ аз огоҳӣ ва баҳодиҳии вазъи падидаҳои берунӣ ва дохилӣ чи дар ҷаҳон ва чи дар давлати алоҳида иборат аст. Бо вуҷуди ин, мушкилоти марбут ба ихтилофҳои мавҷудаи фарҳангию иҷтимоӣ дар ҳолати равонӣ-эмотсионалии субъектҳо хуб инъикос карда намешаванд, ки онҳо бояд тавассути чораҳои мувофиқ сари вақт дар сатҳи ҷомеа ва давлат изҳор карда шаванд.

Дар тӯли ҳаёти ҷомеа аҳолии давлати алоҳида, анъанаҳои онҳо таҳти таъсири як қатор шароитҳои объективӣ ва субъективӣ дигаргун мешаванд. Шароитҳои объективӣ дар заминаи моддӣ ва иқтисодӣ зоҳир мешаванд, ки дар онҳо сифатҳои иҷтимоии шахс, муносибатҳои сиёсӣ ва низоми ҳокимияти давлатӣ, дар сохтори ҷомеа ва муносибатҳои байни кишварҳо, синфҳо ва миллатҳо вобастагӣ доранд. Дар ин раванд, идеологияи иҷтимоӣ ва омили маънавии рушди ҷомеа аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Ҳамин тариқ, ба шароитҳои субъективӣ бошад, дуруст мебуд, ки дарки субъективӣ ва амиқи огаҳии субъектҳои ҷамъиятӣ аз зуҳуроти воқеии иҷтимоӣ, аз ҷумла фаъолияти маънавӣ барои табдил ё нигоҳдории дақиқи онҳоро қабул намуд. Амалисозии анъанаи маънавӣ бошад, бо шароити зерини субъективӣ муайян карда мешавад: фаъолияти давлатӣ-сиёсӣ, сатҳи кори иҷтимоӣ, сифати тарбияи субъектҳои иҷтимоӣ ва худи шахсият, идеалҳои ахлоқӣ ва эстетикии он, самтгирӣ ва худтанзимкунӣ.

Бояд зикр кард, ки амалисозии анъанаи маънавӣ танҳо дар доираи идеал наметавонад рух диҳад, дар сурате ки сиёсат, иқтисод, илм ва соҳаи иҷтимоӣ сарфи назар карда шаванд. Тибқи методологияи таҳлили

иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа дар якҷоягӣ бо унсурҳои соҳаи маънавӣ муайян кардани дигар хусусиятҳои воқеияти иҷтимоӣ, ки шаклҳои воқеӣ доранд, пешбинӣ карда мешавад.

Маврид ба зикр аст, ки маҷмуи омилҳои берунӣ ва дохилӣ ба фард таъсири амиқ мерасонанд ва дар ташаккули шахсият саҳми беандоза доранд. Аммо, ин омилҳо кофӣ нестанд. Азбаски ҳар як анъана иборат аз таҷриба, дониш, арзишҳои маънавӣ ва ғайра мебошад, бояд он дар ҳар давру замон гирдоварӣ ва интиқол дода шавад. Албатта механизми интиқоли дониш ин як раванд аст, ки ба воситаи осори илмиву бадеӣ, тарҷумаи он ва ба тариқи омӯзиши таҷриба аз як насл ба насли дигар сурат мегирад. Аз ин рӯ, ин ва ё он ҷанбаи ин механизмро наметавон дар алоҳидагӣ шарҳу тавзеҳ дод ва ё онро ҷудо тасаввур намуд. Ин раванди пурра ва гуногунҷанба мебошад.

Чуноне ки муҳаққиқи рус Т. В. Лобанова зикр мекунад: «Аз ҷиҳати мазмун ва хусусияташон анъанаҳо ҳамчун стереотипҳои фаъолият (қолабҳои муайян ё муқарраргардида) ва тарбия аз ҳам фарқ мекунанд».[1] Яъне дар ин ҷо ду ҳолатро метавон аз ҳам фарқ намуд. Дар ҳолати аввал, он таҷрибае, ки ҳамчун анъана аз наслҳои гузашта ба насли ҳозира интиқол ёфтааст, мебошад. Дар ин ҷо метавонем маросими тӯй ва ё маросими дафнро мисол орем. Дар ҳолати дуюм бошад, таҷриба ё ҳофизаи таърихии гузашта барои насли муосир ҳамчун анъанаи тарбиявӣ метавонад хидмат намояд.

Ҳамзамон, вобаста ба ин ба ақидаи муҳаққиқон «яке аз ҷузъҳои мушаххаси «анъанаҳо - хотираҳо» анъанаҳои таърихӣ - хотираи ҷомеаи мушаххаси иҷтимоӣ дар бораи рӯйдодҳои муҳимми таърихии он

---

[1] Лобанова, Т.В. Основные подходы к изучению проблемы традиции. Социология и социальная работа [Текст] / Т.В. Лобанова // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. Серия Социальные науки. – 2008. – №1 (9). – С.72.

мебошад. Хусусияти асосии ин анъана дар он аст, ки моҳияти он бештар ба рӯйдодҳои таърихӣ алоқаманд мебошанд».[1]

Чи тавре ки аз таҳлили дар боло анҷомдода медонем, арзишҳо гуногунанд. Арзишҳо метавонанд маънавӣ, моддӣ, табиӣ ва ғайра бошанд. Вобаста ба ҳар шакли арзишҳо намуди муайяни интиқоли онҳо хос аст. Арзишҳои моддӣ бошанд, ба воситаи «мероси мустақим» аз як насл ба насли дигар мегузаранд. Арзишҳои маънавӣ бошанд, ба таври хаттию шифоҳӣ таҳвил меёбанд. Дар раванди интиқоли анъанаҳо як масъалаи муҳимро бояд дар назар гирифт, ҳар як ҷомеа аз намояндагони касбу кори гуногун, қишрҳои иҷтимоӣ, халқу миллатҳои гуногун иборат мебошад, ки ҳар як кадоми онҳо дар худ дарбаргирандаи фарҳанг ва расму оини хос мебошанд. Аз ин рӯ, дар ин маврид мо наметавонем ҳар як ҷомеаро ҳомили як анъанаи ягона низ ҳисоб намоем.

Вобаста ба ҳамин ҳам, баъзе муҳаққиқон интиқолёбии анъанаҳои дар ҷомеа бударо ба анъанаҳои «бузург» ва «хурд» ҷудо намудаанд. Имрӯз низ ин назария дар илмҳои фарҳангшиносӣ ва гуманитарӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Махсусан ин назария дар муқоисаи сатҳи фарҳангҳои гуногун дар ҷомеа истифода мегардад. Ба «анъанаи бузург» мероси классикӣ, аз ҷумла китобҳои муқаддас, осори адабӣ, шаклҳои иҷтимоӣ, сохторҳои сиёсӣ ва инчунин шаклҳои муқарраршудаи шуури таърихиро дар бар мегирад.[2] Ин фарҳанг тавассути инъикоси маънавиёт ва тафаккури баҳсомез ташаккул ёфта, онро огоҳона инкишоф медиҳад ва ба низом даровseparда, интиқол медиҳад. «Анъанаи бузург» таълимотҳо, фалсафа, принсипҳои эстетикӣ ва ахлоқӣ, ки моҳиятан дониш, маънавиёт ва арзишҳои волои ин тамаддунро ифода мекунанд, дар бар мегирад. «Анъанаи бузург» бо мурури замон ба

[1] Плахов, В.Д. Традиции и общество: опыт философско-социологического исследования [Текст] / В.Д. Плахов. – М.: Мысль, 1991. – С.361.

[2] Ерасов, Б.С. Традиция и новация в социокультурном процессе [Текст] / Б.С. Ерасов. – М.: ИНИОН, 1998. – С.122.

зинаҳои поёнтар рафта, вобаста ба шароит ва ҳолат метавонад мазмуни худро тағйир диҳад, вале он рамзи асосии худро нигоҳ медорад.

«Анъанаи хурд» бошад, аслан бо фарҳанги мардум омезиш ёфта, аз расму оинҳо, эътиқод ва воситаҳои тасвирии мардуми одӣ иборат мебошад. «Анъанаи хурд» дар асоси урфу одатҳо ташаккул ёфта, ба навовариҳо баъзан муқовимат мекунад, ба таври сода ба тағйирот дода намешавад ва бо роҳҳои махсус интиқол дода намешавад. Ин анъана вариантҳои гуногуни маҳаллии танзими иҷтимоӣ ва маънавиро дар бар мегирад. Ҳар як гурӯҳи иҷтимоӣ усулҳои интиқоли анъанаҳои худро дорад, ки аз ҳамдигар аз лиҳози нутқ, хат, оин, дастрасӣ ба гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ фарқ мекунад.

Иддае аз муҳаққиқон таъкид менамоянд, ки гурӯҳҳои иҷтимоӣ бо хусусиятҳои хоси худ аз ҳам фарқ мекунанд: «Ақидае вуҷуд дорад, ки гурӯҳи иҷтимоӣ аз дигарон на танҳо аз ҷиҳати фаъолияташ фарқ мекунад, балки анъанаи худро дорад, ки далели он ишғоли мавқеи муайян дар ҷомеа мебошад. Ин анъана дар доираи ин гурӯҳи иҷтимоӣ аз насл ба насл мегузарад».[1] Чунин андешаро муҳаққиқи ватании мо Пиров А. К. низ дар таълифоти худ ҷонибдорӣ менамояд.[2] Ӯ барои ифодаи ин масъала мафҳуми «хурдфарҳангҳо»-ро истифода мебарад.

Нуктаи муҳимми дигаре, ки дар доираи муносибати коммуникатсионӣ ба он таваҷҷуҳи кофӣ дода мешавад, ба мушкилии тағйири арзишҳои маънавии аз насл ба насл интиқолдодашуда вобастагӣ дорад. Ба ин маъно, ки як идея дар натиҷаи аз насл ба насл гузаштан дигар гардидааст ва ё моҳияти худро гум кардааст. Худи арзишҳои маънавӣ низ ҳамеша дар ҳоли тағйир мебошанд ва аҳамияти худро баъзан гум мекунанд. Ин раванд бо сабаби ворид шудани онҳо аз як

---

[1] Хальбвакс, М. Социальные классы и морфология [Текст] / М. Хальбвакс. – М.: Алетейя, 2000. – С.89.

[2] Пиров, А.К. Особенности трансформации этнокультурных взаимодействий в общественной жизни Таджикистана [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Пиров Аламшо Каримович. – Душанбе, 2010. – 144 с.

марҳила ба як заминаи дигари таърихӣ сурат мегирад. Масалан, К. Маркс чунин мешуморад, ки “ҳама гуна дастовардҳои давраи пешина, ки дар давраи баъдӣ ҳал гардидаанд, ин ҳамон чизи куҳнаи нодуруст фаҳмидашуда мебошад...”.[1]

Бо вуҷуди ин, маҳз ҳамин «куҳнаи нодуруст фаҳмидашуда» ё «бозгашт ба асосҳо» дар интиқоли арзишҳои маънавӣ ҳамчун қоида ҳисоб мееёбад. «Бозгашт ба асосҳо» ин танҳо канор рафтан аз тафсири ҳатмии ҳозира ба хотири эҷоди нав, на ҳамеша содиқона аст. Интиқоли арзишҳои маънавӣ ин метаморфоз (ташаккулёфтагӣ) аст, агар мо ин истилоҳро дар равандҳои иҷтимоӣ шартан истифода барем. Метаморфоз истилоҳи биологӣ аст, ки маънояш «аз як шакл ба шакли дигар даромадан» мебошад. Дар робита ба ин, дар доираи равобити коммуникатсионӣ, муҳаққиқон чунин масъалаҳои муҳимро, ба монанди муносибатҳои муҳиммеро оид ба омӯзиши масъалаи арзишҳои маънавӣ, мушкилоти тафсири анъанаҳо, мушкилоти тағйирёбии вазифаҳои арзишҳои маънавӣ ва ғайра ба миён мегузоранд.

Муносибати дигар ба омӯзиши мушкилоти ҳудудгузории мушаххас байни арзишҳои маънавӣ ва анъана дорои ҷанбаи объектӣ мебошад. Чунин муносибат маънои онро дорад, ки диққати муҳаққиқ ба муайян кардани моҳият, ҳудуд, хусусият, сохтори анъана равона шудааст. Яке аз масъалаҳои калидии муносибати объектӣ муайян кардани робитаи байни мафҳумҳои «фарҳанг» ва «анъана» мебошад. Барои ба ин саволҳо ҷавоби аниқ додан, моро зарур аст, ки мафҳумҳои «фарҳанг» ва «анъана»-ро шарҳ диҳем. Масалан, Эдуард Сепир (1884-1939) забоншинос ва фарҳангшиноси амрикоӣ, мафҳуми «фарҳанг»-ро чунин шарҳ медиҳад: "Фарҳанг ин маҷмуи таҷриба ва эътиқодҳоест, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ ба мо мерос мондааст ва сохтори ҳаёти моро муайян мекунад". Раймонд Лоуи (1893-1986) рассоми фаронсавӣ бошад, "фарҳангро маҷмуи

---

[1] Маркс, К. Восемнадцатое брюмера Луи Бонапарта [Текст] / К. Маркс. – М.: Издательство политической литературы, 1985. – С.72.

анъанаҳои иҷтимоӣ» медонад.[1] Ралф Линтон, фарҳангшиноси дигари амрикоӣ, фарҳангро «меросбари оммавӣ номида, онро ҳамчун истилоҳ ифодакунандаи маҷмуи мероси ҷамъиятии инсоният меҳисобад».[2]

Дар таърифҳое, ки дар боло зикр кардем, мавқеи фаъоли ҳаёти шахс дар ҷараёни қабулу пайравӣ аз арзишҳои маънавӣ ба назар гирифта намешавад, шахс ба интиқолдиҳандаи ғайрифаъоли анъанаҳои фарҳангӣ табдил меёбад. Дар интиқоли ҳар як мерос мафҳумҳои «фарҳанг» ва «анъана»-ро муайян сохта, чунин мешуморанд, ки доираи анъана нисбат ба фарҳанг хеле маҳдуд аст: фарқияти ин ду соҳа доимӣ нест ва он вобаста аз дараҷаи устувории фарҳанг фарқ мекунад. Воқеан, вақте ки мо дар бораи анъанаҳои як ҷомеа сухан мегӯем, мутмаъин ҳастем, ки як қисми фарҳанги он аз наслҳои пешин қабул шудааст. Нуктаи дигаре, ки бояд дар доираи муносибати объективӣ ба омӯзиши масъалаи анъана диққат дода шавад, вобастагии таърифи мафҳуми анъана аз фарҳанг мебошад. Дар ин ҷо мо метавонем моҳияти материализми таърихиро ҳамчун мисол орем. Дар он гуфта мешавад, ки ҷузъи муҳимтарини анъанаи ҷомеа ин заминаи иқтисодӣ мебошад. Фаъолияти ҳама гуна ҷомеа ба «натиҷаи» моддии зинаҳои пешрафтаи рушд асос ёфтааст. Масалан, Эмил Дюркгейм (1858-1917) - файласуф ва ҷомеашиноси фаронсавӣ анъанаро танҳо дар доираи тафаккури коллективӣ баррасӣ мекард.[3]

Дар ин  робита консепсияи арзишҳои маънавии М. Мосс - этнограф ва ҷомеашиноси фаронсавӣ (1872-1950) бошад,  ба  ин исрор менамояд, ки арзишҳо танҳо ба соҳаи муайян, аз ҷумла эътиқодҳо ва расму оинҳо хос набуда, балки онҳо метавонанд ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёт хос бошанд, аз ҷумла  ба технология, иқтисодиёт, санъат ва ғайра. Ӯ муътақид аст, ки на

---

[1] Арутюнов, С.А. Обычай, ритуал, традиция [Текст] / С.А. Арутюнов. – М.: Наука, 1997. – С.34.

[2] Линтон, Р. Личность, культура и общество [Текст] / Р. Линтон. – М.: Вирио, 2001. – Т.3. – С.49.

[3] Дюркгейм, Э. О разделении общественного труда [Текст] / Э. Дюркгейм. – М.: Канон, 1996. – С.123.

танҳо принсипҳои динӣ ва ахлоқӣ, ки дар сухан ифода ёфтаанд, аз насл ба насл мегузаранд, балки ҳаракатҳо, имову ишора, рефлексия ва эҳсосот интиқол меёбанд. Аз ин рӯ, ҳама падидаҳои фарҳангию иҷтимоиро аз нуқтаи назари арзишҳо метавон мавриди таҳқиқ қарор дод.[1]

Ҳамин тариқ, хусусияти дарки арзишҳои маънавӣ дар мавриди муайян намудани алоқамандии он бо низоми ақидаҳо дар бораи ҷомеа ва фарҳанг зич алоқамандӣ дорад. Маълум аст, ки моҳияти тафсири арзишҳои маънавӣ аз принсипҳои методологии муҳаққиқи алоҳида вобаста набуда, балки он ба талаботҳои объективии рушди маънавиёти ҷомеа вобаста аст. Масалан, дар ҳоле ки барои дигаргуниҳо ва навовариҳои иқтисодиёт метавон сухан гуфт, ки ҳастии он ба баъзе ҷузъиёти арзишҳои маънавӣ вобастагӣ дорад. Дар фаҳмиши ин масъала ду нуқтаи назар мавҷуд аст. Нуқтаи назари якум дар таълимоти марксистӣ баррасӣ шудааст. Тибқи он истеҳсолоти моддӣ дар ҷамъият мақоми муайянкунанда дошта, аз ҷумла вазъ ва пешомадҳои рушди фарҳангро низ муайян менамояд. Мувофиқи фаҳмиши материалистонаи таърих одамон пеш аз он, ки ба илм, сиёсат, фалсафа ва дин шуғл варзанд, бояд хӯрока, либос ва манзил дошта бошанд, яъне онҳо қаблан неъматҳои моддӣ истеҳсол намоянд. Фарҳанг ва арзишҳои маънавии онро ташкилдиҳанда бошад, аз иқтисодиёт бармеояд, вале марксизм таъсири мутақобилаи арзишҳои маънавиро ба иқтисодиёт низ инкор намекунад.

Нуқтаи назари дуюм дар фалсафаи иҷтимоӣ дар таълимоти ҷомеашиносон М. Вебер, Э. Дюркгейм ва дигарон ифода ёфтааст. Ба ақидаи онҳо, маҳз фарҳанг ва арзишҳои маънавии онро ташаккулдиҳанда дар ҷамъият мақоми муайянкунандаро доранд. Арзишҳои маънавӣ ва фарҳанг омилҳое ба шумор мераванд, ки ба вазъи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла иқтисодиёт таъсир марасонанд, равандҳои инкишофи онро муайян месозанд.

---

[1] Мосс, М. Общества, обмен, личность [Текст] / М. Мосс. – М.: Наука, 1996. – С.76.

Аз ин рӯ, бояд зикр намуд, ки қисмати назарраси фарҳанги ҳар як ҷомеа аз наслҳои гузашта ба мерос мондааст, аммо танҳо баъзе аз урфу одатҳо, ниҳодҳо, қонунҳои ба мерос гирифташуда анъана мешаванд, истифодаи ин истилоҳ маънои арзёбии унсури интиқолшударо дорад. Ниҳоде анъанавӣ мегардад, ки дар гузашта вуҷуд дошт ва намояндагони ҷомеаи мушаххас мехостанд, ки он дар оянда вуҷуд дошта бошад. Дар асл анъана худи ниҳод нест, балки боварӣ ба арзиши он аст.[1] Маҳз дар доираи ин муносибат, ҳангоми омӯзиши арзишҳои маънавӣ муҳим нест, ки он чи аз гузашта боқӣ мондааст нигоҳ дошта шавад, балки ин унсурҳои ҳифзшуда ҳоло чӣ гуна арзёбӣ мешаванд. Истифодаи истилоҳи "арзиш" дар доираи аксиологӣ нақши муосири баъзе унсурҳои анъана ва инчунин таваҷҷуҳи аъзои ҷомеаро ба онҳо таъкид мекунад. Унсурҳои арзишҳои маънавиро ташаккулдиҳанда ба анъанаи ҷомеа марбутанд, дар сурате ки ин ҷомеа омода бошад онҳоро ҳамчун намунаҳои мувофиқи рафтор ва тафаккур ҳимоя кунад. Аз ин рӯ, барои ин ҷомеа дар раванди марҳалаҳои таърихӣ на танҳо аҳамияти ин намунаҳо муҳим аст, балки ба он баҳодиҳии мусбии мансубияти онҳо низ зарур мебошад. Ба ибораи дигар, анъана як намуди махсуси арзишҳоест, ки дар ҳимояи онҳо метавон ба гузаштаи аввали он муроҷиат кард. Дар робита ба ин, дар мавриди дарки анъана якчанд саволҳои муҳим ба миён меоянд: давомдорӣ ва дигаргуншавии анъана, номутобиқатӣ ва дигаршавии тамоюлҳои арзишӣ, мушкилоти мавқеи фардии шахс дар раванди қабул намудани ин ва ё он арзиши маънавӣ.

Дар сатҳи объективӣ бошад, субъекти амалисозии арзиши маънавӣ ниҳодест, ки ваҳдату тақсимоти қувваҳои истеҳсолии ҷомеаро ифода мекунад. Объекти таъсири давлат ба ташаккули анъанаи маънавӣ, дар аввал на танҳо анъанаи маънавӣ, балки тамоми шаклҳои шуури

[1] Поппер, К.Р. Предположения и опровержения: Рост научного знания [Текст] / К.Р. Поппер. – М.: ООО «Издательство АСТ»: ЗАО НПЛ «Ермак», 2004. – С.24.

ҷамъиятӣ мебошад. Дар сатҳи умумӣ-иҷтимоӣ, самтҳои маънавии субъектҳоро мувофиқи асосҳои зерин метавон тасниф намуд:

- нисбат ба давлат ва ҷомеа: худшиносии фард бо ин кишвар, марзу бум ва фарҳанги он, ки он ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии ӯро баланд бардошта, омодагиашро бахри ҳимояи манфиатҳои давлатӣ ва миллӣ равона мекунад;

- доир ба худшиносии фард (субъект) ба меҳнат, интизомнокӣ, маҳорату истеъдод, меҳнатдӯстӣ, пуртоқатӣ, фарҳанги муносибат бо кормандон ва тарбияи эҷодкории фардӣ ва ғ.;

- муносибат нисбат ба дигарон: шахси намунавӣ будан, садоқат ва эҳтиром ба анъанаҳои ташкилот, адолат, поквиҷдонӣ, шаъну шараф, риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва ғ.;

- ҳамбастагӣ, худбаҳодиҳии мувофиқ, барои камолоти касбӣ кӯшиш намудан, қобилияти ба таври амалӣ қабул кардани танқид нисбат ба худ ва ғайра.

Маълум аст, ки дар ҳар марҳалаи таърихӣ вобаста ба вазъи сиёсӣ ва дигаргуниҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ таҷдид ва дигаргуншавии арзишҳои маънавӣ сурат мегирад. Маҳз дар чунин ҳолат субъект, ҳамеша барои рушду такомули худ кӯшиш менамояд, нақши муҳим мебозад. Дар амалисозии анъана, махсусан анъанаи маънавӣ, ҳадафи мо низ ҳамин аст, нақши субъект бузург аст. Субъект дар ин амалисозӣ ҳам субъект ва ҳам объект аст. Чунки муносибатҳои маънавӣ бевосита ба фард, ки ҷузъи ҷомеа аст, ба олами маънавии он таъсири амиқ мерасонад, ки нишонаҳои он ҳадафҳо ва вазифаҳои фард мебошанд.

Яъне, дар ин ҷо ҳамин нуктаро бояд дарк намуд, ки муайян намудани субъект ва объект як раванд мебошад. Ин раванд барои ташаккули субъект нигаронда шудааст, ки аз дарки объект аз ҷониби субъект шуруъ мегардад ва онро ба марҳалаи ташаккул мерасонад, ки дар ин ҷараён ҳамон арзишҳои маънавӣ пурра ва такмил меёбад.

Дар марҳилаи аввал, дар зери таъсири фаъолияти иҷтимоӣ, таҷрибаи шахсӣ, иҷтимоишавии шахс ва дарки арзишҳои асосии маънавии ҷомеа аз ҷониби субъект сурат мегирад. Ин арзишҳо ва ғояҳо анъанаро ташкил медиҳанд. Яъне бевосита тавассути онҳо субъект (фард) вазифаи тахассусии худ, қарзи шаҳрвандии худро нисбат ба шуғли худ ва ҷомеа, оила ва давлат эҳсос менамояд. Ин раванд омили асосӣ барои ташаккули сифатҳои иҷтимоии шахс ва арзишҳои маънавии он аст.

Дар ин ҷо мо бояд як нуктаро зикр намоем, ки шахс дар баробари мавҷуди маънавӣ будан, ӯ ҳамчун мавҷуди биологӣ ва иҷтимоӣ мебошад.[1] Шахс дар ҳолате шахси фаъол ё субъекти фаъоли ҷомеа мегардад, ки ӯ ниёзҳои худро бо имкониятҳои дастрас, вобаста ба воқеияти объективӣ муқоиса мекунад. Яъне фаъолияти худро дар асоси ҳадафҳо ва манфиатҳои муайяни худ амалӣ менамояд, ба монанди ғояҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ.

Дар асоси эътироф ва қабули арзишҳои маънавӣ давлат ва ҷомеа, дар якҷоягӣ бо идеалҳо ва эътиқодоти арзиши субъективӣ, худшиносӣ ва иҷтимоишавӣ фаъолияти огоҳона ва фаъоли субъект мебошанд. Дар ин ҳолат, бо ёрии он ташаккул ва инкишофи сифатҳои мусбӣ ва сифатҳои манфӣ ба субъект хос мебошанд.

Фард метавонад эътиқод ва ҷаҳонбинии худро тағйир диҳад, ҳадафмандона ба олами ботинии худ таъсир расонад. Вай мавқеъ ва одатҳои ахлоқии худро тағйир дода, ҳамин тавр муносибати худро ба воқеияти олами гирду атроф, инчунин муносибати худро ба тамоюлҳои арзишӣ ташаккул медиҳад. Худшиносӣ, худтанзимкунӣ ва иҷтимоишавии шахс (субъект) бояд хусусияти фаъолияти худро дар самти татбиқи сифатҳои субъективӣ, инчунин муносибати арзиш ба

---

[1] Наврузов, С. Духовенство и потребительство [Текст] / С. Наврузов. – Душанбе, 2014. – 246 с.

вазифаи касбии худро мутобиқи тамоюли пурзӯр намудани талабот ба салоҳият ва шахсияти субъект расонад.

Агар худтанзимкунии шахс ба мазмуни анъанаҳои маънавии ҷомеа ва давлат мувофиқат кунад, барои рушди сифатҳои мусбии шахсӣ, умумиичтимоӣ ва касбӣ заминаи ташаккулёбанда ба вуҷуд омадааст. Маълум аст, ки ин барои такмил додани олами ботинии шахс дар ҷомеа заминаи воқеӣ мегузорад. Албатта фаъолияти шахс дар ҷомеа дар доираи рӯҳи ҷомеа, тафаккури анъанаи маънавӣ ва дар доираи қарзи тахассусии вай сурат мегирад.

Ҳангоми муайян кардани параметрҳои арзёбии сатҳи ташаккули маънавӣ як чизро ба назар бояд гирифт, ки ҳамаи он арзишҳои иҷтимоӣ, касбӣ ва маънавие, ки дар ҷомеа вуҷуд доранд, ба ҳам хеле омехта шудаанд ва рӯҳияи ҷомеаро ифода мекунанд, ки ҷудо ва таҷзия намудани он хеле ҳам мушкил аст. Аз дигар тараф, нишондиҳандаи ташаккули арзиши маънавӣ ҳамчун муносибати байни субъект (шахс) ва ашё (давлат) амал мекунад, ки ӯро ба фаъолияти ҳавасмандкунандаи истеҳсолӣ водор месозад.

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло муайян кардани сатҳи воқеии дарки мазмуну мундариҷаи арзишҳои маънавӣ дар шуури субъективӣ имконпазир аст. Сатҳи баланди он дар ҳалли босифати масъалаҳои таҳсил, риояи қонунгузорӣ, интизоми намунавии меҳнат, шарикӣ ва ёрии мутақобилаи одамон ба якдигар ба назар гирифта мешавад, ки неруи маънавии ӯро дар рушди сифатҳои субъективӣ баланд мебардорад.

**Хулоса,** арзишҳои маънавӣ дар қабатҳои гуногуни муносибату фаъолияти амалии инсон, новобаста аз он ки онҳо дар кадом соҳа сурат мегиранд, вуҷуд доранд. Бидуни мавҷудияти онҳо ҳадафмандона будани ин гуна фаъолиятҳо душвор ва тасаввурнопазир мегардад. Чунин хусусияти объективӣ доштани арзишҳои маънавӣ дар ҳеҷ сурат маънои пурра инкор ва аз мадди назар дур кардани таъсири ҷанбаи субъективиро дар ташаккулу татбиқи онҳо надорад. Балки, баръакс

падидаю предметҳои олам, аз ҷумла арзишҳо ҳастияшонро ба шарофати кӯшишҳои ба воқеият пайвастани талошу майлҳои субъективии одамон ба даст меоранд. Дар ҳамин асос онҳо ба объект ва воситаҳои амалияи одамон табдил ёфта, барои қонеъ гардонидани талаботҳои онҳо, ҷавоб додан ба манфиату майлҳои гуногунашон хизмат менамоянд. Яъне ба шарофати алоқамандии ногусастанӣ доштанашон бо амалияи ҷамъиятӣ арзишҳои маънавӣ хусусияти объективии худро пайдо мекунанд.

Арзишҳои маънавӣ дорои таркиби хеле мураккаб ва серпаҳлу буда, маҳсули муносибатҳои объективию субъективӣ, ки бар асоси дарку талошҳои татбиқи талаботу манфиатҳо ва мақсадҳо ташаккул ёфтаанд, мебошанд. Яъне ба таркиби арзишҳои маънавӣ метавон ҳамаи он арзишҳо ва шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, аз он ҷумла фарҳанг, фалсафа, дин, маориф ва илм, ки барои ташкили ҳаёти муносиби иҷтимоии инсон муҳиманд, дохил намуд. Аз ин мавқеъ, ба таркиби арзишҳои маънавӣ метавон, аз ҷумла арзишҳои хусусияти ахлоқӣ, зебоипарастӣ, илмӣ ва эътиқодидоштаро мансуб донист.

## 1.2. Арзёбии хусусияти ташкили истеҳсолоти маънавӣ дар ҳаёти ҷамъиятии ҷомеаҳои муосир

Ҳузури арзишҳои маънавӣ дар фазои ҷамъиятӣ дар шакли омили ташаккулдиҳии муносибатҳои гуногунҷанба одатан аз омилҳои гуногун, аз ҷумла истеҳсолоти маънавӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Ҷомеа тавассути муназзамии раванди истеҳсолоти маънавӣ қудрати беҳтари идораи рафтори иҷтимоӣ ва назорату таъсиргузории ҳадафмандонаро аз тамоюлоти печидаи шуури ҷамъятӣ пайдо мекунад. Бинобар ин, истеҳсолоти ҷамъиятӣ раванди хеле мураккаб буда, вобаста ба хусусияти низоми муайяни иҷтимоӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад.

Арзишҳои маънавӣ, дар маҷмуъ, маҳсули истеҳсолоти маънавӣ ба шумор меравand. Зеро, вақте ки сухан оид ба хусусиятҳои арзишҳои маънавии ҷомеа меравад, аз нигоҳи фарҳангшиносӣ мо, пеш аз ҳама, истеҳсолоти маънавии дараҷаи муайяни рушди ҷомеаро дар назар дорем. Берун аз ин вобастагӣ мо ташаккули худ ба худи арзишҳои маънавиро тасаввур карда наметавонем ва агар чунин иқдоме ҳам амалӣ гардад, он натиҷаи мусбат нахоҳад дошт. Вагарна мо метавонистем бидуни инкишоф додани истеҳсолоти маънавии маҷмуи арзишҳои маънавии яксон бо арзишҳои маънавии ҷомеаҳои рушдёфтаи саноатиро дар шуури мардуми худ ҷой дода, ҷомеаро ба куллӣ дигаргун созем. Чунин иқдомҳо дар садаҳои гузашта бо мурури ташаккулёбии давлатҳои миллӣ дар таҷрибаи ҷомеасозии баъзе кишварҳо ҷой дошт, вале онҳо ба нокомӣ рӯ ба рӯ шуданд. Гувоҳи он таҷрибаи таърихию фарҳангии Эрони замони шоҳ Паҳлавӣ ва як қатор кишварҳои арабӣ мебошанд.[1]

Донишманди тоҷик, академик Муҳаммадҷон Шакурӣ зуҳури чунин таҷрибаи фарҳангсозиро дар марҳилаи инкишофи даврони шӯравии кишвари мо низ зикр кардааст: «Агарчи ҷомеаи тозаи мо ҷомеаи имрӯзӣ буда, тибқи ҳама шароити қарни бист ва бисту як, аз садаҳои миёна ба

---

[1] Таърихи тамаддун ва фарҳанги ҷаҳон [Матн]. – Душанбе, 2016. – Ҷ.3-4. – С.34; Крёбер, А.Л. Избранное: Природа культуры [Текст] / А.Л. Крёбер. – М.: РОССПЭН, 2004. – С.67.

куллӣ фарқ хоҳад кард, моҳиятан ҷомеаи маънавибунёд хоҳад буд. Агар ҳар се омили иҷтимоӣ - фарҳанги маънавӣ, фаъолияти иқтисодӣ ва қудрати сиёсӣ мавқеи баробар ёбад, аз бунёд шудани чунин ҷомеа умед ҳаст. Лекин, агар яке аз ин омилҳо, масалан давлат, хусусан ду омил - сохтори иқтисодӣ ва зӯроварии давлат бартарӣ ёбад, имконоти маънавии ҷомеа коҳиш ёфта, барои густариши моддигароӣ ва ҳиссиёти дур аз одамият ҳар рӯз роҳе кушода хоҳад шуд. Он гоҳ маънавиёт танҳо ба якду гурӯҳи мардум, танҳо ба равшанфикрон ва баъзе болонишинон ихтисос хоҳад ёфт ва миёни «аҳли зиё» ва «авоми торикназар» фосилае фоҳиш пайдо шуда, дар як қутб «ашрофи ақлонӣ» ва дар қутби дигар «халқ» қарор ёфта, байни онҳо ҷудоӣ ва зиддияту бархӯрд хоҳад афзуд. Ҷудоии миёни зиёиён ва халқ дар замони шӯравӣ аз ҷомеаи Русия ба ҷомеаи тоҷикон ҳам сироят кард. Дар Тоҷикистон ҳам нависандагон, бастакорон, рассомон ва дигар зиёиён, масалан ба маъракаи пахтачинӣ сафарбар мешуданд, то ки дар байни долу зарби кор «бо халқ бошанд», аз зиндагии вай огоҳӣ пайдо кунанд. Ва ҳол он ки сад сол пештар аз ин дар ҷомеаи тоҷикон фарқи азиме миёни зиёиён ва мардуми оддӣ вуҷуд надошт, зарурияти «миёни мардум рафтан» ва «халқро омӯхтан» пеш намеомад».[1]

Ҳамин тариқ, истеҳсолоти маънавӣ ҳам аз рӯи шакл ва ҳам аз лиҳози муҳтаво хеле гуногунранг аст. Он таҳти таъсири таҷрибаҳои таърихӣ, шароитҳои моддии мавҷудияти ҷомеа, вазъияти ҳаёти сиёсӣ, ки рӯзафзун рӯ ба дигаргуншавиянд, доиман тағйир мепазирад. Андаруни соҳаи истеҳсолоти маънавӣ низ муносибатҳои хеле мураккабу пуртазод байни фалсафаю дин, илму фалсафа, илму дин арзи ҳастӣ менамоянд. Вобаста ба ҳадафҳои рушди ҷомеа ҷойгоҳи онҳо дар истеҳсолоти маънавӣ низ пайваста дигаргун мешавад ё ин ки мазмуну мундариҷаи навро ба худ касб мекунад.

---

[1] Шакурӣ, М. Хуросон аст ин ҷо: маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Дониш, 2009. – С.79.

Муносибатҳои мутақобилаи онҳо аз ин ҷиҳат мавзуи фароху мураккабест, ки тӯли таърих таҳлил намудани он аз баҳси мо хориҷ аст. Фақат метавон гуфт, ки дар давраи парастиши илм (хосатан дар қарни 19 - ниммаи аввали асри 20), вақте он мекӯшид қобилияти фарогири (универсалии) худро дар ҳалли мушкилоти дилхоҳ таъйид кунад, фалсафаю дин аз ҷониби он фишори қавиеро эҳсос мекарданд. Аз ҷумла фалсафаро мехостанд ба илми ҳақиқӣ табдил диҳанд. Пайдоиши мактаби позитивистӣ дар фалсафа аз ҳамин ҷост, ки ба манзалаи маълумоте, мураттабгарии дониши мушахассу илмие падидор гардид. Гулгулшукуфти ирратсионализм (лоақлия) дар афкори фалсафӣ посухе буд ба чунин табдили тамоюлҳо, ки бар асари он фалсафа мекӯшид тафовути куллии худро аз ақлгароии (ратсионализми) он даврон исбот намояд. Муносибатҳои байни шаклҳои истеҳсолоти маънавӣ дар ҳар як тамаддуни ҷудогона дар Чин, Ҳинд, Россия бо тарзҳои мухталиф шакл гирифтаанд, ки он дар таҳқиқотҳои пажӯҳишгарон зикр ёфтааст.[1]

Яке аз ҷанбаҳои мураккабтарини таҳлили истеҳсолоти маънавӣ бо омӯзиши равобити тарафайни шароитҳои моддии ҳаёт ва дараҷаи маънавиёти ҷомеа иртибот дорад. Нуқтаи аз ҷониби ҳамагон пазируфташуда ин аст, ки таҷрибаи фарҳангии кишварҳо низ дар ташкил ва татбиқи истеҳсолоти маънавӣ назаррас аст. Дар баъзе тамаддунҳо тамоюл ба рушди истеҳсолоти маънавӣ нисбат ба истеҳсолоти моддӣ бештар ба чашм мерасад ва барои он маҳрумиятҳои моддӣ он қадар таъсиргузор намебошад. Вале ба дараҷаи мутлақ баровардани арзишмандии ин тамоюлот барои таъмини ҳастии муътадили ҷомеа он қадар мусбат нест.

Аз ин рӯ, метавон ҳадс зад, ки фаъолнокии аз ҳад зиёди инсон дар соҳаи маънавиёт ҳангоми адами таваҷҷуҳ ба тарафи таъмини моддии

---

[1] Злобин, Н.С. Культура и общественный прогресс [Текст] / Н.С. Злобин. – М., 1980. – 303 с; Духовное производство. Социально-философский аспект духовной деятельности [Текст]. – М., 1981. – 352 с; Освобождение духа [Текст]. – М.: Политиздат, 1991. – 352 с.

ҳаёт, ҳангоми маҳдудкунии интиҳоии эҳтиёҷоти зарурӣ, ба мисли вазъияти акс хатарзост. Чунки фаъолнокии маънавӣ ногузир ба мавқеи лоиҷтимоии (асотсиалии) инсон бурда мерасонад. Мавқее, ки такомули маънавии инсон бо муносибатҳои ҷамъиятӣ, бо фаъолияти аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳим ҳеҷ хел пайванд намегирад. Мактабҳои ҷомеашиносии муосирро метавон мисол овард, ки зарурияти рушди маънавиро ба сифати омили таъмини ворисияти фарҳангии ҷомеа таблиғ менамоянд. Вазифаи асосии ин мактабҳо аз таълим додани медитатсия (хаёл, фикру андеша) ба инсон бо мақсади шинохту дарки ҷони худӣ ва баъдан бозгашт ба Худованд, ки ҳамчун шуури кайҳонӣ фаҳмида мешавад, иборат буд. Ин ҳама ба инсон имкон медиҳад, ки олами ботинияш оромиш биёбад. Дар яке аз китобҳои интишоркардаи яке аз намояндагони ин макотиб омадааст: «Мақсади бузургтарини ҳаёти инсонӣ шинохти маърифати худӣ ва худоамалисозӣ (богореализатсия) мебошад. Ҳама дигар боқимондаҳо фақат масрафи беҳудаи вақт аст».[1]

Лозим ба тазаккур аст, ки байни афзоиши некуаҳволии моддӣ дар ҷомеа ва дараҷаи маънавиёт робитаи ҳаммаъно нест. Дар бархе аз гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҳузуру ҳаловат пасмондагии маънавӣ (инфантилизм), беэътиноӣ ба ормонҳои олӣ ва ба ормони такомули шахсӣ тавлид менамоянд. Дар дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ бошад, ин амал, баръакс қонеъшавии талаботи ҳаётан муҳимму ғайримоддӣ (виталӣ) ба афзоиши минбаъдаи шавқу рағбат ба шуғл бо фалсафа, санъат, ба ҷустуҷӯи маъниҳои нав ба наву амиқи мавҷудияти худӣ, хулласи калон, ба ғановати ҳаёти маънавӣ мусоидат менамояд.

Ба чунин хулоса метавон чунин гуфт: роҷеъ ба ҳолати воқеии ҷомеа, доир ба он ки дар буҳрон қарор дорад ва ё ба таври динамикӣ рушд мекунад, фақат аз рӯйи он ки дар соҳаи маънавиёт чӣ корҳое ба сомон расида ё расидаанд, дар хусуси ҷомеаю ормонҳои (идеалҳои) он чиҳо

[1] Бердяев, Н. Философия творчества, культуры и искусства [Текст]: в 2 томах / Н. Бердяев. – М.: Наука, 1994.

таълиф гардидаанд, муҳокимаронӣ кардан имконнопазир аст. Дар ҷомеаи солим бояд як навъ мувофиқати моддиёт, иҷтимоиёт ва маънавиёт мавҷуд бошад. Дар ҳар як ҷомеаи мушаххаси таърихӣ ин мушкил метавонад бо тарзҳои гуногун ҳаллу фасл шавад. Як чизе барои онҳо фақат умумӣ падидор мегардад: ҷустуҷӯи пайвастаи камолот, ҳамоҳангию мавзуният ( гармония) ва адолат мебошад.

Аз ин рӯ, дар таълимотҳои имрӯзаи фалсафаи иҷтимоӣ таваҷҷуҳ ба ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушкилоти номутаносибӣ дар истеъмоли маънавӣ ва талаботи маънавӣ хеле ҷиддӣ ба миён гузошта мешавад. Яке аз мутафаккирони маъруфи фалсафаи иҷтимоӣ, донишманди олмонӣ Гербер Маркузе дар ин самт корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Хусусан дар асари бунёдияш «Инсони яксатҳӣ» (“Одномерный человек”), ки соли 1964 таълиф намудааст, ин масъаларо хеле мубрам баррасӣ мекунад.[1]

Истеҳсолоти маънавии муосир чунон миқдори аъзами маҳсулоти маънавӣ меофарад, ки дар назди ҷомеа мудом вазифаи бо ягон тарзе идораю назорат кардани густариш ва истеъмоли он пешорӯ мезанад. Ниҳодҳои (институтҳои) умдаи иҷтимоии барои ин ҳадаф офаридашуда мафкура (идеология) ва таҳсилот мебошанд.

Дар зери мафҳуми “мафкура” одатан маҷмуи ормонҳо, арзишҳо, ғояву ақоиде фаҳмида мешавад, ки мавқеи иҷтимоии гурӯҳи бузурги иҷтимоӣ-табақа, синф, қишр, инчунин кулли ҷомеаро ифодагар буда, ба ҳифзи манофеи ин гурӯҳҳо ва мувофиқан, ба асоснок кардану ҷонибдорӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбии он ва ғайра нигаронида шудаанд. Мафкура чун маҷмуи ормонҳо, арзишҳо ва ғояҳое аҳамияти вижа касб мекунад, манофеи кулли ҷомеаро ифода менамояд ва барои ҳамин дар ҷомеа аз номи он ва тавассути ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ густариш меёбад.

---

[1] Маркузе, Г. Одномерный человек [Текст] / Г. Маркузе. – М.: АСТ: Ермак, 2003. – 333 с.

Маориф (таҳсилот) чун ниҳоди иҷтимоӣ таърихи бисёр қарина дорад ва дар ҳоли ҳозир муштамили миқдори бузурги муассисот (аз кӯдакистон ва мактаб сар карда, то аспирантура) мебошад, ки дар онҳо неруи бузурги кормандони касбӣ машғули заҳматанд. Ҳадафи таҳсилот сегона аст. Ин интиқоли дониш, баъдан таҷрибаи иҷтимоӣ ва охиран, маҳорати истифодабарии донишу таҷрибаи андӯхта ба шогирдон аст. Ба ибороти дигар, сухан роҷеъ ба таҳсилот, дар маънии фишурдатар, тарбия ва таълими малакаю маҳоратҳои толибилм меравад. Дар раванди таҳсилот масоили зиёду мухталиф ҳал мешаванд, аммо дар қисмати умдатарин он ба интиқоли маҳсулоти маънавӣ аз онҳое пайвандӣ дорад, ки он маҳсулотро ба онҳое, ки онро, шартан бигӯем, истеъмолгаранд, истеҳсол менамоянд. Донишомӯзии шогирдон дар рафти таҳсилот ба ҷомеа, ба мисли муҳиммияти истеҳсолот ба ҷомеа аҳамиятнок аст. Таҳсилот шарти асосию муҳимми такрористеҳсоли ҳаёти ҷамъиятӣ бо кулли гуногунрангиҳои он мебошад.

Мураккабияти вазъият дар таҳсилоти муосир дар тамоми дунё аз он иборат аст, ки низоми мавҷудаи таҳсилот на он қадар шахсиятро, балки ихтисосмандро тайёр мекарду омода карданро дорад. Раванди таҷзияи илм ба ихтисосҳои гуногун, ки бо фаъолнокии рӯзафзун афзоянда то имрӯз идома ёфтан дорад, ба таҳсилот тасҳеҳот ворид кард. Агар зимнан ба назар бигирем, ки ақидаи маорифпарварона аз маърифатнок кардани мардум тавассути хирад ва асосан, дониши илмӣ ва ҳамрадиф, аз байн бурдани ҷаҳолату риё иборат буд, он гоҳ низоми нисбатан мавзуни омодагардонии мутахассисон ба миён меомад. Масъалаи тайёр кардани мутахассис асосан масъалаи характери иттилоӣ дошта - интиқоли дониши мушаххас аз ҷониби омӯзгор ба шогирд мебошад.[1]

[1] Қурбонов, А., Имомалиева, Р. Сиёсат дар соҳаи маориф: таҳаввулот ва муосирсозӣ [Матн] / А. Қурбонов, Р. Имомалиева // Ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими истиқлолияти сиёсӣ ва масоили консептуалии рушди давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Маҷмуаи маърӯзаҳои конфронс. – Душанбе, 2016. – С.74.

Тарбияи шахсият бо ташаккули дидгоҳи худӣ дар ӯ, мавқеи мустақил нисбат ба мавҷудияти шахсии худ, муҳиммияти он донишҳое иртибот дорад, ки ӯ дар раванди таҳсилот ба даст меорад. Маънои таҳсил кардан омӯзиши фард, яъне шахсият шудан аст, ки қодир аст ҳадаф ва вазифаҳои ҷомеаеро шиносад, ки дар он ҷомеа  зиндагӣ  мекунад. Ҳамзамон, ӯ қодир аст дар ин зиндагонӣ мақоми хештанро дарёфта, роҳҳо ва имконоти ширкати бошууронаашро дар ҳаёти кишвари худ ҷустуҷӯ кунад. Муносибати манфиатҷӯёнаю амалӣ (утилитарӣ) ва вазифавӣ ба шогирд,  аз  он  иборат аст, ки дар симои ӯ дидани фақат мутахассиси оянда, ки  ба нафъи ҷомеа  бошад.

Дар ташаккули дунёи ботинии ихтисосманди оянда фалсафа, ахлоқ, санъат, инчунин омӯзиши маданияти соири халқҳо ва тамаддунҳо, аз ҷумла омӯзиши забонҳои хориҷӣ низ нақши муҳимтарин мебозад. Дар ташаккули тамоюлҳо - роҳнамоҳои (ориентиры) маънавӣ фалсафа нақши вижа дорад, ки нисбат ба ҳама намудҳои донишҳои дар раванди таълим омӯхташаванда нақши якҷоякунандагӣ (интегративӣ)-ро иҷро менамояд.

Омӯхтани муҳтавои фанҳои мухталиф, пеш аз ҳама, фанҳои ҷомеашиносӣ, албатта, ҷаҳонбинии инсонро вусъат мебахшад. Аммо барои тарбияи шахсияти комил ин яқинан кофӣ нест.

Тарбияи шахсият ин, пеш аз ҳама, бедор кардани рағбат, аҳдоф ва маъниҳои мавҷудияти худӣ, ба ҳастии дигар одамон, ба ҷомеаи инсонист. Ташаккули мавқеи мустақили маънавӣ – арзишӣ, яъне ташаккули тасаввуроти возеҳ доир ба арзишҳои олӣ «мутлақ» раванди тӯлониест, ки муколамаи доимии омӯзгорро бо шогирд тақозо дорад. Омӯзгор ба шогирд фақат маводи таълимӣ намеомӯзад, омӯзгор ӯро тавассути муносибати худаш ба ҳаёт, рафтору ақоиди шахсиаш зиндагиро меомӯзонад. Омӯзиши дониш бе маънӣ ва маънӣ бе дониш яксон кам ба кор меояд ва ҳатто хатарзост. Ба ибораи дигар, мутахассис бе эътиқодоти устувори ахлоқию бе мавқеи иҷтимоӣ ғояи олӣ бошад, аммо

бе дониш - бе донишҳои мушаххас ва фалсафӣ - ахлоқӣ кам короям ва ҳатто хатарнок аст.

Ба андозаи ташаккули шахсият ба раванди тарбия боз равандҳои худтарбиякунӣ, худомӯзӣ низ зам мегарданд. Кори мустақилу амиқ аз болои ақидаҳои хеш, кор аз болои дараҷаи дониши худ барои шахсият офаридаҳои мураккабтарини рӯҳи инсониро дастрас мегардонанд, пешорӯи ӯ роҳи рӯшани эҷодро дар соҳаи фаъолияти баргузидаи ӯ – фаъолияти илмӣ, амалӣ, ташкилӣ ифтитоҳ мебахшад ва ин фаъолият барои камолот ҳад надорад.

Барои ба талаботи рушди ҷомеа наздик сохтани истеҳсолоти маънавӣ дар шароити муосир ба зарурияти такомули сармояи инсонӣ таваҷҷуҳи бештар равона карда мешавад. Дар ибтидо муаллифони консепсияи сармояи инсонӣ кӯшидаанд, ки ғояи нақши бо захираҳои моддӣ баробарҳуқуқи активҳои (пули қарздодаи) ночизу нонамоён ва аз инсон ҷудонопазирро дар офаридани маҳсулоти мазмуни ҷамъиятӣ шарҳ диҳанду маъқул кунонанд. Дар ҳоле ки консепсияи ҷадидеро имкон дошт мухтасаран ифода намоянд. Таърифи қонунии сармояи инсонӣ то ба ҳол кор карда нашудааст.

Ҳамзамон, таваҷҷуҳ ба таърифи сармояи инсонӣ сабабгори муносибатҳои мухталиф ба ченкунии он мегардад. Тафовути асосӣ ин аст, ки ба худи далели соҳибият ба ин намуди хоси сарвати ғайримоддӣ, ба раванди соҳибшавию хароҷоти он, ки ба ин раванд ҳамроҳ аст ё ба пас додан, фоида, натиҷаи амалкарди он таваҷҷуҳ шуморида мешавад. Ба сифати намунаи таърифи аз ҳама умумӣ ва бетарафона инро метавон овард: «Сармояи инсонӣ, маҷмуи дониш, малака ва маҳорате, ки барои қонеъ гардонидани талаботи инсон ва ҷомеа истифода мешавад. Сармояи инсонӣ дар ташаккули шахсият нақши муҳим дорад. Сармояи

инсонӣ дар шахсияти одам таҷассум ёфта, ҳамчун манбаи даромад ё истеъмоли оянда хизмат мекунад»[1].

Сармояи инсонӣ ин «донишҳо, салоҳиятҳо ва хосиятҳои дар фардҳо таҷассумёфтаанд, ки ба бунёди некуаҳволии шахсиятӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мусоидат мекунанд».

«Ҳамчун истеҳсолкунанда пажӯҳиш кардани инсон танҳо дар асоси усуле мумкин аст, ки ба ченкунии қобилиятҳои истеҳсолиаш мусоидат мекунад. Ғояи сармояи инсонӣ барои ба даст овардани чунин андоза пешниҳод гардида буд. Сармояи инсонӣ чун малакаҳо, қобилиятҳо ва донишҳои истеҳсолӣ муайян карда мешавад, ки соҳибашон фард аст ва бо нархи бозории маҷмуи молу хизматрасониҳои истеҳсолкардааш чен мегардад». «Сармояи инсонӣ ин малакаҳо, хосиятҳо ва қобилиятҳоест, ки онҳоро фард дорост ва онҳо ба ӯ бахри ба даст овардани даромад имконият медиҳанд».

Дар дигар гурӯҳи таърифот ба он диққат дода шуда, ки сармояи инсонӣ додаи (атои) табиат нест, балки захираи сунъии бозтавлидшаванда аст ва зарурати кӯшишҳои ҳадафманд барои бунёди он таъкид карда мешавад. Дар ин маврид дар бисёр таърифот, махсусан нисбат ба сиришти арзиши сармояи инсонӣ (вале сиришти анъанавӣ ва дар воситаҳои истеҳсолот моддигардондашуда) низ ишораҳои ошкор мавҷуд нест: «чуноне сармояи физикӣ (воқеӣ) дар натиҷаи дигаргункунии моддаҳои табиат ба вуҷуд оварда мешавад, то ки васоити истеҳсолоти барои раванди меҳнат зарурӣ сохта шаванд, сармояи инсонӣ ҳамин тавр дар натиҷаи дигаргунсозии одамон офарида мешавад, то онҳоро малакаҳою қобилиятҳое ато фармояд, ки ба азхудкунии тарзҳо ва намудҳои ҷадиди фаъолият имконият медиҳанд».

[1] Балашов, Ю.К. Человеческий капитал [Электронный ресурс] / Ю.К. Балашов // Большая российская энциклопедия. – Режим доступа: https://bigenc.ru/economics/text/4681450 (Санаи муроҷиат 20.06.2021)

Дар ибтидо ағлаби назариётчиёни сармояи инсонӣ, чуноне аз муҳокимаи муҳтавои коркардҳои мушаххасашон бармеояд, ҷонибдорӣ аз тафсироти нисбатан фишурдатари имконпазири ин мафҳум мекарданд: ба он фақат донишҳо, малакаю салоҳиятҳоеро марбут медонистанд, ки дар низоми расмии маълумот ба даст омадаанд ва мустақиман ба мақсади гирифтани даромад истифода мегарданд.

Дар ин маврид Г. Бэккер чунин зикр мекунад, ки хеле машҳур аст: «Сармояи инсонӣ захираи дониш, малака ва ҳавасмандии ҳамагон аст. Сармоягузорӣ дар он метавонад таҳсилот, ҷамъоварии таҷрибаи касбӣ, ҳифзи саломатӣ, ҳаракати ҷуғрофӣ, ҷустуҷӯи иттилоот бошад».[1]

Мисол, хароҷот ба нигоҳдошти саломатӣ ба ҳаҷми сармояи инсонӣ ба андозае таъсиргузоранд, ки ҳамон қадар ба фарсудашавии воқеии он монеъ мешаванд ва ба ин муҳлати хидмати онро имтидод мебахшанд. Бидуни ин, саломатӣ атои табиат бувад ва ин сарвати табиӣ ҳамшабеҳ аст ба маъданҳои муфид ва ҳосилхезии хоку заминҳо. Талабот ба хизматрасониҳои беҳдоштӣ бо зарурати ислоҳи инҳирофоти ҳолати тандурустӣ аз меъёр муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, ҳар қадар вазъи саломатӣ бадтар бошад, пас робитаи мустақим миёни ҳаҷми маблағгузориҳо ба ҳифзи саломатӣ ва «сармояи саломатӣ» метавонад, ки мавҷуд набошад. Ба тавсифоти сифатии корманди мушаххас иттилоан ба нархи муҳоҷират боз ҳам камтар муносибате доранд. Хароҷоти мувофиқа на ба афзудани сармояи фардии инсонӣ, балки ба афзоиши пасдоди (отдача) иқтисодии он аз ҳисоби ҳам татбиқи беҳтарин ва ҳам омилҳои вазъиятӣ нигаронида шудаанд.

Имрӯз тафсири сармояи инсонӣ нисбатан маъмуланд: ба таркиби он маҷмуи васеи сифатҳои шахсиятӣ, нишондодҳои ҷаҳонбинӣ, тамоюлоти арзишие шомил мегарданд, ки ба натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ таъсири ғайримустақим расонида метавонанд. Бархе аз муаллифон ба

---

[1] Becker, G. Human Capital: A Theoretical and Empirical Analysis, with Special Reference to Education. – Chicago: University of Chicago Press, 1993. – P.37.

таркиби сармояи инсонӣ шомил кардани натанҳо хосиятҳои шахсиятии инсон, балки сармояи иҷтимоиро низ имконпазир маҳсуб мекунанд, ки он дар муносибатҳои миёни одамон таҷассум ёфтааст. Кӯшиши чун унсури сармояи инсонӣ муаррифӣ кардани сармояи иҷтимоӣ, асосан хоси муҳаққиқони русиягист, ки ҳарчанд истилоҳоти консепсияи сармояи инсониро қабул кардаанд, аммо комилан мавзунияти ин консепсияро дарк нанамудаанд. Қобили ибрат аст, ки Гэри Беккер консепсияи сармояи иҷтимоиро пазируфту ҷонибдорӣ кард, аммо ба сармояи инсонӣ онро омезиш надод. Тақсимоти сармояи инсонӣ ва иҷтимоӣ дар методологияи машҳури Бонки ҷаҳонӣ таҳким ёфтааст, ки дар онҳо чун унсурҳои ҷудогонии сарвати ҷаҳонӣ ва таҷассумёфта дар захоири маҷмуии инсонӣ тасниф мегарданд.

Қисмати сарвати ба таври сунъӣ офаридашудаю бозтавлидгардида эътироф кардани сармояи инсонӣ дар асоси ҳисобкунии он бо роҳи ҷамъ намудани кӯшишҳои дар гузашта амалишудае қарор дорад, ки ба ташаккули он нигаронида шудаанд. Ин кӯшишҳо дар асоси ё нишондиҳандаҳои табиӣ ё баҳогузории арзиши маблағгузорӣ ба инсон метавонанд чен карда шаванд. Чунин усул, аз як тараф, бо душвории баҳисобгирии хароҷоти номуайян ва ғайриошкор, аз дигар ҷониб бо вобастагии намоён дар бисёр мавридҳо нонамоёни байни хароҷот натоиҷ маҳдуд аст.

Ҳамин тариқ,  аз ҷониби ҳамагон он чи эътироф шуда, ки сармояи инсонӣ ҳам фоидаи пулӣ ва ғайримаблағӣ меорад. Аммо дар амалия ба ин усули баҳогузорӣ дар аксарияти гунаҳо вариантҳои он бо назардошти фақат пасдоди пулӣ ҳад муқаррар мегардад, барои ин, пеш аз ҳама, захираи воқеии сармояи инсониро аз ҳад беш кам мекунад.

Инчунин, баҳогузории ошкори параметрҳои аҳолӣ истифода карда мешаванд, ки онҳоро ба сармояи инсонӣ метавон мансуб кард. Аммо татбиқи он ба душвориҳои техникию методологие маҳдуд гардонда шудааст, ки бо асоснок кардани қабули параметрҳои

бaҳисобгирифташаванда, коркарди технологияи баҳогузории онҳо ва овардани индикаторҳои гуногунтарҳ ба асоси воҳид алоқамандaнд. Натанҳо байни баҳогузориҳои тавассути муносибатҳои мухталиф бадастомада, балки дар чаҳорчӯби ҳар яке аз онҳо, вобаста аз методикаҳои мушаххас ихтилофоти калоне ҷой доранд. Нуқтаи назаре мавҷуд аст, ки онҳо бо номукаммалии технологияҳои ченкунӣ, пойгоҳҳои иттилоотӣ, усулҳои ҳисобкунӣ алоқамандaнд.

Аммо, ба назари мо чунин мерасад, ки сарчашмаҳои мувофиқат накардани натиҷаҳо дар дараҷаи консепсияи назариявӣ қарор доранд: се муносибати тасвиршуда дар ибтидо ба чен кардани зернизомҳои баҳамносозгори қобилиятҳои хосиятҳои инсонӣ нигаронида шудаанд. Ҳангоми баҳогузории ошкоро тамоми захираи инсонӣ, новобаста аз пайдоиш ва талабнашавандагиаш, объекти ченкунӣ мегардад. Ченкунӣ аз рӯи суммаи маблағгузориҳо ба зернизоми бозтавлидшуда ба таҳти кӯшишҳои махсус сохташудаи қобилиятҳо ва хосиятҳо нигаронида шудааст. Ченкунӣ оид ба пасдод қисме аз он чиро, ки ба таври сунъӣ сохта шудааст ва қисмеро аз он чи фаро мегирад, ки аз ҷиҳати генетикӣ табиат ато кардааст. Ҳангоми муносибати аз ҳама маҳдуд он қисми захираи инсониро чен мекунанд, ки мақсаднок сохта мешавад ва фоидаи пулӣ меорад.

Методикаҳои мушаххаси ҳисобкунии сармояи инсонӣ, инчунин, вобаста аз он ки дар кадом воҳидҳо ченкунӣ гузаронида мешавад, фарқ мекунанд. Чун сармоя мақулаи бозорист, баҳогузории арзишӣ ва пулӣ нисбатан табиӣ пешниҳод карда мешаванд. Дар ибтидо назариётчиёни сармояи инсонӣ маҳз ба онҳо афзалият медодаанд.

Бо вуҷуди ин, гуногунрангии нафақат муносибатҳои назариявӣ, балки масъалаҳои мушаххаси таҳқиқотӣ низ (ки таҳти онҳо ин методикаҳо кор карда мешаванд) ба он меоварад, ки имрӯз баҳогузориҳои бонуфузонаи ивазкунандаи ба истилоҳ «ptoxies» хеле густариш пайдо кардаанд. Онҳо ба пурра фарогирии ин хориқа даъво

намекунанд, аммо ба гузаронидани қиёси пурмуҳтавои байни мамлакатҳо имконият фароҳам меоранд. Баҳогузориҳои бонуфузонаро махсусан назариётчиёни афзоиши эндогенӣ фаъолона истифода мебаранд.

Муносибати нисбатан замонавии шаклгирифтаи ченкунии сармояи инсонӣ тавассути индексҳост. Он то дараҷаи маълум ба пайвастани ҷиҳатҳои хуб, бартарафкунии маҳдудиятҳо ва таҳрифи баҳогузориҳои натуралӣ ва арзишӣ (нархӣ) имконият медиҳад. Методологияи индексӣ беҳтар аз ҳама ба қиёсҳои байнимамлакатӣ ва байнимақулавӣ, масалан, барои ба як қатор даровардани захираҳои сармояи инсонии ҳудудҳо, мамолик ва гурӯҳои иҷтимоии гуногун ба кор меояд.

Ба сифати баҳогузориҳои бонуфузи нисбатан густаришёфта тавсифоти бо маълумот (таҳсилот) алоқаманд, пеш аз ҳама, шумораи миёнаи солҳои таълими «андӯхта»-и аҳолӣ истифода карда мешаванд. Истифодаи баҳогузориҳои бонуфузи дар асоси тестҳо бадастомадаи сармояи инсонӣ, ки мустақиман малакаю салоҳиятҳои аҳолиро баҳогузорӣ мекунанд, якчанд маҳдудият доранд:

Аввалан, ин расму тартиботи заҳматталабу захирағунҷост, барои ҳамин чунин баҳогузориҳо фақат барои кишварҳо дар давраҳои алоҳида дастрасанд.

Сониян, ба пиндори бисёр пажӯҳишгарон, он ҳолат, ки ин баҳогузориҳо бештари маврид ба ҳамдигар ва ба як қатор нишондиҳандаҳои нисбатан муқаррари натуралӣ захираи эҳтиётӣ муқобилат доранд, вазъиятро мураккаб мегардонад, на ин ки дар ҳалли масъалаи ченкунии сармояи инсонӣ ёрӣ медиҳад (захираҳои эҳтиётӣ - шумораи андӯхтаи солҳои омӯзиш ва ҳиссаи ашхоси маълумотдори ин ё он дараҷа). Аз ин сабаб, имрӯз дар радифи ченкунандаҳои натуралӣ баҳогузориҳои миқдори маълумот (таҳсилот) бартарӣ доранд, ки асосро барои баҳогузориҳои пулии сармояи инсонии андӯхташуда ташкил медиҳанд.

Ченкунии сармояи инсонӣ дар асоси кӯшишҳои дар гузашта амалишуда бо ҷанбаи нисбатан самараноку сармоягузории назарияи сармояи инсонӣ алоқаманд аст. Аммо барои татбиқи ин усул муайян кардани он чи зарур аст, ки маҳз чӣ гуна хароҷотҳоро дар дараҷаи фардӣ, дараҷаи ширкат чун сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ баррасӣ бояд намуд. Ин ҷо ду муносибати ниҳоӣ имконпазиранд, ки ба тарзҳои гуногун якҷоя гардида, гуногунрангии беинтиҳои мушаххаси методикаҳоро медиҳанд. Тибқи муносибати якуми хароҷот ба истеҳсолоти сармояи инсонӣ ба хароҷотҳо ба бозиистеҳсоли инсон чун мавҷуди воқеию иҷтимоӣ баробар карда мешаванд. Муносибати дуюм бошад, қисмати аъзами ин хароҷотро ба истеъмолот мансуб дониста, ба сифати сармоягузориҳо онҳоеро ҷудо мекунанд, ки қобилиятҳои истеҳсолии одамонро афзун мегардонанд.

Ҷонибдорони муносибати якум сармояи инсониро ҳамчун афзоиши агрегировании пулии аҳолии мамлакат арзёбӣ мекунанд. Дар мувофиқат ба маблағгузориҳо ба сармояи инсонӣ ҳама хароҷоте (ё қисми бештари онҳо мансуб мебошанд), ки ба нигоҳдории фаъолияти ҳаётии инсон нигаронида шудаанд. Ин муносибатро бори нахуст Эрнест Энгел (1821-1896) иқтисодчии олмонӣ соли 1883 истифода кард. Ӯ захираи эҳтиётии сармояи инсониро чун ҷамъи хароҷоти оила барои тарбия ва парастории кӯдакон то расиданашон ба синни 25 ҳисоб карда баромад. Бояд зикр кард, ки мавзуи асосии таҳқиқоти Энгел структураи буҷетии оилаҳои меҳнаткашон буд. Таҳлили маълумотҳои омории дарозмуддат ӯро ба чунин хулоса овард, ки баробари афзудани даромади оила сохтори хароҷот низ тағйир меёбад. Дар баробари ин вазни қиёсии хароҷот барои хурокворӣ кам шуда, вазни қиёсии харочот барои либос, гармӣ ва манзил дар як дараҷа мемонад, аммо хароҷот барои қонеъ гардондани

талаботи маданӣ меафзояд. Ин хулосаҳоро «Қонуни Энгел» низ меноманд.[1]

Ағлаби муҳаққиқон ҷонибдори муносибати то замонҳои наздик дар амалия буданд. Онҳо дар ибтидо ба маълумот ва таҷрибаи истеҳсолӣ, аммо қаблан сармоягузориҳо ба маълумоти расмӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд. Бо сари даст доштани маълумот роҷеъ ба имтидоди маълумот дар чаҳорчӯба ҳар як зинаи таълим оид ба хароҷоти нисбӣ ба гирифтани он метавон арзиши тахминии фонди миллии маълумотро ҳисоб кард.

Аммо фонди маълумот, ҳарчанд ки қисми муҳимми сармояи инсонӣ андӯхтаи аҳолии мамлакатро инъикос мекунад, аммо ба ҳар ҳол қисмашро мунъакис менамояд. Тасдиқи ғайримустақими таҷрибавии он чи ки қисмати бештари сармояи инсонӣ берун аз низоми маълумоти расмӣ дар раванди тарбияи оилавӣ, муошироти ғайрирасмӣ, дар кор ва ғайра ғун мегардад, метавонанд ихтилофоти номбаршудаи баҳогузориҳои бонуфузи сармояи инсонӣ бошанд, ки аз як тараф бар параметрҳои маълумот, аз дигар ҷониб ва мустақиман бар малакаву салоҳиятҳои аҳолӣ асос ёфтаанд.

Фарзияи классикии муносибати якояккунӣ (ҳамгиройӣ) ҳисоби Кендрик аст, хароҷотро ба бозиистеҳсолии инсон ба сифати унсури захираи эҳтиётии сармояи инсонӣ ба ҳисоб мегирад. Он сарвати ҷамъиятии маҷмуъ аз як ҷониб ба сарвати ба назар намоён ва ба назарнонамоён (ночиз), аз дигар тараф, ба сарвати дар инсон муҷассамшуда ва дур аз ӯ ҷудо мекунад. Кендрик ба сифати унсури сармоягузориҳо ба сармояи ба истилоҳ «ба назар намоёни инсонӣ» хароҷотро ба тарбияи кӯдакони то ба синни 14 ҷудо менамояд. Ба маблағгузориҳои нонамоён ба инсон ӯ хароҷотро барои беҳбудибахшии

[1] Ткаченко, А.А. Энгель Эрнст [Электронный ресурс] / А.А. Ткаченко // Большая российская энциклопедия. – Режим доступа: https://bigenc.ru/economics/text/4935358 (Санаи муроҷиат 22.10.2021).

сифат ва баланд бардоштани маҳсулнокии захираҳои меҳнатӣ мансуб медонад. Ба онҳо хароҷот барои ҳифзи  саломатӣ, ҳифзи меҳнат, маълумот ва омодагии касбӣ, инчунин ба истилоҳ фоидаҳои аздастрафта - моҳонаҳои гумшудаи донишҷӯён муштамиланд, ки онҳоро донишҷӯён гирифта метавонистанд, агар вақташонро на ба хониш, балки ба кор сарф мекарданд.

Дар ин кори дақиқонаю пуртазод амалан тамоми ҷойҳои нозуку заифе рӯшан карда мешаванд, ки бо ченкунии захираи эҳтиётии сармояи инсонӣ ҳамчун ҷамъи кӯшишҳои пешина ҳамроҳанд. Сармояи инсонӣ дар як вақт натиҷаи сармоягузориҳои мақсадноки моддӣ ва меҳнатӣ буда, ин сармоягузориҳои вақт ва ё вақти холиянд ва қисми органикии шахсияти имконпазир аст. Инҷо ихтилофу проблемаҳо зиёданд.

Аввалан, муҳаққиқин ба ин масъала ихтилофи комили назар доранд, ки кадом хароҷотро ба сармояи инсонӣ маҳсуб кунанд ва кадомашро ба хароҷоти истеъмолӣ мансуб намоянд, ки бозистеҳоли ҷории неруи корӣ ё талаботи инсонро чун шахсият таъмин мекунад. Ба он иллате, ки расму тартиби санҷиши таҷрибавии саҳми ин ё он хароҷот дар баланд бардоштани қобилиятҳои истеҳсолии инсон алъон вуҷуд надорад ва дар ояндаи наздик низ арзи ҳастӣ намекунад, муҳаққиқон хароҷоти истеъмолӣ ва иҷтимоиро ба истеъмолот ва сармоягузорӣ тибқи тавзеҳоти худӣ тасниф мекунанд. Чунончи, Кендрик ба маблағгузориҳо ба сармояи инсонӣ 50% - и хароҷоти миллиро ба ҳифзи саломатӣ ва барномаи ҳифзи меҳнат мансуб медонад.

Сонияи, дар тавофут аз андӯхти сармояи анъанавӣ истеҳсолоти сармояи инсон на фақат васоити пулӣ, балки саҳми зиёди меҳнати худи онҳоеро низ дар назар дорад, ки ба онҳо ин маблағгузориҳо нигаронида шудаанд. Аз ин ҷо бар меояд, ки ҳангоми ҳаҷмҳои баробарии сармоягузориҳои молиявӣ дар натиҷа ҳаҷмҳои гуногуни сармояи инсонӣ метавонад ба расмият даровarда шавад.

Ҷонибдорони ченкунии сармояи инсонӣ дар асоси пасдоди пешгӯишавандаи он муносибати худро бо он асоснок мекунанд, ки ба ҳисоб гирифтан, чен кардан ва баҳо гузоштан ба сарвати ғайримоддии (нонамоёни) андӯхтаи инсон ба он андозае соҳибмаъност, ки дар иқтисодиёт он мавриди амал қарор мегирад ва мувофиқан ба соҳибони худ фоидаи барҷаста меорад.

Албатта, муҳаққиқин мефаҳманд, ки молики сармояи инсонӣ будан натанҳо фоидаҳои пулӣ, балки ғайрипулӣ низ меорад: пастрафти хатари бекорӣ, қаноатмандӣ аз мазмуни шароитҳои меҳнат беҳтарин дурнамоҳои пешрафти мансабӣ. Инчунин, фоидаҳои муҳимме мавҷуданд, ки берун аз соҳаи меҳнату серкорӣ ва берун аз соҳаи муносибати бозорӣ қарор доранд: соҳибони бузурги сармояи ташкилдиҳанда ба ҳисоби миёна саломатии беҳтар доранду умрашон низ дарозтар аст. Аммо ин истеҳсоли муттасили нонамоёни муфидияти иловаро хуб чен кардан наметавон ва он ба асоси ягона низ оварда намешавад.

Ҳамин тариқ, муҳаққиқони ба ченкунии миқёси сармояи инсонӣ талошдошта онҳоро ба истеҳсоли муттасили фоидаҳои оянда баробар карда, ҳамчунин ба душвориҳои ҷиддии методологӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Ногузирии инҳирофот ҳам ба сӯйи афзоиши захираҳои эҳтиётии воқеӣ ва ҳам ба сӯйи коҳиши онҳо бо мавҷудияти якчанд типи таҳрифот алоқаманд аст: якум, бо номумкин будани баҳисобгирии пурра ва ба махраҷи воҳид овардани фоидаҳои зиёди ғайрипулии оянда аз соҳибият ба сармояи инсонӣ. Дар ин маврид, пасдоди ғайрипулӣ натанҳо дар шаклҳои гуногун вуҷуд дорад, балки метавонад бо дигар меҳвар на ин ки меҳвари пулӣ тағйир пазирад. Дуюм, бо характери эҳтимолӣ номуайянии оянда, сеюм, бо касрати авомиле, ки ба моҳона ва даромадҳои меҳнатӣ, душвории маҳдудкунии даромадҳо ба сармояи инсонӣ ва дигар омилҳои истеҳсолот таъсир мегузоранд.

Дигар омили амиқ гардидани нобаробарӣ дар миқёсҳои умумиҷаҳонӣ ва минтақавӣ тафовут дар дараҷаи сармояи иҷтимоист. Пажӯҳишгарон дар соҳаи иқтисодӣ-сиёсии рушд ва иҷтимоъшиносон аз охири соли 1970 - ум дар коркарди консепсияи сармояи иҷтимоӣ ширкат варзидаанд. Бо вуҷуди ин, аксари пажӯҳишгарон то соли 1990 аз истифодаи ин консепсия худдорӣ мекарданд, онро натиҷаи тасаввуроти нодуруст оид ба сармоя ё ки мафҳуми зиёдатӣ дар партави тасаввурот оид ба эътимод, иҷтимоиёт, шабакаҳо, фарҳанг, дутарафа будан ё ки бинобар бисёрмаъноиаш маҳсуб мекарданд. Бо вуҷуди ин, консепсияи мазкур нуфуз пайдо кард ва ба фарзияҳои чандандеши ортодоксияи иқтисодӣ ҳатто таъсир гузошт. Консепсияи сармояи иҷтимоӣ дар аксар маврид ба аҳдофи сиёсӣ - мафкуравӣ истифода мегардад, ба густариши он, аз ҷумла Бонки ҷаҳонӣ ва матбуоти ба он иртиботманд мусоидат кардаанд.

Маъмулан ба мафҳуми сармояи иҷтимоӣ ниҳодҳои эътимод ва умумият (равобити иҷтимоӣ) - ро шомил мекунанд. Онҳо барои дар ҷомеа ба шакли муайян даровардани шабакаи муносибот ва ширкатҳое ёрӣ медиҳанд, ки аъзояшонро бо чунин неъматҳои муҳимми ҷамъиятӣ, ба мисли иртибот, иттилоот ва мутобиқат таъмин месозанд. Сарҳади эътимод ва умумият ҳар қадар фарох бошад, ҳамон қадар таъсироти берунӣ ва ҳаҷмҳои истеҳсолоти неъматҳои ҷамъиятии ба онҳо алоқаманд зиёдтаранд, ҳар қадаре онҳо маҳдуд бошанд, ҳамон қадар рағбатҳои тамаъҷӯӣ муҳимтар мегарданд. Ташаккули эътимод дар дараҷаи муназзам амалан бадастоварии аҳдофи ҳар як аъзои ҷомеа мусоидат мекунад, аз он ҷумла даромад, некуаҳволӣ ва сифати ҳаёти ӯро меафзоянд. Густариши эътимод дар ширкатҳо, идораҳои ҳукуматӣ ё оилаҳо ташкили онро беҳтар мекунад, афзоиши эътимод андаруни гурӯҳҳо ё синфҳо, чунончи миёни қишрҳои олӣ ё ки андаруни синфи миёна бошад, барои аъзои онҳо афзалиятҳо бунёд мегузорад. Ин ба

амали муҳимми амиқгардонии нобаробарии синфӣ номидани тақсимоти сармояи иҷтимоӣ имконият медиҳад.

Хулосае, ки дар ин маврид ба даст меояд, аз он иборат аст, ки андешаҳои баёншуда то андозае метавонанд ба саволи он ки вазифаю мақсади истеҳсолоти маънавӣ аз чӣ иборат аст, ҷавоб гӯянд. Арзишҳои маънавӣ, дар маҷмуъ, маҳсули истеҳсолоти маънавӣ ба шумор меравад. Моҳиятан истеҳсолоти маънавӣ ин истеҳсоли мундариҷаи шуури инсон буда, дар шакли арзишҳо, анъанаҳо, расму оин, дин, илм, ҳуқуқ ва ғайра зоҳир мешавад. Аз ин чунин бармеояд, ки шуури ҷамъиятӣ маҳсули тайёре набуда, балки натиҷаи эҷоди андешаву ғояҳо, тасаввуроту назарияҳо, донишу мафкурае аст, ки мутаносиб ба рушди истеҳсолоти моддии ҷомеа мебошад. Онҳо дорои таърихи алоҳидаю мустақили инкишофи худ нестанд, балки одамон бо мурури инкишофдиҳии истеҳсолоти моддиашон ба шаклҳои муносиби муошират ворид гашта, ҳамзамон тавассути фаъолияташон тафаккуру маҳсули онро дигаргун месозанд.

Ҳамин тавр, арзишҳои муайяни маънавии хос ба марҳилаи мушаххаси инкишофи ҷомеа офарида мешаванд ва онҳо дар зеҳни аъзои ҷомеа ҷой дода мешаванд. Ин гуна фаъолият ҳамчунин як силсилаи ба ҳам алоқаманди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа тӯли умри наслҳои гуногун идома меёбад ва дар худ хусусиятҳои мақсаду тарзи татбиқи фаъолияти инсонро инъикос менамояд. Бинобар ин, аксари муҳаққиқон барои дарки хусусиятҳои хоси раванди инкишофи ҷомеаҳо дар марҳилаҳои гуногун ба таҳқиқи мундариҷаи арзишҳои маънавии ин давраҳо аҳамият медиҳанд.

## 1.3. Хусусияти таҳлилу баррасии назариявӣ ва методологии арзишҳои маънавӣ дар таълимотҳои фалсафаи иҷтимоӣ

Дар таърихи афкори иҷтимоӣ баррасии назариявӣ ва методологии арзишҳои маънавӣ аз ҷониби мутафаккирони гуногун ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор доштааст. Шаклҳои баррасии мазкур хеле гуногун буда, дар онҳо андешаҳои судманд оид ба мақому мундариҷаи арзишҳои маънавӣ, тарзи истеҳсолу ба ворисият гузоштанашон, умумияту тафовути онҳо дар қаринаи фарҳангу тамаддунҳои мухталифи башарӣ баён шудаанд. Новобаста аз гузашти қарнҳову солҳо таваҷҷуҳи инсоният барои азхуд кардану омӯхтани ин андешаҳо пайваста меафзояд, ки мо дар ин ҷо баъзе аз далелҳои онро зикр мекунем.

Пеш аз ҳама арзишҳо, алалхусус арзишҳои маънавӣ дар давоми ҳазорсолаҳо дар бораи инсоният, муносибати одамон ба олами гирду атроф, роҳу василаҳои инкишофи маънавӣ ва худшиносӣ маълумот медиҳанд. Омӯзиши механизмҳои тағйири иҷтимоию фарҳангӣ дар тӯли таърих ба таври возеҳ нишон дод, ки арзишҳо тамоми паҳлуҳои рафтори инсонро ба таври қавӣ муайян мекунанд ва таваҷҷуҳ ба андешаҳои ҷамънамудаи башарӣ оид ба моҳияти арзишҳои маънавӣ аҳамияти муҳим касб мекунад. Аз дигар тараф, дар шароити муосир навъи иртибот байни одам ва ҷомеа, ки ӯ худ муаррификунандаи он аст, тағйир ёфтааст. Дар ин раванд муносибати инсон бо ҷомеа дар баъзе аз ҳавзаҳои тамаддунӣ заиф гардида, дар аксар ҳолат ӯ худро мустақил ҳис мекунад. Ҳамзамон, дар ҷомеа бар асари ҳолатҳои изтирорӣ шумораи нафароне зиёд мегардад, ки мехоҳанд такя ба ягон чизи қавӣ ва озмудашуда кунанд, ки арзишҳои маънавӣ аз ҷумлаи онҳоянд. Инсони муосир имконият дорад, ки дар баробари шинохти ҷойгоҳи худ дар равандҳои ҷомеа, он чизеро интихоб намояд, ки мутобиқ ба тамоюлҳои арзишӣ ва ҷаҳонбиниаш бошад. Аммо, ин озодии интихоб барои ӯ метавонад фоидаовар бошад (ба монанди омӯзиши таҷрибаи наслҳои пешин барои ташаккули муносибатҳои нав) ва ҳам зараровар (ба

монанди шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои номатлуб) ва ғайра. Чунки насли имрӯз, махсусан насли ҷавон дар ҷӯстуҷӯи олами маънавии худ ҳаст ва чуноне ки гуфтем, дар интихоби он шахс озод мебошад.

Ҳамин тавр, арзишҳои маънавӣ дар тӯли таърихи афкори иҷтимоӣ бо сабаби мураккабии таркиби худ на ҳамеша дар шакли ҷамъбастшуда, балки аз мавқеи баррасии унсурҳои алоҳидаи он ва навъи зуҳурашон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аз ин рӯ, то дер боз таърифи мафҳуми мазкур низ ҷанбаи устувору аз ҷониби ҳамагон қобили қабулу эътирофро пайдо накарда буд. Масалан, мо метавонем дилпурона оид ба андешаронихои Суқрот, Афлотун ва Арасту оид ба табиати арзишҳои маънавӣ мулоҳиза ронем, вале, бо вуҷуди ин, дар осори онҳо мо шакли писандидаву устувори мафҳуми арзиши маънавиро пайдо карда наметавонем. Мутафаккирони мазкур падидаи арзишҳои маънавиро дар таркиби таълимоташон оид ба табиати нафс ва рӯҳ бештар баррасӣ намудаанд. Масалан, ба гуфтаи Суқрот, дарку зуҳури арзишҳое, ки мундариҷаи ҳаёти маънавии инсонро ташкил медиҳанд, робитаи бевосита бо неруи ақлии ӯ доранд. Бинобар ин, Суқрот муътақид бар он аст, ки рафторҳои аз доираи арзишҳо беруни одамон вобаста ба он аст, ки онҳо алҳол қудрати дарки он чизеро, ки фазилат аст, надоранд. Ҳар қадар қудрати дарки инсон аз мундариҷаи арзишҳои маънавӣ зиёдтар гардад, ҳамон қадар талошҳояш баҳри пайравӣ аз рафтори писандидаю ахлоқӣ бештар мешавад. Афлотун эътиқодмандӣ аз чунин равишро дар талош барои дастёбӣ ба авҷи ниҳоии маърифатпазирӣ, яъне ғояи фазилат (фализат) мебинад.

Равиши интихобнамудаи Арасту низ хусусияти ақлгароёна дорад ва ӯ падидаи арзишҳои маънавиро дар робита бо се навъи ҷавҳар, яъне ҷавҳари аз нигоҳи ҳиссӣ даркшавандаю даргузар (растаниҳо, ҳайвонот), ҳисшаванда, вале абадӣ (ҷисмҳои осмонӣ) ва махсус (нафси хирадмоя дар инсон ва Худо) дида баромадааст. Ӯ дар рисолааш таҳти унвони «Дар бораи нафс», нафсро бо тан алоқаманд сохта, нафсу ақлро аз ҳамдигар

мутафовит дониста, ақлро ҷузъи нафс мешуморад.[1] Минбаъд дар китоби «Этикаи Никомах» Арасту ду қабати нафс, яъне ақлонию лоақлониро мавриди назар қарор дода, дуюмиро дар навбати худ ба набототию ангезавӣ ҷудо мекунад. Зиндагии нафси ақлонӣ дар талош ба идрок ифода ёфта, саодати комили инсон маҳз дар ҳамин нуҳуфтааст. Ҷисм ва нафси ғайриақлонӣ бо фардият алоқамандӣ дошта, нафси ақлонӣ увлавию бешахс аст.[2]

Ба андешаи Арасту, нафси ғайриақлонӣ одамонро аз ҳамдигар дур месозад, вале нафси ақлонӣ онҳоро бо ҳамдигар муттаҳид менамояд. Инсон қудрати афзун кардани маънавиёти худро дорад ва ин дар талошҳои ӯ ба накукорию фазилатмандӣ зоҳир мешавад. Бинобар ин, аз нигоҳи Афлотун ва  Арасту ақл муҳаррики нахустини кайҳон ба шумор меравад. Ин таълимот дар Юнони Қадим анъанаеро асос гузошт, ки рӯҳу маънавиётро бо ду мафҳуми ба ҳам наздик, яъне пневма (вазиш, нафс) ва нус, яъне ақлу хирад ифода менамуданд.

Мутафаккирони минбаъдаи Юнони Қадим дар пайравӣ аз консепсияи зикршуда диди худро ҳар кадоме бо шеваи хос оид ба табиати маънавиёти инсон пешниҳод менамуданд. Вале он чизе, ки онҳоро ба ҳамдигар наздик месохт ин буд, ки онҳо моҳияти маънавиётро аз буъди динию фалсафӣ аз якдигар ҷудо мекарданд. Дар буъди фалсафӣ онро ҳамчун ақлу хирад, фикру андеша ва аз буъди динӣ ҳамчун неруи олии ҳаётие, ки аз ҷониби Офаридгор дар вуҷуди инсон дамида шудааст. Масалан, аз нигоҳи Эпикур нафс аз атомҳо таркиб ёфта, ҷисмонӣ аст, ақл бошад, қисми мунбасити нафс буда, дар дил ҷойгир аст.[3] Ба андешаи равоқиён, инсон чун унсурҳои табиат аз се унсур таркиб ёфтааст. Яъне, ҷисми ӯ аз замину об, нафс аз оташу ҳаво таркиб ёфтааст. Ҷузъи

---

[1] Аристотель. Этика. Политика. Риторика. Поэтика. Категории [Текст] / Аристотель. – М., 1998. – С.89.

[2] Ҳамон ҷо. – С.91.

[3] Қурбонов, А. Ш. Фалсафаи аҳди бостон [Матн] / А. Ш. Қурбонов. – Душанбе, 1998. – С.22.

оташгунаи нафс ақл мебошад, ки он намунаи таҷаллии хиради кайҳонӣ буда, оламро идора мекунад.

Таълимотҳои даврони асрҳои миёна ва Эҳё талош варзиданд, ки доираи ахлоқро дар арзишҳо тавассути тамоюл ба амалияи динию инсонмеҳварӣ васеътар созанд. Худомеҳварӣ бо арҷгузории эътиқод бар ақл акнун он чизеро арзишманд медонист, ки инсонро барои зиндагӣ дар сояи аҳкоми динӣ роҳнамоӣ ва ҳидоят менамуд. Аз ин рӯ, худомеҳварии асрҳои миёна ба аҳамияти ташкили зиндагии ахлоқии инсон тавассути риояи аҳкоми динӣ ва Офаридгорро сарчашмаи ҳамаи ин арзишҳо эътироф намудан таъкид менамуд. Эътирофу қабули нақши ақли инсон дар мавриде аҳамият пайдо мекард, ки он шарҳу тавзеҳи муҳтавои арзишҳои маънавӣ барои омма хизмат мекард. Мо дар ин маврид талоши баъзе таҳқиқотҳоеро, ки ақлгароиро дар таълимотҳои иҷтимоии асрҳои миёна ба таври махсус ҷойгоҳ медиҳанд, розӣ шуда наметавонем.[1]

Чунин анъанаи фикрӣ ҳам барои таълимоти иҷтимоии мутафаккирони ғарбӣ ва шарқӣ дар асрҳои миёна хос буд. Мо дар ин ҷо каме бештар ба таҳлили афкори иҷтимоии мутафаккирони форсу тоҷик ба ин масъала таваҷҷуҳ карданро зарур меҳисобем.

Таълимотҳои дар даврони Эҳё бавуқуъпайваста консепсияи арзишҳои маънавии дар асрҳои миёна ташаккулёфтаро куллан мавриди таҷдиди назар қарор дод. Агар ба таври сода ин дидгоҳро тавзеҳ диҳем, пас он ба ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволи зерин нигаронида шудааст, ки ин арзишҳо барои кӣ ва ба хотири чӣ нигаронида шудаанд. Табиист, ки самти ҷавоб ба инсон нигаронида шудааст ва ӯ ҳамчун ҳомили арзишҳо, аз ҷумла арзишҳои маънавӣ, эътибор пайдо мекунад.[2] Яъне инсон дар ин маврид ҳамчун арзиши олии ба худ хос арзёбӣ мегардад.

---

[1] Шамолов, А. Каломи Мовароуннаҳр [Матн] / А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2014. – С.84.

[2] Турсунов, А. Эҳёи Аҷам [Матн] / А. Турсунов. – Душанбе: Ирфон, 1984. – С.46.

Мутафаккирони форсу тоҷик дар давру замонҳои гуногун нисбат ба ин арзишҳо дар осорашон изҳори ақида намудаанд. Вобаста ба ин масъала фикру андешаҳои хешро дар шаклҳои гуногуни назмиву насрӣ ба мо мерос гузоштаанд ва маҳз омӯзишу таҳлили онҳо имконият медиҳад, ки то ҳадди имкон, аз ин арзишҳо бохабар бошем ва зиндагии худ ва атрофиёнро тибқи он ба роҳ монем.

Масъалаи омӯзиши илму дониш, ки яке аз арзишҳои меҳварӣ ба шумор меравад, дар осори бузургон дар мақоми аввал меистад. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ донишро арзиши маънавие, ки ҳамеша ҳамроҳи инсон будааст, қаламдод намудааст:

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг андар ҳаме бигзоштанд.
Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.[1]

Дар ҳақиқат, донише, ки мо мегирем, ба мо дар ошкор кардани маънои аслии зиндагӣ кумак мекунад, ба ақл имкон медиҳад, ки онро бо мантиқ, имон ва эҳсосот мувофиқ кунад. Ба воситаи дониш одам на танҳо оламро меомӯзад, балки мекӯшад, ки маънои ҳастии худро дарк кунад. Дониш ҷузъи муҳимми шуур аст, бе он рушди инсонро тасаввур кардан мумкин нест.

Ба қавли Абулқосим Фирдавсӣ, дониш ин қудрат ва тавоноӣ аст, ки инсонро ба ҳақиқат мерасонад:

Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад[2].

[1] Рӯдакӣ [Матн]: китоби мусаввар. – Душанбе: Ирфон, 2008. – С.53. (Матн бо забони тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва ҳуруфи арабӣ)
[2] Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн] / А. Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – Ҷ.1. – С.9.

Ҳамин тариқ, одаме, ки барои ҳақиқат саъй мекунад, ҳамеша кӯшиш менамояд, ки дар худ донишро ҳарчи бештар ҷамъ кунад. Инсоният дар ҳар давру замон кӯшиш намудааст, ки ба пеш ҳаракат намояд ва рушду инкишоф ёбад. Инкишоф, инчунин арзиши маънавӣ аст, рушди маънавӣ ин таҳаввулоти сифатҳои шахсӣ, беҳбудии ҷаҳони ботинии инсон аст.

Бояд зикр кард, ки арзишҳои маънавӣ ҳамчун меҳвари асосии осори мутафаккирони форсу тоҷик мебошанд. Маҳз ташаккули инсон аз ҳадафҳои асосии мутафаккирон қарор доштааст. Чуноне ки осори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, бахусус "Маснавии маънавӣ" саршор аз маънавиёт аст. Мавлоно Балхӣ дар ҷустуҷӯи инсони маънавист, инсоне, ки дорои ҳадафҳои муайян аст:

З-ин ҳамраҳони сустаносир ҳоли дилам гирифт,
Шери Худову Рустами Дастонам орзуст.
Ди шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шахр.
К-аз деву дад малуламу инсонам орзуст.[1]

Андешаи ноб ва фикри созанда мақсаду мароми Мавлонои Балхӣ аст:

Эй бародар ту ҳамон андешаӣ,
Мо бақо ҷуз устухону решаӣ.[2]

Барои инсон ҷавонмардона зистан ва ростқавлу ҳақиқатпараст будан, аз ҷумлаи арзишҳои маънавист.

Дар ҳақиқат, ростиву ҳақиқат арзиши маънавӣ мебошанд, ба инсон чизи зиёд медиҳанд, бо ёрии онҳо мо метавонем рӯйдодҳо, амалҳои худро таҳлил кунем, амалҳои муайянеро, ки мо дар мавзуи ахлоқ ва дурустӣ анҷом медиҳем, баррасӣ кунем. Ҳақиқат чизе аст, ки бо вақт ва таҷриба озмуда шудааст.

---

[1] Андарзҳои "Маснавии маънавӣ" [Матн]. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – С.28.
[2] Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ-Румӣ. Маснавии Маънавӣ [Матн] / Бар асоси матн Р. Николсон ва муқобала бо нусхаҳои дигар. – Теҳрон: Нашри Замон, 2020. – С.126.

Аз нуқтаи назари мутафаккирони Замони нав, арзишҳои маънавӣ аслан дар заминаи ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ аз рӯйи принсипҳои адолат, озодӣ, хирад, илм асос ёфта, онҳо ҳеҷ гуна робитае бо неруҳои фароуттабиӣ ва хориҷ аз дарки ақлонии инсон қарордошта надоранд. Бинобар ин, инсон тавассути инкишофи донишҳои табиатшиносӣ ва иҷтимоӣ имконияти бештари дарки моҳияти арзишҳои маънавиро ба даст оварда, барои ташкили ҳаёти беҳтари ҷамъиятияш қобилияти онҳоро истифода бурданро пайдо мекунад. Масалан, аз нигоҳи Спиноза Бенедикт, нафс ҳамчун маҷмуи равандҳои фикрие тавсиф меёбад, ки дорои қобилияти эҷоди ҳолатҳои гуногуни ҷисмӣ мебошад. Аз ин рӯ, ӯ маънавиётро маҳсули инсони озоду ба хотири умум амалкунанда мешуморад.

Аз нигоҳи Рене Декарт, қобилияти тафаккур доштани инсон омил ва шароити мусоидро барои ба арзишҳои маънавӣ пайвастани инсон муҳайё месозад.

Аз нигоҳи илмҳои иҷтимоию фарҳангшиносӣ пас аз даврони Замони нав дидгоҳе ба тадриҷ ташаккул ёфт, ки тибқи он арзишҳои маънавӣ танҳо дар раванди азхудкунии олам аз ҷониби инсон тавассути фаъолияту мавриди арзёбӣ қарор додани муҳит ва ба он унс пайдо гирифтанаш зоҳир мешаванд. Карл Маркс яке аз аввалинҳо шуда чунин назокати арзишҳои маънавиро дарк намуда, ақидаи муҳиммеро пешниҳод намуд, ки худи инсон низ маҳз бо маҳсули гуногунҷанбаи фаъолияташ арзишмандиро касб мекунад. Муносибати арзишии инсон ба муҳити ҳаётияш дар заминаи се шакли истеҳсолот, яъне истеҳсоли худи инсон, истеҳсоли предметҳо ва истеҳсоли ғояву андешаҳо ташаккул меёбад. Он қисми ҳастии моддие, ки аз ҷониби инсон барои таъмини талаботҳояш офарида мешавад, такягоҳи бузурге барои рушд додани арзишҳои маънавӣ ба шумор меравад. Ҳар қадар истеҳсолоти моддии инсоният рушдкарда бошад, ҳамон қадар он барои таъмини талаботи маънавии инсон, ташаккули арзишҳои маънавияш таъсири мусбат

мерасонад. Дар навбати худ ин арзишҳои ҳосилшудаи маънавии ҷомеа барои рушди истеҳсолоти моддӣ ва арзишҳои муносиби он саҳми беназир мегузоранд.[1]

Идомаи тақвияти консепсияи мазкур дар таълимотҳои аксари мутафаккирони замони муосир акнун ба тадриҷ ҷанбаи мустақилу арзишманди хусусияти фарҳангидоштаро пайдо намуд. Дар ин самт нақши асарҳои таълифнамудаи Эмил Дюркгейм, Карл Манхейм, Питерим Сорокин, Мичел Рокич хеле намоён аст. Бахусус Э. Дюркгейм дар таълимоташ оид ба арзишҳои маънавӣ аз ин мавқеъ баромад мекунад, ки кулли тамаддунҳо дар мавҷудияту устоворияшон ба арзишҳои муҳимтарину калидие такя менамоянд.

Низоми арзишҳои маънавию ахлоқии ҷомеаро ба ақидаи Э. Дюркгейм тасаввуротҳои арзишии хос асос мегузоранд ва маҳз ба шарофати онҳо муносибати одамон дар кулли соҳаҳои фаъолияти ҳаётияшон хусусияти муназзаму маҳсулнок медиҳад. Ин тасаввуротҳои арзишии одамон маҳсули мероси тӯлонии таърихии ҷомеаи башарӣ мебошанд ва ҳар насл бо мурури ба ворисият гирифтани онҳо, инчунин бо эҷоди арзишҳои навтар ва ба рӯҳи замонашон муносиб онҳоро ғанӣ мегардонанд. Ҳарчанд қабулу пайравии баъзе инсонҳо аз ин арзишҳо бо камоли майл сурат мегирад, вале барои қабати муайяни аҳолӣ қабули арзишҳои муносиби ҳаёти ҷамъиятӣ бо истифода аз фишанги маҷбуркунии ҷомеа амалӣ мешавад. Яке аз ин гуна фишангҳо афкори умум ва қонунҳо дар шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд. Истифодаи чунин фишангҳои иҷтимоиро барои пахн кардани арзишҳои маънавӣ мо метавонем дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ низ дар даврони Истиқлолияти давлатӣ бо қабули якчанд қонунҳои хусусияти миллидошта мушоҳида намоем.

---

[1] Маркс, К., Энгельс, Ф. Сочинения [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс. – Изд. 2. – М.: Политиздат, 1955. – Т.3. – С.154.

Эмил Дюркгейм донишманди фаронсавӣ ба гурӯҳи арзишҳои муҳимтарини маънавии ҷомеа ахлоқ, дин, иқтисод ва метафизикаро дохил мекунад. Ҳамаи онҳо бояд аз ҷониби афрод барои таъмини зиндагии осудаҳолона қабул ва пайравӣ карда шаванд. Э. Дюркгейм дар китоби «Тақсими иҷтимоии кор» масъалаи таъсири манфии аномияро ба мавҷудияти дилхоҳи арзишҳои маънавӣ таъкид месозад. Ба ақидаи Дюркгейм, ҷомеаи дучори шиддати зиёди аномиябуда ҷомеаи бенизом аст, зеро маҷмуе аз меъёрҳо ва арзишҳои муттазод бо якдигар дар бархӯрд қарор гирифта, боиси тирашавии хутути роҳнамоии рӯшан ва пойдоре барои мардум ба манзури ёдгирӣ ва дарунӣ кардани меъёрҳои писандида мегардад. Аномӣ маркази баҳси назариёти асосии Дюркгейм дар таҳлили беназмиҳои иҷтимоӣ, ҳарҷу марҷ, рафтори зидди иҷтимоӣ ва рафтори инҳирофӣ аст. Ӯ дар китоби «Қавоиди равиши ҷомеашинохтӣ» назарияи коркарди аномияро ташреҳ кард. Ӯ инҳирофи иҷтимоӣ ва назорати иҷтимоиро ҳаматарафа табйин намуда, саранҷом аз мафҳуми аномӣ дар як мутолиаи таҷрибавӣ ба номи «Худкушӣ» (“Самоубыйство”) ба манзури тавсиф ва таҳлили сабаби паҳншавии худкушӣ дар ҷаомеаҳои аврупоӣ истифода кард.[1]

Андешаи дар охир ёдоваршудаи Э. Дюркгеймро яке аз фарҳангшиносони маъруф Карл Манхейм тақвият дода, онро ба таври хеле ҷолиб мекушояд. Ин андешаҳои К. Манхейм дар асарҳояш таҳти унвони “Эссе дар бораи фарҳанг”, “Дар бораи вижагиҳои маърифати фарҳангию сотсиологӣ”, “Назарияи сотсиологии фарҳанг дар партави маърифатпазирии он” ва ғайра мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.[2] Дар ин асарҳояш ӯ таъкид меварзад, ки ахлоқ, иқтисод, сиёсат, фарҳанг ба таври фарогирии номаҳдудашон аз фаъолияти гуногунҷанбаи инсон пайваста боиси эҷоди арзишҳои маънавӣ мешаванд, ки ҳам барои

[1] Дюркгейм, Э. Самоубийство: Социологический этюд [Текст] / Э. Дюркгейм; Пер, с фр. с сокр.; Под ред. В.А. Базарова. – М.: Мысль, 1994. – С.78.

[2] Манхейм, К. Избранное [Текст]: Диагноз нашего времени / К. Манхейм. – М.: РАО Говорящая книга, 2010. – С.34.

таъмини ҳастии худашон ва ҳам барои таъмини ҳастии инсону ҷомеа заруру ҳатмӣ мебошанд. Ӯ дар ин маврид тарзи эҷоди арзишҳои маънавиро аз ин манбаҳо вобаста ба ҷомеаҳои суннатӣ ва ҷомеаҳои ғайрианъанавӣ фарқ мегузорад.

Барои дарки ин масъалаи дар боло ишорашуда мо дар ин ҷо зарурияти пешниҳоди ишораи кӯтоҳеро ба таносуби ҷомеаҳои суннатӣ ва ҷомеаҳои ғайрианъанавӣ аз нигоҳи олимони соҳа ҷоиз медонем. Дар ин маврид, ба андешаи мо, тавзеҳи Идиев Х. У. аз ин масъала хеле муносиб ба назар мерасад, ки тибқи он: "... гурӯҳбандии хоси ҷомеаҳо қабул шудааст, ки тибқи он ҷомеаҳо аз як тараф ба ҷомеаҳои суннатӣ, ки тавсеанаёфта мебошанд ва аз тарафи дигар ба ҷомеаҳои модерншуда, ки ба нуқтаи намунавии инкишофи саноатию иҷтимоӣ расидаанд, табақабандӣ мешаванд. Дар робита бо равиши табақабандии мазкур...".[1]

Тибқи консепсияи фалсафии К. Манхейм тарзи эҷоди арзишҳои маънавӣ аз манбаҳои эътиборноки дар боло зикршудаи истеҳсоли арзишҳои маънавӣ вобаста ба ҷомеаҳои суннатӣ ва ҷомеаҳои ғайрианъанавӣ фарқ мекунад. Барои ҷомеаҳои суннатӣ тарзи ғайриақлонии истеҳсоли арзишҳои маънавӣ хос буда, арзишҳои мазкур ба аъзои ҷомеа ба таври номашруъ ё иҷборие, ки масъалаи имконияти интихоб барояшон аз аҳамият холӣ аст, қабул кунонида мешавад. Бинобар ин, ӯ мегӯяд, ки: "Равандҳои маънавӣ дорои савияи иҷтимоӣ мебошанд, ки бар асари он сотсиологияи рӯҳ, маънавиёт танҳо кӯшише барои муайян кардани хусусияти иҷтимоии равандҳои маънавӣ мебошад".[2]

Истеҳсоли арзишҳои маънавӣ баръакси ҳолати барои ҷомеаҳои суннатӣ таъкидшуда дар ҷомеаҳои ғайрианъанавӣ, бахусус муосир дорои ҷанбаи хирадгароёна, ақлонияти эътиборнок аст. Ӯ ин равандро дар

---

[1] Усмонзода, Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият [Матн] / Х.У. Усмонзода. – Душанбе, 2020. – С.81.

[2] Манхейм, К. Избранное [Текст]: *Диагноз нашего времени* / К. Манхейм. – М.: РАО Говорящая книга, 2010. – С.62.

баъзе мавридҳо бо мафҳуми "демократишавии фарҳанг" ифода мекунад. Масалан, чунин андешаи ӯ хеле ҷолиб аст, ки: "Дар ҷомеаи босуботи деҳқону косибон - нигоҳдорандагони анъанаҳо - нафарони калонсолу бузург муфассирони ҷамъиятии тартиботи иҷтимоии ҷавобгӯ ба манфиаташон буданд. Ҷомеаи саноатӣ дар муқобили ин бештар ба ҷавонон арзишро қоил аст ва арзиши ҳикмати ғуншударо беарзиш месозад"[1].

Зимни баррасии шарҳу тавзеҳи мақоми арзишҳои маънавӣ аз нигоҳи фалсафаи иҷтимоии муосир дар ҳаёти ҷомеаи инсонӣ наметавон аз дидгоҳи пешниҳоднамудаи яке аз мутафаккирони забардаст Алфред Луис Крёбер (1876-1960), ки исмаш барои алоқамандон аз сарчашмаҳои таълимию илмии соҳа маълуму арҷманд аст, сарфи назар кард. Аввалан, худи номгӯи осори ба мерос гузоштаи ӯ ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки аз ҷумлаи онҳо "Конфигуратсияи рушди фарҳанг", "Услуб ва тамаддун", "Табиати фарҳанг", "Антропология", "Номгӯи тамаддунҳо ва фарҳангҳо", "Фарҳанг: баррасии мафҳум ва таърифҳо" ва ғайраро метавон ном бурд.[2] Ӯ масъалаи моҳияти арзишҳои маънавиро дар заминаи ташаккули "услубҳои фарҳангӣ" ("стиль культуры") баррасӣ намуда, ягонагии фарҳангҳоро маҳз аз ҳамин услуб вобаста медонад. Дар ин маврид таъкид меварзад, ки: "Муфид мебуд агар мафҳуми услуб нисбати тамаддунҳои ҳамчун воҳид тасаввуршаванда истифода гардад. Услубро пешакӣ метавон ҳамчун низоми шеваҳо ё моделҳои алоқаманди ба ҳам ҳамоҳанг сохтани ашё маънидод кард."[3]

Бояд зикр кард, ки услубҳои фарҳангӣ хатти нотакрори ҳар як ҷомеа ба шумор рафта, вобаста ба ҳар як марҳилаи рушди таърихӣ, тарзи ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ тағйир меёбанд ва ба сифати омили ваҳдатсози

---

[1] Манхейм, К. Избранное [Текст]: Диагноз нашего времени / К. Манхейм. – М.: РАО Говорящая книга, 2010. – С.112.

[2] Крёбер, А.Л. Избранное: Природа культуры [Текст] / А.Л. Крёбер. – М.: РОССПЭН, 2004. – С.125.

[3] Крёбер, А.Л. Избранное: Природа культуры [Текст] / А.Л. Крёбер. – М.: РОССПЭН, 2004. – С.943.

онҳо хидмат менамоянд. Бинобар ин, зимни омӯзиши фарҳангҳо маҳз хусусияти арзишии онҳоро мавриди таваҷҷуҳ қарор додан муҳим аст, зеро тавассути он ҳастияшон имконпазир мегардад.

Баҳси чигунагии ҳузурёбии арзишҳои маънавӣ дар рӯзгори муқаррарии инсон дар маркази таълимоти фалсафии олими дигари амрикоӣ Алфред Шютс (1899-1959) қарор дорад. Таваҷҷуҳи ӯро масъалаи тарзи дар фазои олами ҳаётӣ ташаккулёбии намунаҳои маъмули амалҳо, ки барои ҳамагон фаҳмою дастрас мебошанд, ба худ ҷалб намуда буд. Дар захираи донишҳои мавҷудаи инсон бо мусоидати арзишҳои маънавии ба мерос гирифташуда имконияти ҳамдигарфаҳмии онҳо ҷой дорад. Вале барои ба воқеият пайвастани ин имкониятҳо инсон бояд ҳамеша қобилияти маънидодкунии ин арзишҳои маънавиро аз худ нишон диҳад. Дар ин замина бояд зикр намуд, ки як шакли муайяни маънидодкунии муҳтавои арзишҳои маънавӣ вуҷуд надорад ва ҳар як насл вобаста ба шароити ҳаёти ҷамъиятии хеш қабати навро рӯйи қабати маъноҳои қаблии арзишҳои маънавии ҷомеа илова месозад ва ҳамин тавр раванди бетанаффус идомаёбандаи маъниэҷодкунӣ ба вуҷуд меояд. Инро А. Шютс, инчунин сохтани маъниҳои нав бо мурури ғуншавии таҷрибаи субъективӣ ном мебарад. Ҳамин тавр, олами иҷтимоию фарҳангии инсонро иҳотакунанда тавассути арзишҳои маънавӣ ҳамчун олами маъниборе зоҳир мешавад, ки аз одамон зарурияти пайваста азхудкунию шарҳи худро тақозо менамояд. Ҳамчунин, дарк ва тасаввури арзишҳои маънавӣ пеш аз фаъолияти инсон қарор надоранд, балки дар раванди он ташаккул меёбанд.[1]

Р. Мертон дар назарияи сохти иҷтимоияш ба дунболи ин амр аст, ки чи гуна бархе аз сохторҳои иҷтимоӣ бар афроди хосе аз ҷомеа асар гузошта, боиси сар задани рафтори ноҳамнаво бо меъёру арзишҳои

---

[1] Шюц, А. Избранное: Мир, светящийся смыслом [Текст] / А. Шюц. – М.: РОССПЭН, 2004. – С.189.

иҷтимоӣ мешаванд.[1] Ба назари ӯ, сохтҳои иҷтимоӣ фаъол буда, тавлидкунандаи намунаҳо ё ин ки моделҳои рафторӣ мебошанд. Бинобар ин, Р. Мертон дар асари маъруфаш бо унвони «Сохти иҷтимоӣ ва аномӣ» мафҳуми аномии Дюркгеймро истифода бурда, инчунин ҳолати халалдоршавии таркиби арзишҳои маънавиро таҳқиқ кард. Ба ақидаи ӯ, тазоди миёни аҳдофи фарҳангӣ, ба монанди пул, қудрату мақом ва абзорҳои ниҳодишудаи машруъӣ барои дастрасӣ ба он аҳдоф манбаи аввалияи аномӣ аст. Масалан, ҷомеаи Амрико ҳамаи аъзояшро ба орзуи доштани сарват, қудрату мавқеияти иҷтимоӣ ташвиқ мекунад ва иҷрои ин орзуҳо ва интизорот фақат барои иддаи хоси аъзои ҷомеа муяссар аст. Дар ҷомеаи Амрико ҳадафи умда барои бештари аъзои ҷомеа дастёбӣ ба мавқеияти иқтисодӣ аст. Дар баъзе аз сохтҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ фурсату имкониятҳои қонунӣ барои ба даст овардани чунин мавқеияте ба таври ҳамагонӣ ва одилона ҷорӣ нашудааст. Агарчи бештари мардум метавонанд баъзе аз машғулиятҳоро ба даст оваранд, вале тавоноии дастрасӣ ба он фақат барои афроди хосе фароҳам аст. Барои мисол, фарди ҷавоне, ки тавоноиҳояш дар ҳадди муттавасит аст, имконияти камтаре барои касби сарват ва шуҳрат аз роҳҳои қонунӣ дорад, барои расидан ба он муваффақият  кӯшиш менамояд. Бинобар ин, ҷурму осебҳои рафторӣ, яъне косташавии ҷойгоҳи муносиби арзишҳои маънавӣ, аз сохтори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа бармеоянд. Бинобар ин, вокунишҳои зер аз сӯи афроди ҷомеа, ки ношӣ аз фишорҳои байни аҳдофи фарҳангӣ ва роҳу васоили дастёбӣ ба он аҳдоф аст, ба вуҷуд меоянд:

1. - ҳамнавоӣ: ҳолате ки ҷомеа муътадил аст ва афрод аҳдофи фарҳангию роҳу абзорҳои ниҳодишуда ва қобили қабул барои расидан ба он аҳдофро пазируфта, дар ин самт талош мекунанд. Ба ақидаи Р. Мертон, баъзе аз ҷомеаҳо анъанаеро бо такя аз мақоми арзишҳои

[1] Мертон, Р. Избранное произведение [Текст] / Р. Мертон. – М.: Аст: АСТ Москва: Хромичель, 2006. – С.48.

маънавӣ миёни аҳдофи фарҳангӣ ва абзорҳои ниҳодишуда ба манзури дастёбӣ ба як суботи нисбӣ дар ҷомеа фароҳам кардаанд;

2. - навоварӣ: вазъияте аст, ки дар он афрод аҳдофи фарҳангиро пазируфтаанд, аммо барои расидан ба ин аҳдоф восита ва роҳҳои машрӯъро напазируфта, роҳу васоили ғайримашрӯъ ва ғайриқонуниро интихоб кардаанд. Ин навъ рафтори инҳирофӣ миёни табақоти поёнии ҷомеа, яъне касоне, ки аҳдофи мавриди интизорашон ба василаи сохтҳои иҷтимоӣ маҳдуд шудааст, бештар чашмрас аст;

3. - ташрифотпарастӣ: ташрифотпарастӣ ба ин маънӣ аст, ки афрод абзорҳо ва васоили мавриди писанди ҷомеаро пазируфтаанд, аммо аҳдофи фарҳангӣ дар сатҳи васеътар инкор мешавад, монанди парасторе, ки барои наҷоти ҷони бемор ба қавонину муқаррароти расмии бемористон бештар аҳамият медиҳад, то аз дилсӯзии самимона нисбат ба ӯ берун аз чаҳорчӯби расмии бемористон, ки мумкин аст ӯ ба он бештар ниёз дорад;

4. - ақибнишинӣ: ҳолате ки дар он афроди ҷомеа на аҳдофи фарҳангиро қабул доранд ва на васоилу роҳҳои машрӯъи расидан ба он аҳдофро мепазиранд;

5. - сарпечиҳою туғён вазъиятест, ки дар он афроди ҷомеа ҳам аҳдофи фарҳангӣ ва ҳам роҳҳо ва абзорҳои машрӯъи ноилшавӣ ба он аҳдофро инкор намуда, аммо барои эҷоди шароити беҳтар ва аҳдофе ҷадидтар ба манзури суботи низомҳои иҷтимоӣ талош мекунанд. Ба назари Р. Мертон, рафтори инқилобиён ва эътирозкунандагони як корхона намунаҳое аз ин навъ рафтори инҳирофӣ шуда метавонад.

Мақоми арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти ҷомеа аз ҷониби донишманди тоҷик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар китоби “Хуросон аст ин ҷо” нигаронида шудааст.[1] М. Шакурӣ аслан олами арзишҳои маънавиро ба маънои густурдааш дар олами фарҳангӣ ҷой медиҳад, ки боиси

---

[1] Шакурӣ, М. Хуросон аст ин ҷо: маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Дониш, 2009. – 416 с.

ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ ва намунаҳои рафтори муносиби ҷамъиятӣ мегарданд. Бинобар ин, баррасии арзишҳои маънавиро ӯ таҳти дарк ва татбиқи ба маърифати баланд ошно сохтани инсон ҷоиз медонист, ки ин дар худ бештар андешаи марифпарваронаро дошт. Аз ҷумла, ӯ мефармояд: "Падидаҳои маънавият дар зиндагии мардуми тоҷик басо гуногун ва рангоранг буд. Яке аз ин падидаҳо тафаккури китобист. Ин гап чунин маънӣ дорад, ки чун китоб дар тӯли асрҳо дар зисту маишат нуфузи тамом дошт, рафта-рафта дар ҷомеа як тарзи андеша густариш ёфт, ки сохтори он аз шакли китобии баёни таҷрибаи фарҳангӣ ҳосил шудааст ва ба пояи баланди моҳиятҷӯии маънавӣ расидааст. Дар натиҷа маънидоди мардумии ҳодисаҳои ҳаррӯза, ки аз таҷрибаи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ хулоса мебаровардаанд, қадам ба қадам амиқ рафта ва шаклҳои ҷилодоре пайдо карда, ба анъанаҳои китобии ҷамъбасти фалсафии андеша наздик омад. Бинишу фаҳмиш ва баёну маънидод китобӣ шуд, андеша ранги китобӣ гирифт".[1]

Барои ба маҷрои муътадилу писандида равона сохтани таъсири мусбати арзишҳои маънавӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ татбиқи як қатор амалҳои созандаю масъулиятшиносонаро муҳим мешуморад. Аз ҷумла, ӯ мефармояд: "Барои он ки ягонагии сохтори фарҳанги миллӣ барқарор шавад, бозофаринии заминаи табиъии маънавӣ, заминаи маънавии хоси ин халқ зарур аст, то ки он муҳити табиъии зист, ки хоси ӯст, омода гардад. Бозофаринии чунин заминаи маънавӣ ва муҳити хоси зист аз муҳимтарин шартҳои эҳёи миллист ва ҳоло тоҷиконро зиёда зарур аст. Мо тоҷикон агар аз дунё зиёда умед дорем, зарур аст, ки дар ҳама гӯшаҳои сарзамини худ ба иттиҳоду ягонагӣ ноил омада ва аз як гиребон сар баровarda, як муҳити маънавии хоси мо, ки ба ҳастии таърихии мо созгор бошад, эҷод кунем, яъне чунон ки гуфта омад, ба сӯи сарчашмаҳои фарҳанги маънавии худ роҳ ҷӯем, аз ин сарчашмаҳо шодоб

---

[1] Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо: маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Дониш, 2009. – С.54.

гардида ва аз фарҳанги кунунии башарият баҳраҳо бардошта, як фарҳанги ғании имрӯзӣ ба вуҷуд оварем".[1]

Аз зумраи файласуфони ватании мо, ки ба масъалаи таҳқиқи арзишҳои маънавӣ рӯй овардаанд, профессорон Наврӯзов С., Самиев А., Идиев Х., Саидов А. ва дигаронро номбар кардан мумкин аст.[2] Бештари онҳо дар пажӯҳишҳояшон ҷонибдори он ҳастанд, ки арзишҳои маънавии ҷомеа бояд дар заминаи фаъолияти меҳнатии одамон шарҳу тавзеҳи худро ёбанд. Маҳз дар ҳамин замина арзишҳои маънавӣ ба таркиби ангезаҳои амали иҷтимоии инсон роҳ ёфта, боиси ба манфиатҳо мубаддал гаштани талаботҳо гардида, дар навбати худ манфиатҳо дар намои арзишҳо ҷилвагар мешаванд. Профессор Самиев А. дарки моҳияти арзишҳои маънавиро дар маҷрои равандҳои таърихие, ки зимни онҳо арзишҳо ба муносибатҳои объективии хусусияти фароинфиродидошта табдил меёбанд, муҳим мешуморад. Аз ин ҷиҳат ӯ мефармояд: "... Дар таърих зиндагӣ кардан ҳеҷ гоҳ маънои абадияти хусусиятҳои миллиро (инчунин, арзишҳои маънавиро-З.С.), ки ҳастию андешаи мо дигаргуниҳо ва зуҳуроти тозаро ворид намесозад, надорад. Дар таърих ҳама чиз як бор арзи вуҷуд мекунад. Қобилияти тағйирёбӣ, дигаргуншавӣ, ташаккулёбӣ хоси ҳар як миллате мебошад, ки кӯшиш ба харҷ медиҳад то дар таърих зиндагии фаъолона дошта бошад. Хусусиятҳои абадӣ ва ҷовидонӣ барои олами ондунёию қудсӣ хос аст (агар вуҷуд дошта бошад), на барои дунёе, ки мо зиндагӣ ва фаъолият дорем. Бо рафти инкишофи ҷомеа тағйир ёфтан, аз нав эҳё шудан хоси ҳар як миллатест, ки мехоҳад дар таърих зинда ва ҷовидон монад. Зеро ки худи ҷамъият шакли мутағайири фаъолияти таърихи одамон буда,

[1] Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо: маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Дониш, 2009. – С.80.

[2] Наврузов, С. Духовенство и потребительство [Текст] / С. Наврузов. – Душанбе, 2014. – 246 с; Самиев, А. Историческое сознание как самопознание общества: социально-философский анализ [Текст] / А. Самиев. – Душанбе: РТСУ, 2009. – 411 с; Идиев, Х. Тоҷикистон дар масири тағйироти иҷтимоӣ [Матн] / Х. Идиев. – Душанбе: Дониш, 2016. – 120 с.

равандҳои иҷтимоию маънавиро тавлид ва аз нав бунёд месозад. Дар ин раванд даст кашидан аз ҳар гуна андешаи номақбул, ба мисли экстремизми динию мазҳабӣ, ҷудоиандозии миллию сиёсӣ, ки хилофи андешаю Ваҳдати миллии халқи тоҷик мебошанд, дар мадди назари аввал қарор мегиранд”.[1]

Аз нуқтаи назари профессор Идиев Х. У., ниҳодҳои иҷтимоӣ яке аз омилҳои муҳимми тақвияти ҳузури арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти ҷомеа ва рӯзгори ҳамарӯзаи одамон ҳастанд. Яъне, дар сурате ки ниҳодҳо ва созмонҳои коргузори ҷомеапазирӣ, низири хонавода, мактаб ва васоили иртиботи ҷамъӣ, ки манбаҳои ташаккулу паҳнсозии арзишҳои маънавиянд, агар ба кор нараванд, ҷомеа дучори бесозмонии иҷтимоӣ гардида, паёмади он боиси болоравии сатҳи рафтори ғайримеъёрӣ мегардад. Ба андешаи ӯ, афрод бо дарунӣ кардани моделҳои рафторҳо дар натиҷаи ҷомеапазирӣ ва иҷрои нақшҳо дар ҷаҳорчӯби низоми фарҳангӣ рӯи пайвасторе қарор мегиранд, ки дар як тарафи он ризояту итоати дарунӣ ва бархӯрдорӣ аз ҳимояту пазириши иҷтимоӣ барои афрод аст, дар тарафи дигари он нобасомонӣ ва беҳинҷорию рафтори инҳирофӣ аст, ки иҷбору изтироби иҷтимоиро ба ҳамроҳ доранд. Ин равандҳо, ба андешаи ӯ, аз он бармеоянд, ки: “Масоили марбут ба соҳаи маънавии ҳаёти ҷамъият, пеш аз ҳама, вобаста ба он аст, ки дар заминаи он ҷамъият ҳамчун ягонагии воқеияти моддию идеалӣ дарк карда мешавад. Аз ин ҷиҳат, истеҳсолоти моддӣ ҳамчун воқеияти ҳастии ҷамъиятиро муайянкунанда бе алоқамандӣ бо маънавиёти ҷомеа бевосита, мустақил вуҷуд дошта наметавонад. Сатҳи инкишофи истеҳсолоти моддӣ дар заминаи рушду такомули маънавиёти ҷомеа аст ва инкишофи маънавиёт дар навбати худ ба рушди истеҳсолоти моддӣ замина мегузорад. Аз ин рӯ, маънавиёт, ки аслан дар шакли маҳсулу

---

[1] Самиев, А.Ҳ. Андешаи миллӣ-фалсафаи ваҳдат ва эҳёи миллӣ [Матн] / А.Ҳ. Самиев // Маърифати иҷтимоии ваҳдати миллӣ: масъалаҳо, ҳолат ва дурнамо. – Душанбе: Дониш, 2012. – К.XIV. – Қ.1. – С.118.

мундариҷаи шуур (тасаввуру дарки ҳодисот, идеяҳо, илм, анъанаҳо, расму оин ва ғ.) зоҳир мешавад, ҳастии ҷамъиятиро на дар шакли оддӣ, балки ба таври дигаргунсозии фаъолонаи эҷодӣ инъикос менамояд. Бинобар ҳамин ҳам, дар таърихи инсоният аксар маврид шуури ҷамъиятӣ аз вазъи мавҷудаи ҳаёти одамон пеш гузашта, ба рушду инкишофи он таккони ҷиддӣ бахшидааст.”[1]

Дар илми фарҳангшиносии имрӯзаи тоҷик саҳми профессор Раҳимов С. Х. низ дар таҳқиқи арзишҳои маънавии ҷомеа хеле назаррас мебошад. Ба таҳқиқи масъалаи арзишҳои маънавӣ ӯ аз мавқеи зебоипарастӣ ва бахусус фарҳанги бадеӣ наздик шуда, сабки махсуси таҳлилиро ба вуҷуд овардааст.[2] Ӯ зимни таҳлили вазъи мавҷудияти арзишҳои маънавии ҳаёти ҷамъиятии тоҷикон дар давраи аз сохти анъанавӣ ба тарзи ташкили дунявии ҳаёти ҷамъиятӣ гузаштан ба чунин хулоса меояд: “Воқеият чунин сурат мегирад, ки то ба ибтидои қарни XX тафаккури таассубӣ бидуни баъзе истисно дар тамоми қаламрави Осиёи Миёна, махсусан дар аморати Бухоро ғолиб омада буд. Дуруст аст, ки маҳз бо ташаббуси Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дар маҷмӯъ равияи маорифпарварии тоҷик қадаме ҷиддӣ дар фарҳанги тоҷикон ба хуруҷ аз буҳрони маънавии мардум дар охири асри X1X ва оғози садаи XX раҳ кушод. Аммо кӯшиши реформаи маориф ва умуман фарҳанги тоҷикон дар замони аморати Бухоро барои татбиқи ин ташаббус заминаи иҷтимоӣ надошт. Коре буд амалинашаванда... Шуури ҷамъиятии ин давра намуди дурушту таҳрифшударо касб мекунад. Ва ин тарзи тафаккур барои мунъакис сохтани раванди воқеияти таърихӣ қодир набуд. Ин вазъ чунин тасаввуротро тавлид кард, ки таърих гӯё дар ин

---

[1] Идиев, Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ [Матн] / Х.У. Идиев. – Душанбе, 2013. – С.204.

[2] Раҳимов, С. Эстетика зороастризма [Текст] / С. Раҳимов. – Душанбе: Дониш, 2009. – 406 с; Раҳимов, С. Нақши фарҳанги бадеӣ дар тарғиби идеяҳои истиқлолият [Матн] / С. Раҳимов // Ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими истиқлолияти сиёсӣ ва масоили консептуалии рушди давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Маводи конфронси илмию амалӣ. – Душанбе, 2016. – С.44-54.

қисмати тамаддуни инсонӣ ба рафти худ хотима бахшид. Ҳаргуна талошҳои ислоҳкунии ниҳодҳои ҷудогонаи ҷомеа ва ба вижа низоми таҳсилот аз ҷониби аҳли зиёи маҳаллӣ таъсире набахшиданд ва объекти зарбаи бераҳмона аз ҷониби аморат гаштанд. Нодорӣ, қашшоқии молӣ ва маънавӣ зарурати таҳсилоту маърифатгароиро аз шуури ҷамъиятӣ рӯфта партофт. Инқилоби болшевикӣ аморати асримиёнагиро барҳам дод. Ва бар дӯши зиёиёни маҳаллӣ, ба вижа бар дӯши маҳз нависандагону шоирон тағйир додани назму наср ва ба воситаи он дигаргун сохтани мафкураи қурунивустоиро во гузошт”[1].

Профессор Раҳимов С. дастовардҳои нависандагону шоирони тоҷикро дар тағйир додани назму наср ва ба воситаи он дигаргун сохтани мафкураи омма нишон дода, таъкид менамояд, ки фарҳанги бадеии имрӯзаи мо метавонад боз ҳам чунин саҳмро барои эъмори арзишҳои маънавии давлати соҳибистиқлоламон гузошта бошад. Дар ин маврид ӯ хусусан зарурияти ташаккули диди нави маънавиро бо такя ба арзишҳои зебоипарстии ҷанбаи танқидидоштаю ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ таъкид месозад: “Дар маҷмӯъ, бо вуҷуди пирӯзиҳои алоҳида имрӯз ташвишовар аст, ки мо дастовардҳои тамаддунии хешро дар соҳаи фарҳанги бадеӣ, бахусус дар соҳаи фарҳанги опера, балет, хореография, мусиқии полифонӣ, бастакорӣ, театру кино ва дигар анвои ҳунарҳо аз даст дода истодаем... Тафаккури фарҳангии мову шумо имрӯз бештар хусусияти суннативу анъанавиро касб кардааст... Аз ин ҷост, ки тафовути талаботи фарҳангиву эстетикии қишрҳои ҷомеаи мо рӯз аз рӯз зиёдтар шуда истодааст. Кӯшиши навоварӣ хеле кам дида мешавад. Дастовардҳои навини фарҳанги пешқадами ҷаҳонӣ ба душворӣ қобили қабул мегардад... Пас чӣ бояд кард? Ба ақидаи мо, корро аз ташаккулу

---

[1] Раҳимов, С. Истиқлолият, фарҳанг ва ҳунари муосир [Матн] / С. Раҳимов // Истиқлолият ва фарҳанг. Маҷмӯаи маърӯзаҳои конфронс. – Душанбе, 2017. – С.29-30.

тарбияи тафаккури интиқодӣ бояд оғоз кард. Моро аз таҳдиди бозгашт ба арзишҳои ақибмондаи фарҳангӣ танқид раҳо карда метавонад."[1]

Ин дастовардҳои фикрӣ, чуноне ки зимни таҳлили консепсияҳои пештара боварӣ ҳосил кардем, на худ ба худ, балки дар дарозои таърих ба шарофати таълимотҳои гуногун ба даст омад. Ин дастовардро аксари олимони замони ҳозира низ зимни омӯзиши масъалаи мазмуну мундариҷаи арзишҳои маънавӣ истифода мебаранд.

Ҳамин тавр, агар шарҳу тавзеҳи мазмуну мундариҷаи арзишҳои маънавиро дар тӯли таърихи афкори иҷтимоию фарҳангшиносӣ ҷамъбаст намоем, пас ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки ҳар як марҳилаи таърихӣ ва қавму миллатҳо вобаста ба талаботи рушди ҷомеа ва инсон мартабаи муайяни арзишҳои маънавиро ташаккул ва татбиқ намудааст. Ҳамзамон, онҳо аз ягонагию алоқамандиҳо бархӯрдор буда, барои ташаккули ҳамбастагии фарду ҷомеа имконият фароҳам овардаанд. Аз ин рӯ, дар баробари арзишҳои маънавии марбут ба ҳавзаҳои алоҳидаи фарҳангӣ, инчунин арзишҳои умумие ташаккул ёфтаанд, ки дар ҳама давару замон барои таъмини муоширати фарҳангии инсоният шароит фароҳам овардаанд.

**Хулоса,** таълимотҳои мавҷудаи фалсафӣ нишон медиҳанд, ки арзишҳои маънавӣ новобаста аз он ки дар заминаи фаъолияти гуногунҷанбаи инсон ташаккул меёбанд, вале ҳамеша дорои аҳамияти хосу мустақил ҳастанд ва дар самтгирии мақсадноки амали иҷтимоию фарҳангии инсон нақши беназир доранд. Бинобар ин, бештари арзишҳои маънавӣ тӯли марҳилаҳои муайяни рушди таърихии башарият ба сифати идеалҳои табдилнопазир хидмат намудаанд ва барои ҳифзи мероси фарҳангию саъй барои дастёбӣ ба ояндаи беҳтар замина фароҳам овардаанд.

---

[1] Раҳимов, С. Истиқлолият, фарҳанг ва ҳунари муосир [Матн] / С. Раҳимов // Истиқлолият ва фарҳанг. Маҷмӯаи маърӯзаҳои конфронс. – Душанбе, 2017. – С.47-48.

Дар тӯли таърих андешаҳои судманд оид ба мақому мундариҷаи арзишҳои маънавӣ, умумияту тафовути онҳо дар қаринаи фарҳангу тамаддунҳои мухталифи башарӣ баён шудаанд. Новобаста аз гузашти қарнҳову солҳо таваҷҷуҳи инсоният барои азхуд кардану омӯхтани ин андешаҳо пайваста меафзояд. Дар илмҳои иҷтимоӣ ва  фарҳангшиносии муосир низ таваҷҷуҳи хеле фарох ба мақоми арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти ҷомеа меафзояд.

# Боби 2. Арзишҳои маънавӣ ҳамчун омили тағйироти фарҳангӣ дар ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон

## 2.1. Шаклҳои зуҳури таъсири арзишҳои маънавӣ ба дигаргуниҳои ҳаёти фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол

Дигаргуниҳои дар ҳаёти ҷомеаҳои муосир баамаломада аз як тараф доираи ҷустуҷӯҳои башариятро барои эҷоди ҳарчи беҳтари асосҳои зиндагии мардум васеъ намуда бошад, аз тарафи дигар масъалаҳои зиддиятнокеро ҳам тавонист ба вуҷуд орад, ки ҷомеаи тоҷикистонӣ низ наметавонад аз онҳо дар канор монад. Масъалаҳои мазкури зиддиятнокро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа пайдо кардан мумкин аст, ки таъсирашон ба ҷанбаҳои ташкили фазои босуботи маънавӣ, аз ҷумла ҷанбаи ахлоқию арзишии он хеле равшан ба назар мерасад. Зеро зарфияти ахлоқию маънавии инсон ҳамеша ҳамқадами дигаргуниҳои дар кулли соҳаҳои ҳаёти ҷомеа амалкунанда аст.

Мушкилоте, ки вуҷуди маънавию ахлоқии инсон бо он рӯ ба рӯ мешавад, аз зарфиятҳои хеле гуногуну мураккаби объективию субъективӣ иборат мебошанд. Инро дар мисоли нозукиҳои ташаккули шуури оммавӣ, ки дар марҳилаи дигаргуниҳо бо хусусияти усулгароёна ё консервативии худ барои кам кардани шиддату суръати нуфузёбии арзишҳои нав рӯ ба эҳёи арзишҳо ва фишангҳои аз бисёр ҷиҳат камнуфузи гузашта менамояд, равшан мушоҳида мегардад. Дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ, пас аз даврони шӯравӣ, дар шуури ҷамъиятӣ болоравии таваҷҷуҳ ба арзишҳои динӣ бештар гардид. Чунин зуҳурот минбаъд боиси ноором шудани вазъияти ҳаёти ҷамъиятӣ гардида, оқибатҳои ногуворро ба миён овард. Дар ин бора муҳаққиқи ватанӣ дар масоили шуури динӣ Шерзод Абдуллозода таҳлилҳои хеле муҳиммеро анҷом додааст. Дар таҳқиқоти хеш ӯ таъкид менамояд, ки воқеан ҳам равандҳои марбут ба эҳёи фарҳанг ва бахусус арзишҳои миллию динии мо дар баробари рушди беназирашон пас аз истиқлолият, инчунин ба як

қатор зиддиятҳо мувоҷеҳ гардиданд: «Маълум аст, ки зиддиятҳо омили муҳимми рушду тараққӣ мебошанд. Диалектикаи ягонагӣ ва муборизаи баҳамзидҳоро метавон дар арсаи фарҳанг ҳам ташхис ва пайдо кард… Дар ин росто, бо назардошти рӯҳияи даврони шӯравӣ рӯй овардан ба дин ва кӯшиши эҳёи арзишҳои динӣ, якҷо бо арзишҳои миллӣ, ба ибораи В. И. Ленин «як қадам ба пеш, ду қадам ба ақиб» гаштан буд. Чунин тасаввур мерафт, ки дар оғози асри XX1 кӯшиши эҳёи арзишҳои динӣ, баъди 70 сол кӯшиши аз дин раҳо ёфтан, дингурезиву динситезӣ, ки на танҳо кишвари шӯравиро, балки тамоми Аврупоро фаро гирифта буд, ҷуз кӯшиши боз баргашт ба қуруни вусто чизи дигаре буда наметавонад. Ҳатто як қисми зиёиёни мо, ки дорои рӯҳияи дунявияти радикалию экстремистӣ буданд, гаҳ ошкору гаҳ ниҳонӣ сару садоҳое низ баланд карданд. Аз тарафи дигар, дар сатҳи омма нуфуз кардани ин рӯҳия ва истиқлолталабии ифротӣ, экстремистӣ мунҷар ба ворид шудани рӯҳияи исломи сиёсӣ ва мубаллиғону муздурони он низ гардид, ки дар натиҷа кишвар ба ҷанги аҳлӣ-гражданӣ кашида шуд. Аммо аз ибтидо, заковати сиёсии Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдат, Президенти кишвар барои аз ин бумбасту зиддиятҳо баромадан роҳи амну оптималии дурустро мадди назар намуда, ин зиддиятро барҳам зада тавонист».[1]

Бар асари дигаргуниҳои фарҳангию иҷтимоии пас аз даврони истиқлолиятёбии кишварамон мушкилоти дигари таъсиргузор ба ҳаёти маънавӣ ин марбут ба авҷи рақобати арзишҳои низоми муносиботи бозорӣ ва арзишҳои суннатию коллективие буд, ки падидаҳои он то имрӯз аз худ дарак медиҳанд. Кӯшиши аз бухрони иқтисодию молиявӣ баровардани ҷомеаро, аз ҷумла мушкилоти дар арсаи ҳаёти фарҳангии ҷомеа баамаломадаро қисми муайяни ташаббускорони дигаргунсозиҳо дар афзалиятдиҳии арзишҳои низоми муносиботи бозорӣ медиданд.

---

[1] Абдуллозода, Ш. Истиқлолият ва эҳёи арзишҳои миллию динӣ [Матн] / Ш. Абдуллозода // Истиқлолият ва фарҳанг. Маводи конфронси илмию амалӣ. – Душанбе: Матбаа, 2017. – С.84-85.

Қисми серҳаракати аҳолӣ чунин фурсатро ғанимат дониста, моҳирона дороию иқтидори истеҳсолии ҷомеаро хусусӣ ва ё ҳамшарикӣ (аксионерӣ) сохтанд. Чунин ҳолат арзиши муносибатҳои аслии низоми бозориро, ки аз бисёр ҷиҳат созанда мебошанд, дар назди шуури оммавӣ тавонистанд то андозае коҳиш диҳанд.

Лозим ба таъкид аст, ки таъсири тамоюлоти дар боло зикршуда пайваста мадди назари фарҳангшиносон қарор доштааст. Аз ҷумла, фарҳангшиноси ватанӣ, профессор Амиров Р. А. зимни таҳлили равандҳои зуҳури таъсири арзишҳои нави маънавӣ ба ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои аввали истиқлолиятёбии он ба чунин хулоса мерасад: «Сиёсати фарҳангии давлати Тоҷикистонро дар солҳои соҳибистиқлолӣ асосан ба ду марҳила ҷудо намудан мумкин аст. Якум, ин марҳилаи давраи ҷангӣ ва вазъи ноором дар фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ва заиф гардидани неруи кадрӣ ва базаи моддию техникии онҳо. Марҳилаи дуюм баъди ба имзо расидани «Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» ба фаъолияти созандагӣ рӯ овардани муассисаҳои фарҳанг ва санъат ба ҳисоб меравад… Марҳилаи наве, ки баъди мусолиҳаи миллӣ ба вуҷуд омад, имконият дод, ки давлат масъалаҳои иқтисодӣ, маориф, иҷтимоӣ ва фарҳангиро таҷдиди назар намуда, самтҳои сиёсати давлатиро дар ин соҳаҳо муайян ва ба рушди онҳо такони ҷиддӣ бахшад. Яке аз самтҳои муҳим барои боз ҳам пойдор гардонидани сулҳ якдигарфаҳмӣ, ваҳдату пойдории миллии давлат ва эҳёи фарҳанг ин рӯй овардан ба арҷгузории шахсиятҳои бузурги илмию адабӣ буд».[1]

Дар баробари ин, омӯзиши васеи шаклҳои зуҳури арзишҳои маънавӣ дар арсаҳои гуногуни фаъолияти фарҳангии ҷомеа дар даврони соҳибистиқлолӣ густариши зиёд пайдо намуд. Ин таваҷҷуҳ заминаро

---

[1] Амиров, Р. Сиёсати давлатии Тоҷикистон оид ба эҳёи фарҳанги миллӣ [Матн] / Р. Амиров // Истиқлолият ва фарҳанг. Маводи конфронси илмию амалӣ. – Душанбе: Матбаа, 2017. – С.69-70.

барои дар арсаи илмҳои иҷтимоию гуманитарӣ инкишоф ёфтани соҳаи фарҳангшиносии амалӣ фароҳам овард. Яке аз фарҳангшиносони собиқадори ватаниамон профессор Латифзода Д. таъкид менамояд, ки авҷи чунин таваҷҷуҳ: «вобаста ба он аст, ки афзоиши теъдоди муассисаҳои фарҳанг, санъат, фароғат, таҳсилоти бадеӣ, пурмазмун шудани сатҳу сифати кори онҳо, бо мутахассисони соҳибмаърифат таъмин гардидан, беҳтар шудани шароити иҷтимоии кормандони соҳаи фарҳанг, ҳамзамон мавҷуд будани мушкилот дар кори фарҳангиву фароғатомӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои фарҳангшиносии амалиро боз ҳам муҳимтар ва мубрамтар мегардонад. Аҳамият ва зарурияти ин таҳқиқот дар давраи раванди ҷаҳонишавӣ (глобализатсия), ки «талабот ба сатҳи маънавиёти инсон, тарбия ва ташаккули наслҳое, ки ба дӯши онҳо вазифаҳои азими бунёди ҷомеаи навин дар даврони соҳибистиқлолии миллати тоҷик гузошта хоҳад шуд, меафзояд».[1]

Ҳамин тавр, ҳамаи ин талошҳо ба он нигаронида шудаанд, ки тавассути дарк ва паҳн сохтани арзишҳои маънавии ба рӯҳияи миллии кишварамон созгор замина барои кушодани табиати воқеан ҳам фарҳангсолоронаи мардум, новобаста аз мансубияти иҷтимоияшон, фароҳам оварда шавад. Зеро ба асли табиати инсонии худ сарфаҳм рафтани ҳар як фарди ҷомеа маҳз тавассути азхуд кардани арзишҳои маънавие, ки дар тӯли таърих офарида шудаанд, муяссар мегардад. Бояд зикр кард, ки маҳз ба ҳамин хотир, пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ таваҷҷуҳи хосса ба худшиносии миллӣ, эҳёи фарҳанги миллӣ, назари амиқ намудан ба осори пурғановати маънавии гузаштагон ва омӯзиши таърихи ниёкон боло гирифт. Ин ҳама дар барномаҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардида буд ва ҳам дар ҷомеа чунин иқдом ба вуҷуд омад. Албатта шароити нави

---

[1] *Латифзода, Д.* Асосҳои назариявӣ-методологӣ ва методҳои таҳқиқи фарҳанги этникӣ [Матн] / *Д. Латифзода* // Масъалаҳои омӯзиши вазъи фарҳанги маънавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯи мақолаҳо. – Душанбе, 2018. – Қ.2. – С.30-31.

баамаломада ҷомеаро маҷбур мекард, ки рӯ ба таърих ва фарҳанги худ орад. Ин аз чанд омил вобаста буд, ки иборатанд:

1. Фазои нави сиёсӣ, истиқлолияти давлатӣ ва марҳалаи нави бунёди давлатдории миллӣ талаб менамуд, ки мо ба фарҳанг ва мероси маънавию моддии халқамон такя намоем, ки ин ҳам барои ба тартиб даровардани сиёсати дохилии мамлакат ва ҳам барои ташаккули идеяи миллӣ ва худшиносии шаҳрвандон мадад мерасонд.

2. Дар таҳким ва рушди давлатдории миллӣ моро зарур буд, ки аз таърихи халқи худ, аз он бурду бохтҳое, ки миллати тоҷик дар раванди таърих аз сар гузарондааст, сабақ гирем ва барои ислоҳи иштибоҳҳое, ки дар тӯли таърих анҷом шудааст, талош варзем ва тавонем, ки сабақҳои таърихиро баҳри ҳалли проблемаҳои муосир сафарбар намоем.

3. Баҳри таҳкими давлатдорӣ зарур аст, ки ҷомеа ба анъанаҳои фарҳангӣ ва маънавӣ такя намояд.

Дар ин замина тарбияи маънавӣ яке аз воситаҳои асосии таҳкурсии пешрафти ҳар ҷомеаи мутамаддин ба шумор рафта, он яке аз вазифаҳои истеҳсолии оила, мактаб ва дигар муассисаҳои таълиму тарбия ва аз ҷумла марказҳои фарҳангу фароғат ба шумор меравад. Маълум аст, ки дар тарбияи маънавии ҷомеа шаклҳои сохторёбии низоми арзишҳои маънавӣ мақоми махсус доранд. Маъмулан ба сифати заминаҳои мусоидаткунандаи раванди сохторёбии арзишҳои маънавӣ қоидаҳо, ниҳодҳо ва нақшаҳои иҷтимоие хизмат менамоянд, ки тавассути онҳо тартиботи пешбининамудаи низоми арзишии ягон муҳити фарҳангӣ дар шууру рафтори одамон амалӣ мегардад. Яке аз намояндагони барҷастаи ҷомеашиносии фарҳангӣ Уилям Грэм Самнер (1840-1910) аз ҷумлаи онҳоест, ки бори нахуст зуҳури тартиботу қоидаҳои аз ҷониби низоми арзишии муҳити фарҳангиро ба се даста тақсимбандӣ намудааст. Тасвиру тасаввури ҳолати зуҳури арзишҳои маънавии ҳамагуна муҳити фарҳангиро ӯ дар қолаби анъанаҳо, урфу одатҳо ва ҳуқуқ бо фарогирии

меъёру фишангҳои идоракунии муносибату рафтори иҷтимоӣ муҳим медонад.[1]

Ба андешаи У. Самнер, ҷараёни ба воқеияти ҳаёти фарҳангӣ пайвастани қолабҳои мазкури зуҳури арзишҳои маънавӣ бо мурури тай кардани зинаҳои муайяни инкишоф муяссар мегардад. Дар аввал онҳо ҳамчун кӯшиши қонеъсозии талаботҳо буда, баъдан дар шакли қоидаи “он чизе ки одатан иҷро мешавад” зоҳир мешаванд. Сипас зинаи зоҳиршавии онҳо тавассути тартиби “чӣ мебояд кард” ба амал омада, минбаъд беихтиёр ба табиати дуюми инсон, тарзи мавҷудияти ӯ табдил ёфта, дар рӯзгори ҳамарӯза бидуни ягон андешаю шубҳа мавриди пайравӣ қарор мегиранд. Ба шарофати чунин ҷозибаи фарҳангию арзишии қолабҳои зуҳури арзишҳои маънавӣ, ки касе наметавонад онҳоро дар муҳити фарҳангӣ нодида гирад, дар ҷомеа тартиботи қобили қабули ҳамагон ташаккул меёбад. Нуқтаи олии чунин тартибот ҳамфикрии ахлоқии ҷомеа мебошад, ки ба арзишҳое чун некӣ ва ҳақиқат такя менамояд. Бинобар ин, ҳар як ҷомеа дорои ахлоқи ба худ хосе мебошад, ки он аз анъанаю қоидаҳои одоби мавриди писанди муҳити фарҳангии он сарчашма мегирад. Қонунгузории муҳити иҷтимоии чунин ҷомеаҳо замоне ба муваффақият ноил мешавад, ки агар рӯйи пойдевори ташаккулёфтаи анъанот ва урфу одатҳои худ асос ёфта бошад.

Яъне анъанаҳо дар доираи ҳаёти маънавии ҷомеа нақши пайвандгари ғояҳо, нормаҳои ахлоқӣ, шаклҳои санъат, муносибат, маданияти моддӣ ва фароғатро ифода менамоянд. Бинобар ҳамин ҳам, зарурати эҳёи анъанаҳо ва маросими фарҳангӣ яке аз масъалаҳои муҳимми даврони истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Ин раванде буд хеле мушкил ва барои амалӣ намудани он як қатор корҳо бояд ба анҷом расонда мешуданд, аз ҷумла:

---

[1] Summner, W.G. Folkways [Text] / W.G. Summner. – Boston: Ginn and Company, 1906. – 642 p.

- ташкил ва роҳандозӣ намудани лоиҳаҳо ва барномаҳои махсус оид ба омӯзиш ва тарғиби анъана ва маросими фарҳангӣ;

-ташкил намудани экспедитсияҳо ва нашр намудани маводи илмӣ-таҳқиқотӣ;

- баргузор намудани семинарҳо, конфронсҳо ва симпозиумҳои байналмилалӣ оид ба равшанӣ андохтани ҷанбаҳои муҳимми мероси фарҳангӣ ва маънавӣ;

- таъсиси фондҳои махсус оид ба эҳёи мероси фарҳангиву маънавӣ ва ғайра.

Дар ин замина бояд зикр кард, ки воситаи асосии ҳифзи арзишҳои миллӣ ва умуман фарҳанги миллӣ ин анъанаҳо мебошанд, ки дар қолаби расму оин ва маросим фаъолият менамоянд. Расму оин ва ҷашну маросим падидаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҳаёти анъанавии мардум мебошанд, ки дар тӯли таърих ба вуҷуд омадаанд ва бо таҳаввулоту тағйир то замони мо расидаанд. Вазифаи асосии ин расму оинҳо пайванди гузашта бо ҳозира, барқарорсози ваҳдату ягонагӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, арҷгузории арзишҳои маънавӣ, тарбияву ахлоқ ва мустаҳкам шудани мансубияти қавмию худшиносии миллӣ мебошанд.

Ба андешаи мо, барои дарки ҳамаҷонибаи ҷиҳатгирии ҳаёти маънавии ҷомеа дар марҳилаҳои мураккаби таърихӣ назар андӯхтан ба мазмуну моҳияти мафҳуми низомсоз хеле муҳим аст. Яке аз чунин мафҳумҳо «анъанаҳои маънавӣ» ба шумор мераванд, ки шарҳу тавзеҳи онҳо дар фалсафаи иҷтимоӣ нисбатан гуногун ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин, ҷустуҷӯи далолатҳои ақлӣ имконияти робитаи ногусастанӣ доштани гуногунии фикриро дар мавриди мухтавои ин мафҳум дар ихтиёри мо гузошта метавонад. Бинобар ин, мо зери мафҳуми анъанаҳои маънавӣ, пеш аз ҳама, шаклҳои муносибатҳои таърихан ташаккулёфтаи одамонро дар заминаи арзишҳо, идеяҳо, таҷрибаҳои ҳаётӣ, меъёрҳои рафторӣ дар назар дорем, ки аз насл ба насл ба мерос мегузаранд. Унсурҳои номбаршудаи анъанаҳои маънавӣ тавассути афкори ҷамъиятӣ

истеҳком меёбанд ва дар ҳалқаи ногусастанӣ одамонро ба ҳамдигар пайвастан мусоидат менамоянд. Аз ин ҷиҳат, анъанаҳои маънавӣ таҷрибаи ҳаёти фарҳангии ҷомеаро на танҳо ҷамъ месозанд, балки онро инкишоф медиҳанд ва дар ташкили ҳаёти ҷамъиятии инсон татбиқ месозанд. Хусусияти ҳадафмандона доштани фаъолияти барандагон, меросбарони анъанаҳои маънавӣ ҳам дар мавриди ба насли дигар додани донишу маҳорат ва таҷрибаҳои ҳаётии наслҳои гуногун ифода меёбад

Дар бештари пажӯҳишҳои илмӣ дарки муҳтавои анъанаҳои маънавиро дар заминаи муроқибаи инсон ва анъанаҳо муфид мешуморанд. Ҳарчанд чунин муносибат ба анъанаҳои маънавӣ то андозае дуруст ба назар мерасад, вале ба пуррагӣ гуногунии ҳузури анъанаҳои маънавиро дар ҳаёти ҷомеа шарҳу тавзеҳ дода наметавонад. Ҳаёти ҷомеаҳо чи дар гузашта ва махсусан дар замони ҳозира нишон медиҳад, ки анъанаҳои маънавӣ танҳо аз мероси гузашта иборат нест, балки он мудом офарида мешавад ва барои ба муҳити нави ҳаёти ҷамъиятӣ мутобиқ шудани инсон кумак мерасонад.

Чунин дидгоҳи фарҳангшиносии имрӯза ба баҳодиҳии мақоми анъанаҳои маънавӣ дар ҷомеаҳои имрӯза, ҳамзамон, муносибати арзёбиро ба консепсияҳои пештара ба тадриҷ тағйир доданд. Яъне, чуноне ки пештар зикр намудем, консепсияҳои фалсафаи иҷтимоӣ пештар аз чунин завқи назарявӣ бармеомаданд, ки анъанаҳои маънавӣ аслан моли таърихи гузаштаанд ва онҳоро хотираи таърихӣ ҳифз ва вобаста ба талаботи рушди таърихии ҷомеа эҳё менамояд. Чунин равиши фикриро дар осори бештари муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар раванди интиқоли анъанаҳо механизми интиқоли онҳо ба таври шифоҳӣ, махсусан то давраи пайдоиши хат нақши муҳим мебозид. Дар баробари рушди ҷомеа ва пайдоиши хат раванди интиқолдиҳӣ ба воситаи осори хаттӣ амалӣ мегардад. Имрӯз низ ин механизм ба воситаи

дигар шаклҳои иттилоот амалӣ гардида истодааст. Бино ба назарияи як қатор муҳаққиқон, ба монанди Р. Линтон, А. Кардинер ва Э. Эриксон интиқоли арзишҳои маънавӣ андешаи онҳо, тавассути иҷтимоишавии шахс, пеш аз ҳама, дар оила сурат мегирад.[1]

Анъана ин сохтори таърихии интиқолдиҳандаи таҷриба ва дониш аз як насл ба насли дигар мебошад, ки аз чаҳор зерсистема иборат аст: институтсионалӣ, функсионалӣ, танзимӣ ва коммуникатсионӣ. Ба зерсистемаи аввал марказҳои фардии анъана дохил мешаванд, ки худ мазмуни ашёро мутамарказ мекунанд. Дуюм вазифаи "интиқол", нигоҳдорӣ, интихобро дар бар мегирад. Ба зерсистемаи сеюм принсипҳои «ҳувияти дохилии» анъана ва «кушода будани он» дохил мешавад. Зерсистемаи чаҳорум бошад, омили коммуникативӣ аст, ки он ба «зербино» ё «меҳвари» асосии анъана алоқаманд аст, ки он идея ё тамомияти транссендентӣ (зеҳнӣ) ё анъанаро ташкил менамояд.

Бино ба нуқтаи назари муҳаққиқон, анъанаро имрӯз ҳамчун «як фазои - идомаи тафаккур» қабул кардан мумкин аст, ки сифатҳои беназири онҳо «гетерогении фазоӣ» ва «изохронизми муваққатӣ» мебошанд. Дар соҳаи анъана ду раванд сурат мегирад, ки мундариҷаи фаҳмиши анъанаро ҳамчун тарҷума бештар инъикос мекунанд: заифшавӣ (фишурдан) ва парокандашавӣ (пароканда).

Дар ҷараёни фишурдани ин соҳа “зичиҳо” ба вуҷуд меоянд, ки дар шакли ҷамоаҳои анъанавӣ мавҷуданд. Ин ҷамоаҳо ҳамчун қисматҳои пора-пора ва мукаммал баррасӣ мешаванд. Онҳо "пайвандҳо"-и анъанаро муаррифӣ мекунанд. Ин нуқтаи назар ҳамчун яке аз асосҳои муносибати мо ба омӯзиши анъана хизмат мекунад, ки дар навбати худ мо имкон пайдо мекунем, ки таърифи "анъанаи маънавӣ"-ро баён намоем. Дар ин ҷо мо анъанаро аз ду нуктаи назар маънидод менамоем. Яъне, анъана ин раванди интиқоли таҷрибаҳои гуногуни фарҳангие, ки

---

[1] Элкинд, Д. Эрик Эриксон и восемь стадий человеческой жизни [Текст] / Д. Элкинд. – М.: Когитоцентр, 1996. – С.122.

инсоният дар тӯли ҳазорсолаҳо ҷамъ овардааст, мебошад. Дувум, анъана падидаи иҷтимоист, ки он бо воситаи ҷамоаҳои гуногун дар ҷомеа зоҳир шуда, на танҳо таҷрибаи гуногуни фарҳангиро ҷамъ меоварад, балки, аз ҷумла, таҷрибаи антропологии боло рафтани насл ва таҷрибаи ҳаётиро ба амал меорад ва барои таҷрибаи фардӣ ва гурӯҳӣ кумак мерасонад.

Аз ин рӯ, як ҷамоаи маънавӣ қодир аст, ки таҷрибаи маънавии пайравони худро ба вуҷуд орад, зеро он усулҳои ташкилӣ, механизмҳои сохтани фаъолияти амалиро медонад ва меъёрҳои санҷиш дорад. Ҳангоми таҳлили сарчашмаҳои таҳқиқотӣ метавон ба вариантҳои гуногуни таърифи «анъана» дучор гардид. Бо вуҷуди ин, муайян карда шуд, ки ин мафҳум маънои аслии худро гум накардааст. Дар ҳама ҳолатҳо, вақте ки дар бораи анъана суҳбат мешавад, ҳамеша воситаҳо, механизмҳо, усулҳои тарҷума бояд дар хотир нигоҳ дошта шаванд.

Ҳамзамон, иддае ба ин назаранд, ки анъанаҳо наметавонанд ба ташаккули шахс, таҷрибаи фардӣ ва колективӣ нақши муассир дошта бошанд. Таҷриба нишон додааст, ки инсон метавонад дар асоси таъсири таҷрибаи аъанаи маънавӣ дигаргун гардад. Ҳар яке аз равишҳои дар боло номбаршуда ва ҳамаи таърифҳои фавқуззикр ҳиссаи муайяни ҳақиқатро доранд, аммо онҳо мутлақ карда намешаванд, зеро тамоми соҳаи проблемаи категорияи «анъана» -ро фаро намегиранд ва бебаҳс нестанд. Ҳамин тавр, такомули шахс дар доираи анъанаҳои маънавӣ аз марҳалаҳои гуногун иборат мебошад. Яъне, он чуноне ки шахс ҷисман такомул меёбад, аз нигоҳи маънавиёт низ дар ҷомеа бо таъсири анъана ва расму одатҳо рушд меёбад.

Ҳамин тариқ, тамоми принсипҳои мавҷудияти анъанаҳо муҳим мебошанд ва аз ин рӯ, онҳо ба таври қатъӣ дар ин раванд риоя карда мешаванд. Дар айни замон, на танҳо принсипҳои мавҷудияти анъана ба фард таъсири назаррас мерасонанд, балки заиф шудани онҳо метавонад боиси оқибатҳои пешгӯинашаванда гардад. Масалан, мо чунин ҳадс

мезанем, ки вазифаи мактаб аз чӣ иборат аст, танҳо таълиму тарбия аст ва ё фақат таълим асту халос.

Шаклҳои пайдоиш ва моҳияти анъанаҳо дар соҳаи фарҳанг торафт равшантар аён мегарданд. Фаҳмиши фалсафии дониши андӯхташуда ба мо имконият фароҳам меорад, ки онҳо ба танзим ва тартиби муайян дароварда шаванд, ки ин барои боз ҳам амиқтар ошкор кардани моҳият, механизми паҳншавии анъанаҳо ва дараҷаи таъсири онҳо ба шахс ва ҷомеа мусоидат менамояд. Омӯзиши механизмҳои тағйири иҷтимоию фарҳангӣ дар тӯли таърих ба таври возеҳ нишон дод, ки анъанаҳо тамоми самти рафтори одамонро ба таври воқеӣ муайян кардаанд.

Масъалаи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, яке аз масъалаҳоест, ки миллатҳоро дар раванди таърих нигоҳ доштааст. Худшиносии миллӣ бевосита бо анъанаи маънавӣ рабт дошта, дар аксар маврид якдигарро такмил дода, бахри ҳифзи якдигар мусоидат менамоянд. Имрӯз низ ин мавзуъ аз ҷумлаи масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад.

Дар мафҳуми анъанаҳои маънавӣ мо метавонем тамоми он маросим, ҷашну оинҳо, матнҳои бадеӣ, аз ҷумла таронаву суруд, нақлу ривоят, афсонаҳо, зарбулмасалу мақол, матнҳои муқаддаси динӣ, осори маънавию тасвирӣ ва ғайраро тасаввур кунем. Агар дар алоҳидагӣ ҳар як аз ин унсурҳоро баён кунем, онҳо дар соҳаи маънавии ҷомеа нақш доштаанд ва имрӯз низ вазифаи худро адо менамоянд. Барои мисол маросимро гирем, пас миёни вожаҳои “маросим”, “расму оин” ва “ҷашн” чандон фарқи ҷиддӣ мавҷуд нест ва мо метавонем дар атрофи ҳар як аз ин калимаҳо анъанаҳоро фаҳмем. Вале, дар навбати худ, ҳар як аз ин калимаҳо маънои хос доранд ва ба ҳар як анъанаи хос далолат менамоянд. Ҳамин тариқ, аз ҷиҳати этимологӣ “маросим” вожаи арабист, ки ба маънои ақида, одат, расму оин далолат мекунад. Аз ҷиҳати истилоҳ бошад, пас “маросим” ин маҷмуи фаъолиятҳо ё амалиётҳои рамзиву анъанавии як халқ аст, ки таърихан дар асоси талаботи иҷтимоӣ ва маънавии он шакл гирифтааст ва аз насл ба насл

интиқол ёфтааст. Албатта бо гузашти замон, бо таъсири соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ маросимҳо метавонанд тағйир ёбанд, вале моҳияти маънавии худро аз даст намедиҳанд.

Бояд зикр намуд, чанд унсурҳое мавҷуданд, ки ба маросимҳо тааллуқ доранду сабаби мондагории онҳо дар ҷомеа мегарданд. Инҳо иборатанд аз: дорои рамз будан, амалиёти такроршавандагӣ доштан, инъикоскунандаи мазмун ва муҳтавои асотириву қадимӣ, иртибот ба қувваи фавқуттабиӣ доштан, қонеъ намудани талаботи аҳли ҷомеа ва ғайра. Масалан, маросими меҳмоннавозӣ, ки ҳамчун анъанаи хуби тоҷикон пазируфта шудааст, ҳар як давраи меҳмоннавозӣ аз истиқбол то гусели меҳмон дар худ як ҷаҳон маъниро дар бар гирифтааст, ки аз насл ба насл гузаштааст.

Маҳз дар ҷомеаи инсонӣ маросимҳо тавлид меёбанд, ташаккул мекунанд ва оҳиста-оҳиста боқӣ мемонанд ва дар ҳолати зарурат набудан нест мешаванд. Ҳамаи ин маросим дар ҷомеа бо инсонҳо ҳастанд ва ба ҳолати ғам ва шодии онҳо вобаста мебошанд. Маҳз ҷашну маросимҳои шодиовару ғамангез вобаста ба ҳолати инсонҳо мебошанд. Маҳз пас аз ҳар ғаму дармондагӣ як ҷашни шодиовар аст, ба монанди ҷашни Наврӯз, ки баъд аз сардиҳои зимистон меояд. Албатта ин маросимҳо дар доираи идеологияи дину мазҳабҳо, ҳувиятҳо, арзишҳои милливу фарҳангӣ ва махсусан дар доираи давлатдориҳо такмил ва ташаккул ёфтаанд.

Дар фарҳанги халқи тоҷик ҷашну маросими фаровоне вуҷуд доранд, ки дар худ ифодагари арзишҳои асили миллӣ ва маънавиёти он мебошанд. Боз ҳам агар ҷашни Наврӯзро мисол гирем, он ҳеҷ вақт аз маънавиёти аҳли ҷомеа ҷудо набуда, балки ифодагари фалсафаи амиқ мебошад. Чуноне донишманди тоҷик Зокирзода Н.М. зикр менамояд: «Ҷашнҳои миллӣ ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги миллӣ ва ҳастии миллат мебошанд. Ин ҷашну маросим миллатро, арзишҳои милливу

фарҳангӣ, хотираи таърихӣ доштан ва соҳибфарҳангу тамаддунсоз будани онро нишон медиҳанд. Аз ҷумла:

- Наврӯз ифодагари фарҳанг, таърих ва ҷаҳонбинии мардумони ориёинажод аст;

- Наврӯз бо тамоми хусусиятҳо ва рамзҳои мондагор будани худ дар тӯли ҳазорсолаҳо ифодагари тарзи зиндагии созанда будани як халқ ва тамаддунсоз будани онро дар умқи таърих нишон медиҳад;

- Наврӯз - таҷассуми тарзи тафаккуру зиндагӣ ва дарбаргирандаи афкори фалсафиву ахлоқии мардумони тоҷику форс мебошад;

- Наврӯз - фарорасии соли нав, рамзи оғози корҳои нав, эҳёи табиат аст, ки дарбаргирандаи ахлоқи ҳамида ва ба танзим даровarandаи фаъолияти минбаъдаи инсон мебошад. Маҳз чунин хусусиятҳои Наврӯзи хуҷастапай сабаб гардид, ки он ҳамчун ҷашни мардумӣ то ба имрӯз боқӣ монад».[1]

Албатта ҳар як амале, ки дар рӯзҳои наврӯзӣ ба амал бароварда мешаванд, дорои маъниҳои хос мебошанд, ки ба ҳувияти миллии тоҷикон сахт алоқамандӣ доранд. Чор унсур - обу ҳаво ва оташу хок аз қадим дар таърихи тамаддуни тоҷикон муқаддас ба шумор мерафтанд. Чунки ин чор унсур манбаи ҳаёт, рамзи зиндагии шоиста мебошанд. Ободии табиат, шинондани дарахтон, ба замин дар айёми Наврӯз тухм пошидан рамзи зиндагӣ ва хушбахтӣ ба шумор меравад. Дар ин замина инсон аз ҳама махлуқи бо ақлу ҳуш ва ободкунанда дар Замин аст, ки ба воситаи он корҳои нек ба анҷом расонда мешаванд.

Ин аст, ки дар рӯзи Наврӯз ҳама ба саҳро мебароянд, ҳурсандӣ менамоянд, кинаву адоватро аз дилҳо берун мекунанд ва душманон даст ба дасти ҳам мегиранд ва сулҳ мекунанд. Ин ҳам яке аз вижагиҳои ҷашни мондагори Наврӯз аст. Маҳз ҳамин хусусиятҳои умумибашарӣ доштани

[1] Зокирзода, Н.М. «Мужда ба гулҳо баред...» Ва ё андар ҷанбаҳои умумибашарӣ ва гуманистии ҷашни Наврӯз [Манобеи электронӣ] / Н.М. Зокирзода. – Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj (Санаи муроҷиат: 10.05.2020).

Наврӯз гувоҳӣ онанд, ки онро мардумони ғайриориёӣ низ қабул намудаанд ва ҳамасола ҷашн мегиранд. Гарчанде ки дар тӯли таърих қудратҳову сиёсатҳо дигар гаштанд, вале Наврӯз ҳамчун ҷашни мардумӣ боқӣ мондааст.

Бояд зикр намуд, ки анъанаҳои маънавие, ки имрӯз дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон амал менамоянд, дорои хусусиятҳои байналмилалӣ, динӣ (исломӣ) ва этникӣ-фарҳангӣ мебошанд. Дар ин ҷо хеле одилона мебуд, ки суханҳои донишманди тоҷик Зиёвуддин Шоевро мисол орем. Аз нигоҳи ӯ, тамоми анъана ва ҷашну маросимҳои тоҷиконро метавон ба ду давра - пешазисломӣ ва баъдиисломӣ ҷудо намуд:

«Як қисми ин мероси фарҳангӣ дар даврони зардуштӣ, қисми дувумашон дар давраи исломӣ, савумиҳо дар замони шӯравӣ пайдо шуда, хазинаи фарҳанги миллии моро ғановат бахшидаанд. Онҳоро аз лиҳози мансубият ё даврабандии таърихӣ ба ду қисмати асосӣ ҷудо кардан мумкин аст: а) анъанаву маросимҳои тоисломӣ; б) анъанаву маросимҳои исломӣ. Аз нуқтаи назари мансубият ба ин ё он соҳаи ҳаёти ҷомеа бошад, соири анъанаву маросимҳои милливу динии тоисломӣ ва исломии тоҷиконро ба чунин қисматҳои асосӣ ҷудо кардан мумкин аст:

- анъанаву маросимҳои марбут ба ибодат ва диёнат;

– анъанаҳои марбут ба соҳаи давлатдорӣ ва ҳуқуқ;

– анъанаву маросимҳои оилавӣ-маишӣ;

- анъанаҳои иҷтимоӣ, меҳнатӣ - хоҷагидорӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»[1].

Воқеияти имрӯза аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҷашну маросимро вобаста аз вақти баргузорӣ ва сабабҳои таҷлили онҳо метавон ба ду қисмат ҷудо намуд:

Ҷашнҳое, ки аз қадим ба солшуморӣ, фаслҳои сол ё тақвим алоқаманд буданд ва имрӯз низ таҷлил мегарданд. Новобаста аз он ки ин

---

[1] Шоев, З. Ҳунарҳои мардумӣ - бахши муҳимми анъанаҳои миллӣ ва масъалаи танзими ҳуқуқии онҳо [Манобеи электронӣ] / З. Шоев. – Низоми дастрасӣ: http://jomea.tj/tj/node/.04/10/2019. (Санаи муроҷиат: 12.05.2020).

ҷашнҳо ба фарҳанги ҷомеа, фаслҳои сол ва ё дин тааллуқ доранд, имрӯз дар худ ҳукми қонуниро қабул намудаанд, ба монанди ҷашнҳои Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 9 сентябр, Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 5 октябр, Соли нави мелодӣ - 1 январ, Рӯзи Модар - 8 март, Иди байналмилалии Наврӯз - 21-24 март, Иди Сада - якшанбеи дуюми моҳи март, Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ - 9 май, Рӯзи Фалак - 10 октябр, Рӯзи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ - 30 сентябр, Рӯзи Рӯдакӣ - 22 сентябр, Рӯзи китоб - 4 сентябр, Рӯзи дониш - 1 сентябр, Рӯзи Шашмақом - 12 май, Рӯзи байналмилалии ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, меъморӣ ва фарҳангӣ - 18 апрел, Иди Меҳргон - якшанбеи сеюми моҳи октябр, Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 24 ноябр, Иди Рамазон  ва Иди Қурбон - ҳар сол дар рӯзе, ки аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба корҳои дин муқаррар карда мешаванд.

Ҳамаи ин ҷашнҳо, ки дар даврони Истиқлолияти давлатӣ ҳукми қонунӣ гирифтаанд, таҷлил мегарданд ва дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба танзим дароварда мешаванд. Чуноне дар Моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» омадааст: «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рӯзҳои ид ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад»[1]. Имрӯз ин ҷашнҳо на танҳо дар фазои истиқлолият барои дарки воқеии шаҳрвандон аз ватандориву худшиносӣ водор месозанд, балки шаҳрвандонро ба худшиносӣ, эҳёи арзишҳои миллӣ, шинохти шахсиятҳо ва фарзандони барӯманди миллат, бедор намудани ҳисси ватандӯстӣ ва билохир эҳёи анъанаҳои маънавӣ ҳидоят менамоянд.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://majmilli.tj (Санаи муроҷиат: 15.04.2020).

Қисмати дигари ҷашнҳоро метавон ҷашнҳои маишӣ-иҷтимоӣ номид, ки вобаста ба ҳаёти инсонҳо, ҳодисаҳои фараҳбахш ва хурсандӣ ва ё ғамангези онҳо ва дигар омилҳои маишиашон вобастагӣ дорад, ба монанди ҷашнҳои арӯсӣ, хатнасур, гаҳворабандон, бӯрёкӯбон ва ғайра.

Таҳлили фаъолият ва ё амалкарди ҳар як аз ин анъанаҳо дар замони муосир нишон медиҳад, ки онҳо дар баробари меъёри иҷтимоӣ будан, тавонистанд, ки дар худ табиати ҳуқуқӣ касб намоянд. Яъне барои он ки дар зиндагии иҷтимоии мо таъсири худро мерасонанд, ба монанди маросимҳои вобаста ба дин, оилавӣ-маишӣ ва инчунин соҳаи давлатдорӣ зарурат ба вуҷуд омад, ки онҳо қувваи қонунӣ пайдо намоянду ба низоми ҳуқуқӣ таъсиргузор бошанд. Дар баробари ин маросимҳое, ки аз доираи худ берун баромаданд ва тадриҷан ифротӣ гардида, ба ҳаёти моддӣ ва маънавии ҷомеа таъсири манфӣ расонданд, зарурат пеш омад, ки онҳо танзим карда шаванд.

Андешаю таҳлилҳои фавқуззикр нишон медиҳанд, ки вобасста ба қутби тамоюлоти арзишҳои маънавии ҷомеа таркиби хеле мураккабу гуногун доштани онҳо ба назар мерасад, ки онҳоро метавон ба сатҳи арзишҳои фардию гурӯҳӣ, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ гурӯҳбандӣ намуд. Ҳар кадоми онҳо дар баробари дорои хусусиятҳои хосу нотакрори худ будан, инчунин бо ҳамдигар алоқамандии ногусастанӣ доранд, ки ба онҳо зарфияти рушду ҳамзистиро медиҳад. Яъне «арзишҳо – аҳамияти мусбӣ ва манфии объектҳои асосиро ифода карда, инсон, гурӯҳ, синфҳо, моҳияти муносибатҳои иҷтимоӣ ва талаботи онҳоро муайян мекунанд. Ҳар як фард арзиши ба худ хос дорад, ки барои ба танзим даровардани тамоми рафтору кирдори инсон ва қадршиносии дигарон дар ҷомеа ёрӣ мерасонанд. Ҳамин тариқ, арзишҳо – нишонгари меъёри баҳодиҳӣ, амр ва манъ, ёддошти мақсаду нақшаҳо дар шакли меъёрҳои ахлоқӣ, ба монанди некӣ ва бадӣ, адолату ҳақиқат инъикосёфта мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки фарҳанг чун тарзи омӯзиши арзишии воқеият, ҳамчун механизм баромад намуда, арзишҳоро дар ҷомеа ба танзим даровarда, онҳоро ҳифз менамояд ва инкишоф медиҳад. Фард пеш аз ба маданият ворид шудан, низоми арзишҳоро бояд қабул намояд. Ин дар он сурат имконпазир аст, ки агар ҷомеапазирӣ ҷой дошта бошад ва дар натиҷа инсон арзишҳои шахсии худро ҳосил мекунад. Арзишҳои иҷтимоии аз тарафи шахс қабулшуда вазифаи танзимгарии рафтори иҷтимоии фардҳоро иҷро мекунанд. Ташаккулёбии низоми нишондиҳандаи арзишҳо ба он оварда мерасонад, ки ҳар як шахс дар ҷомеа худро ҳамчун субъекти фаъол муаррифӣ кунад».[1]

Мусаллам аст, ки арзишҳои маънавии барои инсоният хизматкунанда ҳамеша якдигарро пурра мекунанд, бо ҳамдигар алоқамандӣ пайдо намуда, дар маҷмуъ барои ташаккули фарҳанги мукаммали башарӣ мусоидат менамоянд. Нуктаи мазкурро дар мисоли таҷрибаи фарҳанги тоҷикон дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ фарҳангшинос Раҳимов С. хеле барҷаста тасвир намудааст: «Фарҳанги миллӣ дар ҳамон сурат ба сатҳи байналмилалӣ расида метавонад, агар аз доираи анъанавӣ берун бароянд. Барои ин лозим аст, ки асарҳои мо дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир шуда тавонанд… Бозори ҷаҳонӣ – ин фазои арзишҳои мафкуравию фарҳангист ва он дар раванди зинда, тағйирёбанда қарор дорад. Ва онро бояд омӯхт, таҳқиқ кард. Ва агар мутобиқи талаботи он амал куниву асар офарӣ, ҳатман бурд мекунӣ. Дар ин бозор мундариҷа ва сифати асарҳо муҳиммият дорад. Дар он анъанаро тавъам бо навоварӣ дӯст доранд. Дар ин раванд дар кишвари мо ду мушкилӣ вуҷуд дорад. Яке тасаввуроти анъанавие мебошад нисбат ба он, ки асарҳои санъат набояд ҳамчун моли фурӯшӣ дониста шаванд. Яъне асари ҳунар мол нест, балки арзиши волои маънавист, ки ҳеҷ рабте

---

[1] Идиев, Х. Нақши арзишҳои фарҳангӣ дар танзими рафтори иҷтимоӣ [Матн] / Х. Идиев // Истиқлолият ва фарҳанг. Маводи конфронси илмию амалӣ. – Душанбе: Матбаа, 2017. – С.64-65.

надорад ба мол. Асари санъат ба мисли асари улвист ва кори бемаърифатист, дағал ва чизпарастист. Воқеан ин хел муносибат аз замони шӯравӣ ҳамчун архаизм боқӣ монда, ки даъват мекард, ки бозор ва маънавиёт чизҳое оштинопазиранд».[1]

Инкишофи маънавию ахлоқии инсон дар баробари баҳра бурдан аз дастовардҳои фарҳанги умумибашарӣ, инчунин аз манбаи арзишҳои маданияти миллӣ васеъ истифода мекунад. Бинобар ин, давлат ҳамеша кӯшиш менамояд, ки барои бо ин манбаи арзишҳои беназири миллӣ ошно сохтани кулли аъзои ҷомеа саъю талоши хастанопазир кунад. Барои мондагор будани арзишҳову анъанаҳои маънавӣ ва таъмини иштироки онҳо дар ташаккули фарҳанги миллӣ дар ҷомеаи мо нақши институти оила бузург аст. Пеш аз ҳама он дар ҳаёти оилавӣ, дар муносибати байниҳамдигарии аъзои он мушоҳида мегардад. Оила, ки ҷузъи ҷудонашаванадаи ҷомеа ва институти ҷомеа мебошад, бе маънавиёт вуҷуд доштани он имконнопазир аст: “ҳолати нави оиларо сарвати маънавӣ ва ба якдигар муносибати самимӣ доштани аъзоёни он, ки ба манфиати умум нигаронда шудааст, муайян мекунад.”[2]

Пойдории ҳар ҷомеа ба раванди танзими ахлоқии аҳли он вобаста аст. Анъанаҳои маънавӣ ҳамчун падидаҳои мусбат ва устувори ҷомеа ҳамеша бар зидди падидаҳои манфӣ ва номатлуб нигаронда шуда буданд. Албатта яке аз вазифаҳои асосии оила таъмин намудани насли солим ба ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, рушди ҳаёти маънавӣ, иқтисодӣ ва умуман иҷтимоӣ ба кадрҳо вобаста аст, ки онҳо бевосита дар оилаҳо тарбия меёбанд: “Дар оила муносибатҳои ғоявӣ (идеологӣ), ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва динӣ сурат мегирад. Ташаккули захираҳои меҳнатӣ, интихоби касб, муҳоҷирати аҳолӣ таҳти таъсири оила қарор мегирад. Маҳз дар

---

[1] Раҳимов, С. Нақши фарҳанги бадеӣ дар тарғиби идеяҳои истиқлолият [Матн] / С. Раҳимов // Ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими истиқлолияти сиёсӣ ва масоили консептуалии рушди давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Маводи конфронси илмию амалӣ. – Душанбе, 2016. – С.50-51.

[2] Дадабоева, Н.Н., Дадабоев, Н. Ташаккули муносибатҳои оилавӣ ва анъанаҳои оилаи тоҷик [Матн]: дастури таълимӣ / Н.Н. Дадабоев, Н. Дадабоев. – Хуҷанд, 2014. – 164 с.

оила одатҳои гуногун, асосҳои ахлоқии муносибат бо калонсолон, меҳру шафқат ва ё бетарафӣ ташаккул меёбанд."[1]

Дар баробари таҳдид ва хатарҳои глобалзатсионӣ, ки ба фаъолияти институтҳои ҷомеа мерасонад, мақоми онҳоро заиф мекунад, оила маконест, ки шахс оромӣ ва амнияти худро дар он мебинад. Имрӯз инкишофи муносибатҳои бозорӣ, то як андоза ҳолати оиларо низ тағйир додааст. То андозае таълим ва тарбия дар оилаҳо заиф мегардад, ки он бевосита ба маънавиёт алоқаманд аст. Лекин, боз ҳам оила вазифаи худро иҷро мекунад: "Чӣ қадар рақобат, мубориза, сахтиву мушкилӣ зиёд бошад, ҳамон қадар инсон сӯйи ҳифз, оромӣ, арзиши ахлоқии оила равон мегардад. Чӣ қадар аз ҷамъият дур раванд, ҳамон қадар доираи хешовандону наздикон ба худ мекашанд. Бинобар ин, аксари мардҳо ва занҳо оиларо беҳтар ва фарзандонро неъмати бебаҳо меҳисобанд."[2]

Қобили зикр аст, ки дар фарҳанги тоҷикон оила мақоми махсусро соҳиб аст. Ташкил намудани оила ва издивоҷ намудани ду навҷавон ҳодисаи фараҳбахш дар таърихи фарҳанги тоҷикон низ ба шумор меравад. Мувофиқи таълимоти динӣ, аз ҷумла динҳои тавҳидӣ издивоҷ восита ва шарти муҳимми рушди ҷомеаи инсонӣ ба шумор меравад, ки он бо пайдоиши насли нав алоқамандӣ дорад. Дар дохили маросими арӯсӣ аз хостгорӣ шурӯъ намуда, то охирин марҳалаи тӯю сур, фарҳанги хоси мардуми мо инъикос гардидаанд.

Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷлиси умумиҷумҳуриявӣ доир ба танзими расму оинҳо дар суханронии худ зери унвони "Танзими расму оинҳо - талаботи замон", ки 9-уми июли соли 1999 баргузор гардида буд, гуфта буданд: "Танзими расму оин ва анъанҳо ҷанбаи хеле муҳимми масъалаи миллӣ мебошад. Аз ин хотир, мо вазифадор ҳастем, ки пеш аз ҳама бойигариҳои маънавии қадимаи

---

[1] Дадабоева, Н.Н., Дадабоев, Н. Ташаккули муносибатҳои оилавӣ ва анъанаҳои оилаи тоҷик [Матн]: дастури таълимӣ / Н.Н. Дадабоев, Н. Дадабоев. – Хуҷанд, 2014. – С.21.

[2] Дадабоева, Н.Н., Дадабоев, Н. Ташаккули муносибатҳои оилавӣ ва анъанаҳои оилаи тоҷик [Матн]: дастури таълимӣ / Н.Н. Дадабоев, Н. Дадабоев. – Хуҷанд, 2014. – С.50.

халқамонро ҳамчун манбаи нодиру гаронбаҳо дар тарбияи ҷавонон истифода барем.”[1]

Ҷомеаи тоҷикистонӣ дар баробари дигар ҷомеаҳои мутамаддин дар остонаи асри XXI дар раванди гузариш қарор дорад. Дар чунин раванд анъанаҳо ба фарҳанги мардум таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, расму оинҳо, ки онҳо воситаи муҳимми интиқоли маънавиёти ҷомеа мебошанд, тағйири шакл мекунанд: “Баъзеи ин анъанаҳо хеле оҳиста тағйири шакл кунанд, баъзе бо суръат дигар мешаванд ва баъзе мутаассифона аз ҷониби шахсони худнамо ва худхоҳ шакли пурдабдабаро ба худ гирифта, аз доираи суннати аслии худ дур рафтаанд”.[2]

Ба даст овардани Истиқлолияти сиёсӣ ба мо имкон фароҳам овард, ки мусоидат ба рушди фарҳанги миллӣ, ҳифзу эҳёи мероси маънавии ниёгонамонро таъмин намоем ва дар ҳамин замина асолати фарҳангии худро нигоҳ дорем. Бозгӯи равшани самараи ин тадбирҳо дастовардҳои воқеан ҳам ифтихормандонаест, ки мо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти фарҳангии мамлакат ба даст овардем. Кушода шудани чандин шабакаҳои нави телевизионию радиоӣ, бо техникаҳои рақамӣ таҷҳизонидани онҳо, бунёди бинои нави Китобхонаи миллӣ, баргузории чандин симпозиумҳои байналмилалӣ бахшида ба бузургдошти чеҳраҳои фарҳангии миллатамон аз рӯйдодҳои муҳимми ҳаёти фарҳангии кишварамон ба шумор мераванд.

Маврид ба зикр аст, ки Киностудияи давлатии Тоҷикистон «Тоҷикфилм» оҳиста-оҳиста неруи дар замони шӯравӣ доштаашро дубора барқарор карда истода, ба маркази воқеии фарҳанги синамоӣ табдил меёбад. Мо огоҳ ҳастем, ки роҳбарияти киностудия якҷоя бо сохторҳои болоӣ нафақат дар бораи босифат истеҳсол кардани филмҳо, нав кардани базаи техникию технологии муассиса андеша мекунад,

---

[1] Раҳмонов, Э. Танзими расму оинҳо - талаботи замон [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 1999. – С.5.

[2] Ҷумъаев, Р. Ҷашни арӯсии тоҷикон [Матн] / Р. Ҷумъаев. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – С.5.

балки дар бораи тайёр кардани кадрҳои нав дар ҳама соҳаҳои кино чораҳои судманд мебинад.

Боиси қаноатмандист, ки баъзе аз филмҳои мо дар кинофестивалҳои байналмилалӣ иштирок карда, соҳиби ҷоиза низ мешаванд. Дар байни нафароне, ки филмҳояшон дар кинофестивалҳо иштирок мекунанд, аксарият синамогарони ҷавонанд. Яъне филмҳои мо дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир шуда истодаанд. Чунин сифатро касб кардани кинои Тоҷикистон саҳми Синамобазми байналмилалии “Дидор” низ ҳаст, ки барои ҳамкорӣ ва гуфтугӯи санъаткорони Шарқу Ғарб фазои муносиб фароҳам меорад ва кишвари моро аз нигоҳи воқеиву инкишофёбанда муаррифӣ мекунад. Ин нишондиҳандаи он аст, ки кинои Тоҷикистон дар солҳои охир рӯ ба тараққӣ овардааст.

Аммо, боиси нигаронӣ ин аст, ки дар ин соҳа ҳанӯз камбудиҳо зиёданд. Масалан, роҳи ҷилавгирии кинопиратҳо ҳеҷ ёфт нашуд. Ҳамин чиз расм шудааст, ки ҳар касе хоҳад аз хориҷа тавассути диску флешка филмҳои хориҷӣ оварда, бидуни салоҳияту литсензия ҳам ба сифати начандон хуб ва ҳам бо нархҳои ночиз пешниҳод мегардонад. Илова бар ин, филмҳо, хосатан филмҳои аниматсиониро, ки бештар барои кӯдакон равона шудааст, худсарона бо матнҳои бофтаву қабеҳ, ки шеваи кӯчагӣ ва ҳатто бо истилоҳҳои берун аз луғат – дашномӣ доранд, дубляж карда мефурӯшанд. Филмҳои ватаниро низ бо сифати пасти тасвирӣ ба фурӯш мегузоранд. Бо ҳамин васила мо аз як тараф ҳуқуқи муаллифро поймол мекунем, аз тарафи дигар мафкура ва завқи эстетикии шаҳрвандонро коҳиш медиҳем. Яъне синамогарони мо мутахассисини кордон кам доранд. Бахусус дар соҳаи коршиносони киноиндустрия.

Хулосае, ки аз таҳлили масъалаи шаклҳои зуҳури арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти имрӯзаи фарҳангии Тоҷикистон ба даст меояд, аз он иборат аст, ки дар мундариҷаю мазмуни арзишҳои маънавии даврони соҳибистиқлолии кишварамон ҳисси худшиносию худогоҳӣ, ватанпарастӣ, ваҳдат, ифтихори миллӣ, васфи дастовардҳои беназири

рушди мамлакат ва ғайра ҷойгоҳи шоистаро ишғол менамоянд. Анъанаҳо, асарҳои санъат, меъёру рафтори иҷтимоии мардум, дастовардҳои илмию фаннӣ пайваста махзани арзишҳои маънавии ҷомеаро ғанӣ мегардонанд ва ҳувияти миллии дар ин заминаҳо ташаккулёбанда ба таъмини амнияти маънавии ҷомеа, шахс ва давлат мусоидат мекунанд. Чунин муҳити маънавӣ фарҳангу ҷомеаи миллиро аз таъсири манфии равандҳои ҷаҳонишавӣ муҳофизат намуда, роҳро барои баҳра гирифтан аз ҷанбаҳои мусбати он боз мекунад. Натиҷаи чунин талошҳо аст, ки имрӯзҳо арзишҳои маънавии ҷомеаи соҳибистиқлоламон тавассути тарғиби анъанаҳои миллиамон, офаридани асарҳои пурмазмуни бадеию илмӣ, ташкили намоишгоҳҳои гуногун берун аз ҳудуди мамлакат эътибору нуфуз пайдо карда истодаанд. Яъне зарфияти ахлоқию маънавии инсон ҳамеша ҳамқадами дигаргуниҳои дар кулли соҳаҳои ҳаёти ҷомеа амалкунанда аст. Он дар фазои дур ва мустақил аз ҳаёти бевоситаи одамон ташаккул намеёбад, зеро эҷодкору истифодабарандаи он худи инсон аст. Дар навбати худ арзишҳои маънавӣ боиси рушди маҳорату мундариҷаи фаъолияти гуногунҷанбаи инсон мегардад. Яъне дар байни онҳо робитаи мустаҳками диалектикӣ вуҷуд дорад. Чунин робитаю алоқамандиро дарк кардану онро дар раванди эҷоди арзишҳои маънавӣ ба инобат гирифтан маҳбубияти ҷомеаро ба азхудкунию пайравӣ аз арзишҳои маънавии ҷомеа зиёд месозад.

## 2.2. Масъалаи таъсири осебҳои иҷтимоию фарҳангӣ ба таъсиру нуфузи арзишҳои маънавӣ дар ҷомеа

Мусаллам аст, ки арзишҳои маънавии ҷомеа дар баробари риоя шуданашон, мавриди тарғибу пайравӣ қарор гирифтанашон, инчунин дар баробари риоя шуданашон бо мушкилоти муайяне рӯ ба рӯ мешаванд, ки дар рафтору муносибатҳои одамон нуфузу мартабаи онҳо камтар ба назар мерасад. Мушкилоти бештари ин ҷанбаи ҳастии арзишҳои маънавӣ аз он бармеояд, ки афрод, гурӯҳу табақаҳои алоҳидаи ҷомеа баъзан вобаста ба ангезаҳои гуногун моил ба сарпечӣ аз риояи арзишҳои маънавӣ дар рафтори иҷтимоӣ мешаванд. Зуҳури чунин аломатро дар рафтори аъзои алоҳидаи ҷомеа дар илмҳои фарҳангшиносию ҷомеашиносии имрӯза бо мафҳумҳои рафтори девиантӣ ва осебҳои фарҳангӣ ифода мекунанд. Барои ифодаи чунин ҳолат нахуст мафҳуми рафтори девиантиро Эмил Дюргейм[1] ва осеби фарҳангиро Питер Штопка[2] истифода бурдаанд.

Ба эътиқоди Дюркгейм, ҷомеаҳои инсонӣ аз шакли нисбатан сода ва ғайримураккаб тадриҷан ба ҷавомеи печида табдил шудаанд. Ҳамчуноне ки ҷомеаҳо густариш меёбанд, ҷамъиятҳо низ сернуфустару мураккаб гардида, бо пешрафтҳои иқтисодӣ ва фановариашон равобити иҷтимоии ҳоким дар онҳо низ тағйир меёбанд. Дар ин мавқеият ҷомеа аз тариқи низоми вобастагии дуҷонибаи афрод бо якдигар ба лиҳози молӣ, шуғлӣ ва ғайра ба бақои худ идома медиҳад. Густариши тақсими кор муҷиби гузори ҷавомеи аврупоӣ аз як марҳилаи суннатӣ, сода, механикӣ ва феодалӣ ба марҳилаи модерн, саноатӣ, печида ва органикӣ шуд. Ба эътиқоди Дюркгейм, густариши тақсими кор ҳамвора ба осонӣ падидор намешавад ва захираҳои инсонӣ ва моддии фаровоне ба дунбол хоҳад дошт. Таҳти шароити хос тақсими кор ба сурати ғайриодӣ тавсеа меёбад

---

[1] Дюркгейм, Э. Самоубийство [Текст] / Э. Дюркгейм. – М.: АСТ, 2018. – 447 с.

[2] Штомпка, П. Социология. Анализ современного общества [Текст] / П. Штомпка. – М.: Логос, 2005.

ва гуфта мешавад, ки ҷомеа дар ҳолати ғайриодӣ қарор дорад. Аввалан онҳо бо буҳронҳои иқтисодӣ ва кашмакашҳои саноатӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ин буҳронҳо ва кашмакашҳо, ки ҳамроҳ бо тағйироти сарват дар сохторҳои иқтисодӣ аст, таназзул дар мабнои назми куҳан ва ошуфтагии иҷтимоиро ба дунбол хоҳад дошт. Ҳамин тавр, ин равандро тақсимоти нажодӣ ва табақабандиҳои ғайритабиӣ дунболагир мешаванд, ки дар он афроде, ки аз табақоти пойинтаранд дар баробари низоми ҷорӣ зиддият мекунанд ва дар савумин ҳолат ғайриодӣ тақсими кор, коҳиши ҳамоҳангӣ дар миёни ҳирфаҳои мухталиф муҷиби фурӯпошии ваҳдати иҷтимоӣ мешавад. Ин тағйироти иҷтимоӣ бидуни меъёрҳою арзишҳои ахлоқӣ ҷомеаро гирифтори бесуботӣ ва бесозмонии иҷтимоӣ мекунад. Ба андешаи Дюргейм, чунин шароит аз тақсими кор ғайриодӣ заминаро барои зуҳури зиёди рафтори девиантӣ ё аномия фароҳам меорад, ки яке аз онҳо худкушӣ мебошад. Ӯ бар ин бовар аст, ки меъёрҳою арзишҳои ахлоқӣ нуруҳое ҳастанд, ки аз берун рафтори инсонро танзим мекунанд ва яке аз ин неруҳои муҳим худи ҷомеа аст.

Ҳангоме ки нишондодҳои ахлоқӣ ба унвони танзимкунандаҳои рафтор дуруст амал мекунанд, инсон дар шароити муътадиле зиндагӣ мекунад ва дучори мушкилот дар рафтораш намешавад. Дар давраҳои буҳрони иқтисодӣ буҳрон рӯйи ҷомеа таъсир мегузорад ва ҷомеа наметавонад танзимгари муносибе барои фаъолиятҳои инсон бошад. Дар даврони рукуди иқтисодӣ ҷомеа дучори бенизомӣ шуда ва ҳукумат, ки интизор меравад иқтисодро танзим кунад, ба абзоре дар хидмати иқтисод табдил мешавад. Ба эътиқоди Дюркгейм, дар як иқтисоди бо аномия рӯ ба рӯ шуда, дар давраҳои буҳронҳои иқтисодӣ рафтори худхоҳона дар ҷомеа тавсеа меёбад. Зеро дар чунин шароити иқтисодӣ афрод аз анҷоми рафтори муътадилу миёна ва риояти назми ахлоқӣ озод шуда, дар ҳолати рақобати шадид бо якдигар қарор мегиранд. Дар ин вазъият ҳинҷорҳо ва қавоиди танзимкунандаи рафтор коройии худро дар муқобили тағйироти иҷтимоии шиддатнок аз даст дода, ҷомеа дучори

бесозмонии иҷтимоӣ мешавад, ба он ҳадде, ки марзҳои рафтори машрӯъ, санҷида ва носанҷида аз байн меравад ва осебҳои иҷтимоию осебҳои рафторӣ афзоиш меёбанд.

Мутолиаи инҳирофот ва каҷравиҳои иҷтимоӣ ва ба истилоҳ осебшиносии иҷтимоӣ (Social Pathology) аз мутолиа ва шинохти решаи беназмиҳои иҷтимоӣ бар асари риоя нашудани арзишҳои маънавии ҷомеа иборат аст. Дар воқеъ, осебшиносии иҷтимоӣ мутолиа ва решаёбии беназмиҳо, ноҳинҷориҳо ва ғ., ҳамроҳ бо илал ва шеваҳои пешгирӣ ва дармони онҳо ва низ мутолиаи шароити беморгуна ва нобасомонии иҷтимоӣ аст. Ба иборати дигар, мутолиаи хостгоҳи беназмиҳо ва нобасомониҳои иҷтимоӣ осебшиносии иҷтимоӣ аст, зеро агар дар ҷомеае ҳинҷорҳо ё меъёрҳои ахлоқӣ риоя нашаванд, каҷравӣ падид меояд ва рафторҳо осеб мебинанд. Яъне осеб замоне падид меояд, ки нисбат ба ҳинҷорҳои мақбули иҷтимоӣ беэътиноӣ сурат пазирад. Аз ин рӯ, набудану заъифии пойбандӣ ба ҳинҷорҳои иҷтимоӣ пайдоиши осебҳои фарҳангӣ аст.

Аз сӯйи дигар, агар рафторе бо интизороти муштараки аъзои ҷомеа ва ё як гурӯҳ ё созмони иҷтимоӣ созгор набошад ва бештари афрод онро нописандад ё нодуруст маънидод кунад, он гоҳ чунин падида зуҳури каҷравии иҷтимоӣ маънидод мешавад. Созмон ё ҳар як ҷомеае аз аъзои худ интизор дорад, ки аз онҳо арзишҳо ва ҳинҷорҳои ӯро риоя кунанд. Аммо, табиист, ки ҳамвора дар ҷомеа афроде ёфт мешаванд, ки ба баъзеи ин ҳинҷорҳо ва арзишҳо итоат намекунанд. Афроде, ки ҳамсоз ва ҳамоҳанг бо арзишҳо ва ҳинҷорҳои ҷомеа ва ё созмоне бошанд, «ҳамнаво» ва ё «созгор» ва ашхосе, ки бархилофи ҳинҷорҳои иҷтимоӣ рафтор кунанд ва ба онҳо пойбанд набошанд, афроди «ноҳамнаво» ва «носозгор» мебошанд. Дар воқеъ, касоне, ки рафтори инҳирофӣ ва ноҳинҷории онҳо доимӣ бошад ва зудгузару гузаро набошад, каҷрав ё мунҳариф номида мешаванд. Ин гуна рафторҳоро инҳирофи иҷтимоӣ (Social Devianced) ё каҷравии иҷтимоӣ мегӯянд.

Яке аз олимони муосири лаҳистонӣ Питер Штомпка зуҳури чунин падидаи беэътиноӣ ба арзишҳои маънавиро дар ҷомеаҳои тағйирёбанда мушоҳида ва таҳлил намуда, онро бо мафҳуми осеби фарҳангӣ маънидод менамояд. Бар асоси модели осебшиносии иҷтимоӣ масоили фарҳангӣ натиҷаи навъе беморӣ дар ҷомеа мебошанд. Агар бахшҳое аз ҷомеа, аз ҷумла унсурҳои сохторӣ ва фарҳангӣ дуруст амал накунанд, беморӣ ҳосил хоҳад шуд. Ба унвони мисол ҷурму ҷиноят, хушунату бадбинӣ, фақру нобаробарӣ, фурӯпошии ниҳоди хонавода бар асари меъёри зиёди талоқу беэҳтиромӣ ва бекифоятӣ дар ниҳодҳои иқтисодӣ, омӯзишӣ ва сиёсии ҷомеа мешавад.

Дар ин раванд, ин назария баён медорад, бемории иҷтимоӣ замоне ба вуҷуд меояд, ки афрод он қадар ҷомеапазир нашудаанд, то ин ки ҳинҷорҳо ва арзишҳои ҷомеаро бипазиранд. Аз ин сабаб, барои пешгирӣ аз масоили иҷтимоӣ ва ҳалли онҳо афрод бояд ба дурустӣ ҷомеапазир шаванд ва омӯзишҳои ахлоқӣ ва фарҳангии муносиберо дарёфт кунанд. Дар назарияи бесозмонии фарҳангӣ таъкид мешавад, ки тағйироти ногузири иҷтимоӣ ҳинҷорҳои фарҳангии ҷомеаро дучори ихтилол мекунад. Вақте ҳинҷорҳо заиф ё бо якдигар дар таъоруз бошанд, ҷомеа дар вазъияти бесозмонӣ ё беҳинҷорӣ қарор мегирад. Бар асоси ин назария беҳтарин роҳи ҳалли масоили иҷтимоӣ кам кардани суръати таҳаввулоти фарҳангӣ ва қувват бахшидан ба ҳинҷорҳои иҷтимоӣ аст.

Муътақидон ба назарияи бесозмонии фарҳангӣ бар ин боваранд, ки авомиле чун ба кор рафтани ниҳодҳои иҷтимоӣ, ба монанди хонавода ва суст шудани алоқаҳои хешовандӣ ба унвони неруҳои ниҳодҳои ғайрирасмии назорати иҷтимоӣ, дар баробари саноатишавӣ ва рушди шаҳрнишинӣ ба афзудани муҳоҷират ва инчунин ҷинояткориву авбошӣ оварда мерасонад.

Дар чунин ҷомеаҳо на танҳо арзишҳои маънавӣ хуб риоят намешаванд, балки онҳо ба амнияти фарҳангӣ таъсири ногувор ворид месозанд. Суст шудани пояҳои амнияти фарҳангӣ ба тадриҷ

истиқлолияти фикрии ҳамон ҷомеаро ба нестӣ мебарад. Чи тавре донишманди тоҷик Муҳаммад Абдураҳмон зикр мекунад: «замоне, истиқлоли фикрӣ набошад, як рӯз пешниҳоди тағйири хату забон мешавад, як рӯз пешниҳоди тағйири либос ва як рӯз тағйироти дигар. Пайравӣ аз мӯду либосу ғизо нишонаи нестии истиқлоли фикрӣ аст. Аҳамият надодан ба арзишҳои миллӣ ва пазируфтани шиорҳои бегонагон далел бар набудани истиқлоли фикрӣ аст. Истиқлоли фикрӣ ин нест, ки ҳақиқатҳои илмиро, ки аз дигарон омадаанд, напазирем ва ё тамаддуни хориҷиро пайравӣ накунем, зеро илму санъату дин мафҳумҳои умумибашарианд… Истиқлоли фикрӣ бо иқтибоси хубиҳои миллатҳои дигар фарқ надорад. Иқтибоси сифатҳои ахлоқӣ, аз қабили сабр, муқовимат, озодагӣ ва ғайра, ки вазъи саодатмандонаи баъзе миллатҳоро зикр мекунад, асоси дурӣ ҷустан аз сифатҳои бад, пайравиҳои кӯркӯрона, фасодҳо ва ғайра мебошад».[1]

Ҳоло дар робита бо ин саволе пеши рӯ меояд, ки осебҳо ва инҳирофоти иҷтимоӣ чӣ гуна падид меоянд ва авомили пайдоиши осебҳо ва инҳирофоти иҷтимоӣ кадомҳоянд? Баррасӣ ва решаёбии инҳирофоти иҷтимоӣ аз аҳамияти зиёде бархӯрдор аст. Инҳирофот ва масоили иҷтимоӣ амнияти иҷтимоиро суст ва монеъ барои рушду тавсеаи ҷомеа маҳсуб мешавад. Ба таври куллӣ ҳар рафторе, ки аз одамӣ сар мезанад, мутаассир аз маҷмуе аз омилҳое аст, ки ба таври маъмул дар тӯли зиндагӣ сари роҳи вай қарор дорад ва ӯро ба анҷоми амали хос водор мекунад.

Ҳарчанд баррасии амиқи инҳирофоти фарҳангию ахлоқӣ маҷоли дигаре металабад, аммо ба иҷмол ба чанд омили муҳимми пайдоиши онҳо дар ин ҷо ишора мегардад. Омилҳое, ки инҳироф ва каҷравиҳоро дар ҷомеаҳои гуногун ба вуҷуд меоранд, яксон нестанд ва онҳо аз назари

---

[1] Муҳаммад, А. Истиқлоли сиёсӣ – таъмини пирӯзии миллат [Матн] / Абдураҳмон Муҳаммад // Ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими истиқлолияти сиёсӣ ва масоили консептуалии рушди давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Маводи конфронси илмию амалӣ. – Душанбе, 2016. – С.15.

ҷурм, шиддат, заъф, теъдод мутафовитанд. Ин тафовутҳоро метавон дар шаҳрҳо, рустоҳо ва ҳатто дар манотиқи мухталиф ва маҳаллаҳои гуногуни ҳамон як шаҳр мушоҳида кард. Дар ҳар ҷомеа ва муҳите як қатор омилҳо ҳамчун шароити ҷуғрофиёӣ, иқлимӣ, вазъияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, мавқеияти хонаводагӣ, тарбиятӣ, шуғлӣ ва тарзи фикру нигариши хосеро дучор омадан мумкин аст, ки ҳар як аз инҳо дар ҳусни рафтор ва ё бадрафтории афрод таъсиргузор аст.

Дар назаргоҳҳои иқтисодӣ, дар осебшиносии иҷтимоӣ вазъияти иқтисодии ҷомеа ба унвони омили муассир дар бурузи осебҳои иҷтимоӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомгирифта дар ин ҳавза нишон медиҳанд, ки байни вазъияти иқтисодии афрод ва вазъи ҷурму соири осебҳои иҷтимоӣ робита вуҷуд дорад, ба тавре ки бо пойинтар рафтани сатҳи даромад бар мизони  ба амал омадани осебҳои иҷтимоӣ афзун мешавад.

Бар ин асос, мушкилоте чун нашъамандӣ, талоқ, анвои ҷурм дар қишраҳои иҷтимоӣ роиҷтар аст. Аз ин дидгоҳ, синфи миёна нисбат ба дигар қишрҳои ҷомеа вазъияти муносибтаре дорад ва дар аксар маврид зуҳури осеб дар ин табақа  ҳамчун қишри осебпазир шинохта мешавад, ки хусусияти асосии он дар поён будани сатҳи иқтисодии афрод мебошад. Дар ин дидгоҳ факр ба унвони як мушкилоти васеи иҷтимоӣ дар назар гирифта мешавад, ки сарманшаи дигар осебҳои фарҳангию иҷтимоӣ аст. Бар асоси ин дидгоҳ, ташкили вазъияти иқтисодию иҷтимоӣ дар маркази барномаҳои осеббарангезанда қарор мегирад. Ва барномаҳое пешниҳод мешаванд, ки бо афзоиши фарогириҳои шуғлӣ, сатҳи даромад ва мубориза бо бекорӣ аз вуқуи осеб ҷилавгирӣ мегардад.

Дар назарияҳои равоншиносӣ, осебпазирии иҷтимоӣ ба унвони омили муассир дар вуқуи осебҳои иҷтимоӣ дар назар гирифта мешавад. Набудани тарбияи муносиб ва фарогир, вуҷуд доштани  мушкилоти равонӣ ва рӯҳӣ дар байни афрод, мушкилоти зиндагӣ, омили дигари асосӣ ва муҳимми осебҳои фарҳангӣ ба шумор мераванд.

Ба назари муттахассисоне, ки аз ин дидгоҳ пайравӣ мекунанд, саломатии ҷомеа дар гарави саломатии афроди он аст. Ва таҳқиқоте, ки дар ин самт анҷом додаанд, нишон медиҳад, ки ин афрод маъмулан аз беҳдошти равонии муносибе баҳраманд нестанд. Маҳоратҳои кофӣ дар заминаи зиндагии муносиб надоранд ва аксарияти онҳо аз хонаводаҳои нобасомон баромадаанд. Бар ин асос, ин дидгоҳ ба беҳбуди вазъияти равоншиносии афроди ҷомеа таъкид дорад ва чунин ҳадафе даргири огоҳсозии афроду хонаводаҳо дар мавриди тарбияти фарзандон, ҳифзи саломати равонии худ ва ғайра медонанд. Ҳамчунин, таҳқиқоте, ки дар ин раванд ҷиҳати баррасии осебҳои иҷтимоӣ сурат гирифтааст, рушди ахлоқии ин афродро дар сатҳҳои поён ба анҷом расондаанд. Ба тавре ки қазоватҳои ахлоқии онҳо маъмулан аз сатҳи афроди мутавассити ҳамроҳи худ пойинтар будааст.

Назарияи пасафтодагии фарҳангӣ муътақид аст, ки навовариҳои технологӣ тағйирот дар заминаи ғайриодиро талаб мекунад ва чун ин дигаргуниҳо ҳамзамон сурат намегиранд, норасоиҳоро ба вуҷуд меоянд, ки ҳамон пасафтодагии зеҳнӣ номида мешавад ва боиси пайдоиши масоилу мушкилоти мутаъаддиде мегардад, мисли вайронкорӣ, ҷиноят, бадахлоқӣ ва ғайра.

Назарияи интиқоли фарҳангӣ гӯё аз он иборат аст, ки афрод аз тариқи ҳамнаво шудан бо дигарон даст ба ҷурм мезананд. Аз оғози асри XXI фарҳангшиносону ҷомеашиносон мутаваҷҷеҳи ин амр гардидаанд, ки дар маҳалҳои хос мизони ҷиноятҳо бисёр болост. Сокинони ин гуна маҳаллаҳо аз тариқи ҳамнаво шудан бо ҳамгинони худ даст ба ҷурм мезананд. Аз он ҷойе, ки афрод ҳамеша дар маърази афроди ҳамнаво бо иҷтимоъ ҳастанд, ин савол матраҳ мешавад, ки чӣ авомиле муҷиби таҳти таъсири дигарон қарор гирифтани рафтори онон хоҳад шуд? Инҳоро иборат аз падидаҳои зерин мешуморанд:

1. Агар фарде дар хонаводае таваллуд шавад, ки аъзои он аз ҷумлаи ҷинояткорон бошад, пас аз ҷумлаи оилаи осебпазир ба шумор меравад;
2. Синну сол. Мушаххас шудааст, ки дар давраи синни ба балоғат расидан, фард бештар таъсирпазир мегардад;

3 Алоқа ва муносибат. Навҷавононе, ки бо афроди мушкилдор тамоси бештарро дошта бошанд, эҳтимоли он ки бештар дар маърази инҳироф ва осеб қарор гиранд, меафзояд.

Назарияи фишорҳои сохторӣ мубтанӣ бар он аст, ки инҳироф ё риоя накардани арзишҳои маънавии ҷомеа натиҷаи фишорҳое мебошад, ки ҷомеа бар фард ворид мекунад. Дар ин маврид таъкид мешавад, ки вазъи ошуфтаи ҷомеа дар мавриди муайян боис ба он мегардад, ки арзишҳо ва ҳинҷорҳои иҷтимоӣ заъиф шаванд ва ё аз миён бираванд ва ё дар тазод бо якдигар қарор гиранд. Хусусан арзишҳои ҷомеаҳои саноатӣ ва ҷомеаҳои дар давраи гузариш қарордошта, шадидан таҳти чунин шароите қарор доранд. Манзараи чунин ҳолатро вобаста ба кишвари мо академик М. Шакурӣ чунин тасвир намуда буд: «Фазои фарҳанги миллӣ дар кишвар бояд мукаммал бошад, то шахсияти фарҳангии миллӣ шакл биёбад. Тиҳигоҳи маънавӣ, ки дар Тоҷикистон бо пошхӯрди импиротурии шӯравӣ ба вуҷуд омад, бояд бо ҷойгузинии фарҳанги миллӣ, ки бо маънавиятзидоӣ ва миллиятситезии садаи бист суст шуда буд, бояд ҳар чӣ зудтар устувор гардад».[1]

Назарияи назорати иҷтимоӣ мубтанӣ бар он аст, ки агар дар ҷомеа инҳироф ё ҷинояткорӣ кам ба назар мерасад, ин маънои онро дорад, ки дар ҷомеа тартибот ва назорат мавҷуд аст. Ин назария ба ҷойи ин ки бо ин суол оғоз шавад, ки чаро инҳироф вуҷуд дорад, баён мекунад, ки чаро ҳамнавоӣ вуҷуд дорад. Ба назари тарафдорони ин назария анҷоми бархе аз инҳирофот лаззатбахш ва ҳатто судовар аст. Агар мардуме ба

---

[1] Шакурӣ, М. Хуросон аст ин ҷо: маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Дониш, 2009. – С.242.

чунин рафторҳое даст намезананд, аз он ҷиҳат аст, ки дар рафтори онҳо назорат мавҷуд аст.

Таҳқиқотҳо гӯё аз он ҳастанд, ки дар ҳолати осебпазирии аҳли ҷомеа, бархе аз афрод ба сабаби ҳолати генетикии хос, ки доранд, беш аз дигарон дар маърази рафтори ҷиноятӣ қарор мегиранд..

Шаҳрнишинии идоранашаванда, густариши факр масрафи зиёди маноберо ба дунбол дорад. Маҳаллаҳои канорӣ дар шаҳрҳои бузург бо ҷурму ҷинояткорӣ робитаи мустақим доранд. Танаввуъ ва таҷаммул, ихтилофи фоҳиши табақоти иҷтимоии сокини шаҳрҳои бузург, гаронии нарху наво ва хароҷотҳои зиндагӣ инсонро имконият намедиҳад, ки барои таъмини ниёзҳои худ даст ба ҳар кори ғайриқонунӣ бизанад. Аз дигар ҷониб, муҳити ҷурм метавон факр, бекорӣ, таварруму шароити бади иқтисодиро ном бурд, ки бар ҳама аҳли ҷомеа, қишрҳо, гурӯҳҳо ва ниҳод таъсир мегузорад.

Ҳоло савол ин аст, ки бо истифода аз кадом ченакҳо мо метавонем ташхис намоем, ки рафторе аз ҳолати одӣ ва ба истилоҳ - муқаррарӣ хориҷ шуда ва ба ҳолате ғайримуқаррарӣ ва нобаҳинҷор табдил мешавад? Меъёрҳои мазкурро одатан дар илмҳои фарҳангшиносӣ ва ҷомеашиносии фарҳангӣ аз инҳо иборат медонанд:

1. Меъёр ё ченаки оморӣ: аз ҷумлаи меъёрҳои ташхиси рафтори аз меъёрҳои ахлоқӣ дур, равиши тавзеъи фаровонии хусусиётҳи мутавассите аст, ки инҳироф аз он ғайриодӣ буданро нишон медиҳад. Касоне, ки берун аз ҳадди миёна қарор доранд, афроди нобаҳинҷор шуморида мешаванд ва рафтори онон рафторе ғайримуқаррарӣ дониста мешавад. Барои мисол, аз назари оморӣ вақте гуфта мешавад, ки либосе мӯд шудааст, яъне бештари афроди ҷомеа онро мепӯшанд. Бинобар ин, сифате, ки бештари афроди ҷомеа напазирад, хориҷ аз ҳинҷор дониста шуда, ғайритабиӣ ва нобаҳинҷор маънидод мешавад.

2. Меъёр ё ченаки иҷтимоӣ: инсон мавҷуде аст, ки бояд дар қолаби улгӯҳои (моделҳои) фарҳангӣ ва иҷтимоӣ зиндагӣ кунад. Ин ки то

чӣ ҳад рафтори фард бо ҳинҷорҳо, суннатҳо ва интизороти ҷомеа ва ё ниҳоду созмони хосе мувофиқат дорад ва ҷомеа чи гуна дар бораи онҳо қазоват мекунад, меъёри дигаре барои ташхиси рафтори нобаҳинҷор ва баҳинҷор аст. Яъне рафторе, ки мавриди қабули афрод набошаду масалан бо пӯшидани либоси хосе аз сӯи афроди ҷомеа бо аксуламали онон мувоҷеҳ шавем, ин гуна рафторҳо нобаҳинҷорӣ ё ғайримеъёрӣ дониста мешаванд. Албатта, ин меъёр ҳам дар ҳар як ҷомеа ба таври хос амре нисбӣ аст.

3. Меъёр ё ченаки фардӣ: аз ҷумлаи меъёрҳои ташхиси рафтори нобаҳинҷор, мизон ва шиддати нороҳатие аст, ки фард дар доира ё муҳитҳои муайян эҳсос мекунад. Яъне агар ин рафтори хос ё арзишҳо ва ҳинҷорҳои иҷтимоии созмони хосе, масалан фарҳангиён ва ё кулли афроди ҷомеа носозгор бошад, яъне ба созгории фард латма бизанаду бо аксуламали афроди он ҷомеа ё он ниҳод мувоҷеҳ гардад, чунин рафторе нобаҳинҷор арзёбӣ мешавад.

Дар баъзе аз назарияҳои фарҳангшиносӣ барои пайдо кардани сабаби риоя нашудани арзишҳои маънавӣ дар ҷомеа дар баробари омилҳои дигар, инчунин ба вижагии шахсияти афроди каҷрафтор аҳамият дода мешавад. Маъмулан вижагиҳои шахсиятии афроди хатокор, беқоидагии рафтор ва иртибот миёни фарду ҷомеа ва иртикоби рафторҳои нобаҳинҷор ва хилофи муқаррароти иҷтимоӣ аст, вале маъмулан аз назари муртакиб ва омили он дар асл ва ё дар мавқее хос, ингуна рафторҳо нописанд шумурда намешаванд. Фаъолият ва шеваҳои рафтори ин гуна афрод низоми иҷтимоиро мутазалзил ва ноором месозанд.

Бояд зикр кард, ки ин гуна афрод ба пайомади амали худ намеандешанд, дар корҳои худ бепарво ва бемулоҳиза ҳастанд ва дар панд гирифтан аз таҷрибиёт бисёр заъиф буда, дар қазоватҳои худ яктарафа мебошанд. Ин навъ шахсиятҳо умдатан аз муҳити солими иҷтимоӣ, хона ва мактаб фирор карда, пойбанди қавоид, муқаррарот ва

ҳинҷорҳои иҷтимоӣ нестанд ва ба дунболи ҳар чизе мераванд, ки ҷалби таваҷҷуҳ кунанд. Ҳатто дар пӯшиш ва сабку шакли зоҳирии хеш, бавижа дар шеваи либос пӯшидан, ороиши мӯй ва сурат ба гунае, ки хилофи қоида ва хилофи сабки писандидаи соири афроди ҷомеа бошад, амал мекунанд, то ки ба онҳо таваҷҷуҳ дода шавад.

Гурӯҳе аз афроди харобкору каҷрав низ вижагиҳои шахсиятии дигаре доранд: худмеҳвар ва пайваста ба шарикшавию таваҷҷуҳи дигарон ниёзманданд ва дар равобити худ бо мардум ба ниёзҳо ва эҳсосоти онон таваҷҷуҳ намекунанд. Ин афрод ағлаб бо олами худ ҳастанд, дар мавриди муваффақияти номаҳдуду дурахшон, қудрат, зебоӣ ва равобити ошиқонаи ормонӣ саргарманд. Ағлаб ин афрод волидайне доштаанд, ки аз назари отифӣ нисбат ба онон бетаваҷҷуҳанд ё сарду тардкунанда будаанд ё бо беш аз ҳад ба онон муҳаббат карда ва арҷ мениҳанд.[1]

Онон ба сабабе, ки орзуҳо ва хостаҳояшон амалӣ нагардидаанд, аз чаҳорчӯбаи қонуни хонавода безор шуда ва ба рафторҳои нобаҳинҷор, назири фирор аз хона, тарки таҳсил, дуздӣ ва нашъамандӣ гароиш пайдо мекунанд. Гурӯҳе низ афроде бурунгаро ва ба дунболи лаззатҷӯии яклаҳзаинаӣ ҳастанд, дамро ғанимат мешуморанд, мехоҳанд дар анвоъи меҳмониҳо ва ҷашнҳо ширкат варзанд, ташнаи ҳаяҷон ва моҷароҷӯиянд, ба ҳамин далел барои лаззатҷӯӣ даст ба аъмоли хилофу ғайриахлоқӣ мезананд.

Саранҷом, гурӯҳи муайяни нафароне ҳастанд, ки аз нигоҳи ҷомеашиносии фарҳанг бо сабаби мушкилоти рӯҳӣ – равонӣ боиси рафторҳои зиддиичтимоӣ мешаванд. Вале теъдоди онҳо дар муҳити васеи фарҳангӣ зиёд нест. Баръакси ин ҳолатҳои зикршуда имрӯзҳо бар асари равандҳои ҷаҳонишавӣ насли ҷавоне пайдо шудааст, ки мехоҳад дар фурсатҳои кӯтоҳтарин аз неъмату дастовардҳои тамаддуни муосир

---

[1] Гидденс, Э. Ҷомеашиносӣ [Матн] / Э. Гидденс; тарҷумаи Манучеҳр Сабурӣ. – Теҳрон: Най, 1383. – С.140.

баҳравар шавад. Аз пайи чунин орзу онҳо ба меҳнати сангину дарозмуддат эътибор намедиҳанд ва аксар маврид омили сар задани рафторҳои носанҷида ва ахлоқи ношоиста мешаванд. Барои онҳо чунин тарғиботро бештар тавассути рекламаҳо, филмномаҳо, расонаҳо ва ғайра паҳн мекунанд. Бинобар ин, Пешвои миллат ҳамеша дар баромадҳояшон аз таъсири ногувори баъзе аз тарафҳои равандҳои ҷаҳонишавӣ ба сифати ахлоқии насли ҷавони мамлакат таъкид меварзанд: «тайи қариб сӣ соли соҳибистиқлолӣ дар кишвари мо заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкиливу инфрасохтории сиёсати давлатии ҷавонон ташаккул ёфта, даҳҳо санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва маҷмуи масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, ки бевосита ба ҷавонон дахл доранд, ҳалу фасл карда шуданд.

Хусусан, барои раҳгум сохтани наврасону ҷавонон ва ба сафи гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ҷалб кардани ин қишри осебпазир шабакаҳои интернетӣ ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Дар робита ба ин, дар солҳои охир 70 фоизи шахсони ба сафи ҷангиёни кишварҳои дигар, аз ҷумла Сурияву Ироқ шомилшуда аз байни муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути шабакаҳои интернетӣ ҷалб ва истихдом гардидаанд. Илова ба мушкилоти зиёде, ки дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ инсоният бо онҳо рӯ ба рӯ шудааст, масъалаи шиддатёбии хатару таҳдидҳои ҷаҳонӣ, шомилшавии ҷавонон ба созмону ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ, вусъат гирифтани радикализми динӣ, хурофотпарастӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, савдои одамон, нашъамандиву нашъаҷаллобӣ ва дигар зуҳуроти номатлуб ҳаёти мардумони сайёра ва амнияти давлатҳоро ҷиддан халалдор сохта истодаанд[1].

Бо таъсири шабакаҳои мухталифи иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои иттилоотӣ баъзе аз ҷавонони сустиродаву ноогоҳи мо ба доми гурӯҳҳои

---

[1] Маҳмадиев, Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане. Дис.канд.филос.наук, Душанбе, 2012. -163 с.

манфиатчӯ афтида, ба миллату Ватани худ хиёнат мекунанд, ба обрӯи мамлакат дар арсаи байналмилалӣ иснод меоваранд, падару модарон ва наздиконашонро дар байни ҷомеа шармсор месозанд.

Бахусус, дар шароити имрӯза, ки талоши тамоми қувваҳои иртиҷоиву ифротӣ барои таъсиррасонӣ ба мафкураи ҷавонон ва моил сохтану истифодаи қувваи бузурги онҳо барои амалӣ намудани ҳадафҳои муғризонаи худ равона шудааст, ҷавонони мо бояд бисёр ҳушёр бошанд, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва манфиатҳои милливу давлатиро ҳатто як лаҳза ҳам фаромӯш накунанд».[1].

**Хулоса**, мутолиоти илмии анҷомшуда дар хусуси роҳҳое, ки боиси пайдоиши осебҳои рафторӣ мешаванд, нишон медиҳанд, ки он натиҷаи вижагиҳои шахсӣ ва иҷтимоии субъекти мазкур ё шароити муҳит аст, ки ӯ дар он воқеъ шудааст. Бо ин ҳол, ташхиси мизони таъсири омилҳои мухталиф дар ба вуҷуд овардани қонуншиканӣ мушкил аст, зеро дар ҳақиқат тамоми омилҳои дохилӣ ва берунии пайдоиши қонуншиканӣ мисли риштаҳои занҷир ба ҳам пайваста, ҳар яке муқаддимаи дигаре аст. Ин омилҳо то ба андозае гуногун ва фаровонанд, ки ба таври дақиқ наметавон гуфт кадоме яке аз онҳо беш аз омилҳои дигар дар вуқуи осебҳои рафторӣ ва қонуншиканӣ таъсиррасон будааст. Ба ҳамин далел, аз назари коршиносон ҳеҷ гоҳ як омили муайян вуҷуд надорад, ки ҳамеша ба таври мутлақ боиси кушодани фард ба ҷониби қонуншиканӣ гардад.

Соҳибназарони илмҳои улуми тарбия, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ бар ин ақидаанд, ки илова бар нақши оила, дӯстон, мактаб, дин ва монанди инҳо дар бадахлоқӣ миёни навҷавонон ва ҷавонон тағйири хусусиятҳои ҷисмонӣ ва равонӣ, ки дар замони ба балоғатрасӣ рух медиҳад, нақши муҳимме дар тағйироти хулқ ва рафтори афрод доранд, ки омилҳои аз ҷумла ҳаяҷонӣ будан, аз рӯйи эҳсосот амал кардан, бе

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо ҷавонони кишвар 21.05.2021, шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/25799

таваҷҷуҳ будан ба оқибати амал, бо таваҷҷуҳ ба шароити ҷисмонӣ заминаро барои рафторҳои ноҳинҷор ба вуҷуд меоварад. Аз ин рӯ, идора кардани рафтори онҳо тариқи оила, мадраса, ҷомеа, ниҳодҳои мазҳабӣ ва ғайра бояд сурат гирад ва шинохти кофӣ ва иттилооти лозима барои пешгирии базеҳкорӣ бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла расонаҳои ҷамъиятӣ ба навҷавонон ва ҷавонон, инчунин оилаҳо ироа гардад.

## 2.3. Ҷанбаҳои танзими меъёрии ҳуқуқии нақши арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти ҷомеа

Афзоиши равандҳои мураккаби ҳаёти маънавии ҷомеаҳои муосир таҳти шароитҳои гуногун, аз ҷумла ҷаҳонишавӣ ва маҳдуд шудани фазои таъсири арзишҳои суннатӣ дар миёни навҷавонон ва ҷавонон таваҷҷуҳи коршиносони соҳаҳои мухталифи илми фарҳангшиносиро ба худ ҷалб кардааст. Дар ин боб пайдоиши ин ҳодисаи ҷамъиятӣ ва омиле, ки метавонад заминасози он бошад, хеле муфассалу амиқ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Агар оила ба унвони аввалин муҳите, ки фард дар он нашъунамо меёбад, ҳисоб шавад, омилҳои монанди ихтилофи муносибатҳои волидайн, табъизи байни фарзандон, кам будани муҳаббат, ҳузур надоштани падар дар хона, ҷинояткории яке аз аъзои оила, надоштани рафтори муносиб, дарк накардани фарзандон ва ғайра метавонанд нақши муҳимме дар ба вуҷуд омадани осебҳои рафторӣ дар миёни фарзандон дошта бошад. Илова бар ин, омилҳои дигаре ҳамчун масоили иқтисодӣ, набудани таълиму тарбияи муносиб, норасоиҳои шуғл ва омили марбут ба он, мисли бекорӣ, норизоятии шуғлӣ дар ин замина мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

Барои таҳкими субот ва назм дар ҷомеа лозим аст, ки арзишҳои маънавии иҷтимоиро ба фаҳми аҳли ҷомеа расонем. Агар арзишҳои маънавӣ ҳарчи бештар дар ҷомеа ҷой дошта бошанд, ба ҳамон андоза сатҳи ҷурму қонуншиканӣ низ коста мешавад. Ба ҳамин далел, Э. Дюркгейм ҷомеашиноси фаронсавӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи бнштар медиҳад. Дар назарияи Дюркгейм маънои бисёр амиқе нуҳуфта аст, ки агар ба он таваҷҷуҳ шавад, мушкилоти зиёде ҳал хоҳад шуд. Ӯ мегӯяд, барои шаклгирии ҷомеа ва тақвияти ҳамбастагии миёни афрод назари равоншиносӣ лозим аст, ки ба фарҳангу иштирокоти афрод, ки боиси шаклгирӣ, пойдории арзишҳо ва назм дар миёни афрод мегардад,

таваҷҷуҳ шавад. Бояд ҷомеаро сохторманд намуд[1]. Ҳарчи сохтори иҷтимоӣ пойдортар бошад, суботи пояи арзишҳои маънавӣ ҳамон қадар пойдортар хоҳад шуд. Дар натиҷа ҷинояткорӣ ва каҷравии афрод ба ҳадди ақали худ мерасад.

Таҳқиқи ҷомеаҳои ибтидоӣ нишон медиҳад, ки дар онҳо ва гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ назоратҳои ғайрирасмие, ки гурӯҳҳо ва бархе аз ниҳодҳои иҷтимоӣ, ба монанди ҳамсояҳо, хонавода ва шабакаҳои хешовандӣ амал мекунанд, дар эҷоди назми иҷтимоӣ тавассути татбиқи арзишҳои маънавӣ ё ин ки вазифадор кардани одамон барои риояи онҳо кофӣ аст. Ҷорӣ кардани қонунҳои расмӣ дар миёни мардуми ибтидоӣ ва гурӯҳҳои хурд зарурияте надорад, зеро касоне, ки аз сатҳу сифати иҷрои меъёрҳои рафтори гурӯҳ назорат мекунанд, ба осонӣ қобили ташхис буда, ҷомеа метавонад бо муҷозотҳои ғайриҳуқуқӣ нисбат ба каҷрафторон вокуниш нишон диҳад. Ин равишҳои ғайрирасмии назорати иҷтимоӣ ҳангоме ки ҷомеа ҳамбаста ва муттаҳид аст, як боздорандаи қавӣ барои пешгирии рафтори инҳирофӣ буда, ғолибан муваффақиятомез аст.

Ҳангоме ки ҷомеаҳо рушд намуда, печидатар шуданд, тақсими кор густурдатар шуда, барои ҷомеаи инсонӣ зарур гардид, ки фаротар аз равишҳои ғайрирасмии назорати фарҳангию иҷтимоӣ рафта, таҳияю қабули қонунҳои расмиро рушд диҳад. Бо ин ҳол, агарчи низомҳои расмии назорати иҷтимоӣ ба вуҷуд омаданд, вале то қарни нуздаҳум муҷозотҳо ҳамчунон ба шакли танбеҳ ва бо ҳадафи интиқомҷӯӣ иҷро мешуданд. Илми ҳуқуқшиносӣ дар асри XIX меъёрҳои ҷадиде дар бораи вайронкорӣ ва осебҳои рафторӣ ҷорӣ намуд. Ҷомеашиносон ва ҳуқуқшиносони муосир бар алайҳи як низоми истибдодии ҳуқуқӣ, ки ағлаб низоми судӣ ба таври золимона ва мутлақ муҷозотҳоеро бар афрод таҳмил мекарданд, эътироз намуданд. Онҳо нисбат ба гирифтани иқрори гуноҳкорӣ аз тариқи шиканҷаҳои ҷисмӣ ва рӯҳӣ эътироз карданд ва

ҳамчунин бархе аз муҷозотҳо, ба монанди эъдомро рад намуданд. Бо ин ҳол, мактаби классикии ҷомеашиносӣ муҷозоти муносиб бо ҷурмро таъкид карда, муътақид буданд, ки он бояд орои сохтори муайян ва аз ҷиҳати назарӣ ва амалӣ одилона бошад. Ба боварии ин мактаб фарде, ки анҷоми кори хаторо дар муқобили эҳтироми арзишҳои маънавии ҷомеа мемонад, сазовори муҷозот аст. Ҳамин тариқ, чунин баҳсҳо имрӯзҳо дар ҷомеаҳои дар ҳоли тағйирёбӣ қарордошта хеле пуршиддат ҷараён мегирад.

Ҳамин тавр, дар ҷомеаҳои муосир дарки тавассути фаъолияти эҷоди санадҳои гуногуни меъёрии ҳуқуқӣ, ба як низоми муайян даромадан ва эътироф гардидани арзишҳои маънавӣ ба як масъалаи рӯзмарраю муҳим табдил шудааст. Хусусан дар ҷомеаҳое, ки дар ҳоли гузариш ё ин ки трансформатсионӣ қарор доранд, дарки ҳассосияти ин масъала хеле зиёд аст. Зеро ҷомеаҳои дар ҳоли гузариш ҷомеаҳое мебошанд, ки ба далели тағйироти гуногун, маъмулан бо тазодҳои мухталиф дар сохторҳо ва зерсохторҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ ҳастанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки набудани татбиқшавӣ ва рушди ноҳамоҳанги унсурҳоии моддӣ ва ғайримоддии фарҳанг дар ин ҷомеаҳо монеаҳо ва мушкилотеро дар созгории иҷтимоӣ ба вуҷуд овардааст. Дар чунин ҷомеаҳо афрод ба сахтӣ ва бо заҳмат метавонанд худро бо муҳит созгор ва бо тағйироту дигаргуниҳои нав мутобиқ созанд.

Аз ин ҷиҳат, нобаробарӣ, беҳинҷорӣ ва ноҳинҷорӣ, кашмакашҳои мухталифи иҷтимоӣ, азхудбегонагӣ ва дар сатҳи васеътар, бесозмониву бенизомӣ дар рафтори иҷтимоии баъзе аъзои ҷомеа ва ғайра натиҷаи коҳиши таваҷҷуҳи онҳо ба риояи арзишҳои фарҳангӣ дар ҷомеа ҳастанд. Ин беназмиҳо ва бесозмониҳо метавонанд дар баъзе ҳолатҳо мунҷар ба заъфи суботи иҷтимоӣ, афзоиши осебпазириҳо ва таҳмили бухронҳои мухталифи иҷтимоӣ шуда тавонанд. Аз ин рӯ, дар сурати набудани таваҷҷуҳ ва барномарезии саҳеҳ на танҳо амнияти миллӣ-иҷтимоӣ, балки амнияти кулли ҷомеаро барҳам медиҳанд.

Тоҷикистон ба унвони як кишвари дар ҳоли тавсеа ва гузариш аз марҳилаи суннатӣ ба муосирият аз ин қоида мустаснӣ набуда, бо тағйироту дигаргуниҳои сареъу васеъе дар сохторҳои аслии худ, бахусус сохтори фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, мувоҷеҳ аст.[1] Дар натиҷа, осебҳо ва таҳдидоте, аз қабили бекорӣ, бӯҳрони ҳувият, худкушӣ, фирори мағзҳо, фақр, нобаробариҳо ва беадолатии иҷтимоӣ, фасоди молию идорӣ, ришва, хушунат алайҳи занон, вайроншавии оилаҳо, муҳоҷират ва ғайра вазъиятро мушкилтар месозанд.

Бо назардошти омилҳои дар боло зикршуда Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба эҷоди санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи ҳаёти фарҳангии ҷомеа, ки дар маҷмуъ барои ҳифз, эҳё ва ривоҷи арзишҳои маънавӣ нигаронида шудаанд, рӯй овард: «Самти дигари муҳимми эҳёи фарҳанг ин дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи фарҳанг буд, ки дар ҷомеа ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар соҳаи фарҳанг муайян ва фаъолияти фарҳангию эҷодиро дар давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона таъмин карда тавонад. Дар ин давра, як қатор қонунҳои асосӣ дар соҳаи фарҳанг, ба монанди қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (1977), «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори умум», «Дар бораи табъу нашр» (1993), «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» (1998), «Дар бораи ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ», «Дар бораи берун баровардан ва дохил кардани сарватҳои фарҳангӣ» (2001), «Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ» (2002), «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» (2003), «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо» (2004), «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» (2006) ва ғайра қабул гардиданд. Қонунҳои қабулшуда сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳама соҳаҳои фаъолияти фарҳангӣ муайян

[1] Усмонзода, Х. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият [Матн] / Х. Усмонзода. – Душанбе: Дониш, 2020. – 213 с.

сохта, барои рушди фаъолияти эҷодии шаҳрвандони дохилӣ ва хориҷӣ шароити мусоид фароҳам оварданд. Қабул шудани «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» (30 апрели 2005) барои муайян намудани стратегия ва ояндабинии рушди фарҳанги миллӣ замина гузошт».[1]

Имрӯзҳо дар шароити раванди истиқлолият чунин зарурат ба вуҷуд омад, ки бо мақсади ҳифзи сатҳи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавии аҳолӣ ба таҷлили ҷашну маросимҳо тағйиру иловаҳо дохил карда шаванд. Ин буд, ки 8 - уми июни соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Дар он, аз ҷумла омадааст, ки "ин қонун бо тақозои рушди ҷомеа анъана ва ҷашну маросимҳоро танзим намуда, ба ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ ва эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҳаёти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст." Дар қонуни мазкур вобаста ба баъзе ҷашну маросим тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Аз ҷумла, Моддаи 9 қонуни мазкур ба маросими хатнасур бахшида шудааст, ки дар он гуфта мешавад:

1. Хатнасур ба таври ихтиёрӣ танҳо дар доираи оила ва бе хизматрасонии санъаткорон гузаронида мешавад.
2. Хатна бо розигии падару модар аз рӯзи таваллуди писар то рӯзи бистуми баъди таваллуд дар муассисаҳои тиббии дахлдор бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ба таври ройгон гузаронида мешавад.
3. Маъракаҳои номгузорӣ, гаҳворабандон, чиллагурезон, мӯйсаргирони тифл ва дигар маъракаҳои ба таваллуди кӯдак вобаста дар

[1] Амиров, Р. Сиёсати давлатии Тоҷикистон оид ба эҳёи фарҳанги миллӣ [Матн] / Р. Амиров // Истиқлолият ва фарҳанг. Маводи конфронси илмию амалӣ. – Душанбе: Матбаа, 2017. – С.71-72.

доираи оила, бе забҳи чорво ва хизматрасонии санъаткорон баргузор карда мешаванд.

4. Гузаронидани маъракаи ақиқа манъ аст.

5. Падару модар ва дигар шахсони онҳоро ивазкунанда метавонанд аз маблағҳои сарфашуда то расидан ба синни балоғат дар бонкҳо ба номи писаронашон суратҳисоб кушоянд.

6. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки имконияти молиявӣ доранд, метавонанд бо иштироки комиссияҳои доимии маҳаллӣ хатнасури хайриявии писарони бепарастор ва аз оилаҳои камбизоатро баргузор намоянд.

7. Тартиби гузаронидани хатнасури хайриявиро мақоми ваколатдор муайян менамояд».[1]

Албатта, ворид намудани чунин тағйиру иловаҳо метавонад заминаи воқеии маънавӣ дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа ворид намуда, барои рушди бемамониати кишвар мусоидат кунад. Дар бораи нақши анъанаҳои мавсимӣ дар ҳаёти тоҷикон, ки онҳо дар таҳкими анъанаҳои маънавӣ нақши калидӣ гузоштаанд, ҳаминро метавон гуфт, ки он ба мавсими кишту кор ва ҳосилғундорӣ вобастагӣ дорад. Таърихан дар байни мардуми мо истилоҳе маълум аст бо номи “Бобои деҳқон”. Дар симои ин қаҳрамон тамоми таҷрибаи деҳқонӣ, ҳосили фаровон, покизагиву поктинатӣ ва дастурхони пур аз нозу неъмат фаҳмида мешавад, ки ба мавсими кишту кор тааллуқ дорад: “Нақши қаҳрамони асосии ин ҷашнвора - Бобои Деҳқонро аз қадимулайём то имрӯз маъмулан яке аз деҳқонони обрӯманд ва пуртаҷриба иҷро мекунад. Ӯ аввалин шуда ба замини барои кишти баҳорӣ шудгоршуда, тухм мекорад ва бо ҳамин ба маъракаи кишту кори баҳорӣ оғоз мебахшад. Ин ҷашнвораро, ки аз фарҳанги қадимаи мардуми ориёинажод сарчашма

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://majmilli.tj (Санаи муроҷиат: 15.04.2020).

гирифтааст, ба маънои аслӣ ҳамчун иди касбии деҳқонону кормандони соҳаи кишоварзӣ қабул ва тасдиқ кардан мумкин аст”.[1]

Барои таъмини рушди ҳаматарафаи арзишҳои маънавии ҷомеа дар заминаи арзишҳои милливу демократӣ як қатор барномаҳои давлатӣ низ қабул гардиданд, ки барои дарёфти роҳи ҳалли муносиби масъалаҳои муҳим дар ин самт мусоидат менамоянд. Ба ин “Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таълимии фарҳанг ва санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010”, “Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашр дар солҳои 2007-2010”, “Барномаи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015”, Барномаи инкишофи кори китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015”, “Барномаи рушди ҳунарҳои бадеии халқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015”, “Барномаи рушди кинои тоҷик”, “Барномаи ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2012-2020” ва ғайра шомиланд.

Таркиби барномаҳои рушди соҳаи фарҳанг дар худ ҷузъи муҳимми тарбияи маънавии аҳли ҷомеаро дар заминаи арзишҳои бунёдии ҷомеа ҷой додаанд. Дар даврони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби роҳбарияти олии мамлакат ба ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар, бахусус ба рушди соҳаи фарҳанг ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсозандаи неруҳои зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, оину анъана, дигар муқаддасоти миллӣ ва ташаккулдиҳандаи ахлоқу одоби ҳамида таваҷҷуҳи хос зоҳир гардид. Дар ин давра оину ҷашнҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангие, ки дар давоми асрҳо ягонагии маънавии мардумро ҳифз мекарданд, аз қабили Наврӯз, Меҳргон, Сада, Шашмақом, Фалак, атласу адрас, чакан ва монанди инҳо эҳё гардиданд.

---

[1] Шоев, З. Вазъи пажӯҳиш ва татбиқи анъанаву маросимҳои динӣ дар Тоҷикистони муосир [Матн] / З. Шоев // Хусусиятҳои равандҳо ва характерҳои сиёсӣ-идеологии исломи муосир ва масъалаи рушди давлатдории миллӣ. Маҷмуаи илмӣ. – Душанбе: Андалеб Р., 2015. – С.120.

Бо талошҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат қисме аз арзишҳои фарҳангӣ, аз ҷумла Шашмақом ва Наврӯз ба Феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО ва шаҳри қадимаи Саразм, Парки миллии Тоҷикистон ба Феҳристи мероси моддии созмони фавқуззикр ворид гардиданд. Соли 2019 мусиқии Фалак, ёдгории таърихии Ҳулбук ва ҷашнҳои Меҳргону Сада низ ба ин созмони бонуфузи байналмилалӣ пешниҳод гардиданд. Чанде пеш бо қарори Ассамблеяи генералии ЮНЕСКО боз яке аз намунаҳои беҳтарини ҳунарҳои мардумии мо - чакан ба Феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии башарӣ шомил гардид. Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани мероси таърихию фарҳангии мо дар айни замон эътирофи тоҷикон ҳамчун миллати тамаддунсозу фарҳангӣ мебошад.

Бо иқдоми Сарвари давлат моҳи сентябри соли гузашта ҷашни яке аз ёдгориҳои бостонии кишварамон - шаҳри қадимаи Саразм дар сатҳи баланд баргузор карда шуд. Ин чорабинӣ имкон дод, ки мо маданияти беш аз 5500 - солаи аз ҷониби доираҳои илмии ҷаҳон эътирофшудаи халқи худро ба ҷаҳониён ба таври шоиста муаррифӣ созем. Гузашта аз ин, ҳар як тоҷику тоҷикистониро зарур аст, ки ёдгориҳои таърихии халқи худро ҳифз кунад, обод гардонад ва ба онҳо ҳамчун ҷузъи таркибии сарнавишти миллати куҳанбунёдамон муносибат намояд. Зеро тамоюли ҷаҳонишавии фарҳанг ба яке аз проблемаҳои глобалии асри XXI табдил ёфта, талабот нисбат ба сатҳи маънавиёти инсон, тарбия ва ташаккули наслҳое, ки вазифаҳои азими бунёди ҷомеаи навин дар даврони соҳибистиқлолии миллати тоҷик ба зиммаи онҳо гузошта хоҳад шуд, торафт меафзояд. Дар ин марҳалаи муҳим мақсаду вазифаҳои фарҳанг бештар ба масъалаҳои ташаккули маънавиёт, омӯзиши амиқи таъриху фарҳанги гузаштаву муосири халқи тоҷик, баланд бардоштани ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ, инчунин дар тафаккури мардум ва махсусан, наврасону ҷавонон густариш додани эҳсоси эҳтиром ба муқаддасоти милливу рамзҳои давлатӣ равона мегардад.

Маврид ба зикр аст, ки аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар даҳ соли охир Китобхонаи миллӣ ва Осорхонаи миллӣ бунёд гардида, бинои аксари театрҳои касбӣ ва муассисаҳои фарҳангӣ дар мамлакат, аз ҷумла ду театри академӣ дар шаҳри Душанбе аз таъмири асосӣ баровarda шуда, дар шаҳру навоҳии мамлакат беш аз 20 театр ва қасру марказҳои муосиру муҷаҳҳази фарҳангӣ сохта, ба истифода дода шуданд.

Дар барномаҳои гуногуни давлатии соҳаи маориф низ зарурияти дастгирию фароҳам овардани шароит барои дар шуури наслҳои гуногун ҷой додани арзишҳои маънавии ҷомеа аҳамияти хосса дода шудааст. Зеро мактаб густариши низомҳои омӯзиш ва парвариш яке аз пешравиҳои ҷомеаи асри мост. Ин амр дар солҳои охир дар кишварҳои тавсеаёбанда, ба монанди Тоҷикистон ба яке аз масъалаҳои муҳим мубаддал шудааст. Пайомади ин рушди рӯзафзун табдили низоми омӯзиш ба созмони азим ва фарогир аст, ки ба теъдоди бешумори донишомӯзӣ сарукор дорад, вазифаҳои мутаъдид ва гуногунро анҷом медиҳад, муаллимони дорои дониши ҳаматарфа ва маҳорати гуногунро ба хидмат мегирад.

Яке аз барномаҳои давлатии муҳим дар соҳаи маориф, ки ба дастгирию фароҳам овардани шароит барои дар шуури наслҳои гуногун ҷой додани арзишҳои маънавии ҷомеа нигаронида шудааст, ин “Консепсияи миллии тарбия” мебошад, ки 3 - юми марти соли 2006 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда буд. Дар консепсияи мазкур арзишҳои бунёдии маънавие, ки барои эъмору рушди давлати миллӣ муҳиманд, мавриди пешниҳод барои тарбияи насли наврас қарор дода шудаанд. Тибқи консепсияи мазкур тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ - ин таъсир ба дунёи маънавии шахс аст. Ин сифатҳо натанҳо дар инсон фаҳмиши зебоӣ, балки фаъолияти нексириштӣ, ростқавлӣ, ҳалолкориву ҳалолхӯрӣ, бо адлу инсоф, саховатманд будан ва амсоли инро ба вуҷуд меоранд. Ҳамаи дигар унсурҳои тарбияи миллӣ дар худ ғояҳои ахлоқию

маънавӣ доранд. Ахлоқ унсурест, ки қисматҳои дигари тарбияро бо ҳам мепайвандад ва асоси фаъолияти шаҳрвандро ташкил медиҳад.

Илму фарҳанг дунёи маънавии инсонро ташаккул медиҳанд. Забон, адабиёт, таърих, манбаҳои хаттӣ ва шифоҳӣ, ёдгориҳои таърихӣ, асарҳои санъат, барномаҳои радио, телевизион, маводи компютерӣ, шабакаи «интернет» ва воситаҳои ахбори омма дар тарбияи ахлоқию маънавии инсон нақши асосӣ доранд. Тарбияи маънавии инсон ба тарбияи ахлоқии шаҳрванд наздик аст. Ҳарду аз ҳамдигар ғизо мегиранд ва дар тарбияи шаҳрвандӣ вазифаҳои муштаракро анҷом медиҳанд.

Омӯзиши консепсияи мазкур гувоҳи он аст, ки дар таркиби он зарурияти дар раванди тарбияи насли наврас афзалият додани арзишҳои ахлоқию маънавии мардуми тоҷик, ки дар муддати садсолаҳо ташаккул ёфтааст, дар маркази таваҷҷуҳ қарор дода шудааст. Ахлоқи ҳамида ҳамчун маҳсули азхудкунии маънавию арзишии воқеияти ҳаёти иҷтимоию фарҳангии ҷомеа арзёбӣ шудааст. Интихоби чунин равиши тарбия “дар робита ба амнияти рушди фарҳангӣ, ки бисёр таҳлилгарон онро ҷудо мекунанд, бояд гуфт, ки маориф чун таҳкурсии фарҳанг, бешубҳа, асоси онро ташкил медиҳад. Тавре ки ҷомеашиносони мактабҳои гуногун нишон додаанд, ҳеҷ як аз низоми иҷтимоӣ, ҳеҷ як аз давлат наметавонад бе низоми арзишҳои муттаҳидкунандаи аъзои он фаъолият ва инкишоф намояд. Миллате, ки аз арзишҳои худ маҳрум гардидааст, ба издиҳом табдил меёбад. Аз ин рӯ, бешубҳа, дар ташаккули арзишҳои мардум мақоми маориф дар ҷойи аввал қарор дорад.”[1]

Пешвои миллат дар Паёми имсолаашон таъкид доштанд, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ мо бунёди маорифи миллӣ ва ворид гардидан ба фазои таҳсилоти байналмилалиро ҳадафи муҳимтарин ва самти

---

[1] Қурбонов, А., Имомалиева, Р. Сиёсат дар соҳаи маориф: таҳаввулот ва муосирсозӣ [Матн] / А. Қурбонов, Р. Имомалиева // Ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими истиқлолияти сиёсӣ ва масоили консептуалии рушди давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Маҷмуаи маърӯзаҳои конфронс. – Душанбе, 2016. – С.74.

афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор додем. Зеро мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди нерӯи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад.

Бо вуҷуди он ки раванди таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ба низоми муайян даромадааст, зарур аст, ки барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, таъриху фарҳанги бостонии халқи тоҷик, боло бурдани завқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русиву англисӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад. Бо ин мақсад, роҳбарони муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи дониш ва касбияти омӯзгорон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, бахусус, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ, такмили ихтисосу бозомӯзӣ ва тарбияи омӯзгорони ҷавони баландихтисос ва ба талаботи замона ҷавобгӯй дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Арзишҳои муттаҳидкунандаи аъзоёни ҷомеа ҳамеша вобаста ба талаботҳои рушди ҷомеа зарурият ба такомул ва ҷустуҷуи роҳҳои дар шуури мардум ҷой пайдо карданро доранд. Яке аз унсурҳои муҳими дар ин самт истифодашаванда иттилоърасонӣ ва таҳияи мақсадноки иттилоот мебошад. Аз ҷумла дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ ва тезутундшавии муносибатҳои геополитикӣ кишварҳои рӯ ба инкишоф, аз ҷумла Тоҷикистони моро лозим меояд, ки аз ҷиҳати таъминоти иттилоотӣ мусаллаҳ бошад.

Аз ин рӯ аз ҷониби олимон пайваста таъкид мегардад, ки мавзӯи фазои маҷозӣ ва таҳдидҳо ба амнияти миллӣ яке аз мавзӯъҳои мубрами рӯз ба шумор меравад. Зеро имрӯз ташкилотҳои террористиву экстремистӣ ва гурӯҳҳову ҷонибҳои манфиатхоҳ барои амалӣ намудани

ҳадафҳои ғаразноки худ дар радифи силоҳу лавозимоти ҷангӣ аз иттилоот ва расонаҳои иттилоотӣ, бахусус шабакаҳои иҷтимоии интернет ба таври васеъ истифода мекунанд. Албатта, дар асри нав, ки онро асри иттилоот унвон кардаанд, таъсири иттилоот, махсусан, дар фазои маҷозӣ, бисёр амиқ ва нишонрас гардидааст. Чунки имрӯз бо рушди фаъоли интернет шабакаҳои иҷтимоӣ таъсири худро ба тафаккури ҷомеа хеле амиқ мегузоранд. Ҳатто расонаҳои иттилоърасон ба майдони мубоҳисаҳои сиёсӣ низ табдил ёфтаанд. Аз ин нуқтаи назар, таъмини амнияти фазои маҷозӣ дар замони муосир ба яке унсурҳои асосии таъмини амнияти миллӣ дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст.

Тибқи арзёбиҳо аз байн рафтани марзҳои иттилоотӣ таъсири худро ба фазои маҷозии Тоҷикистон, аз ҷумла ба минтақаи ВМКБ низ гузоштааст. Тарғибу ташвиқи ҳадафмандонаи баъзе гурӯҳҳои ғаразнок ва паҳн намудани овозаву ҳангома миёни мардум ба раванди таъмини амнияти миллӣ ҳам дар сатҳи минтақа ва ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Махсусан, имрӯзҳо дар шабакаҳои гуногуни иҷтимоӣ ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ маводҳои гуногуни иғвоангезонаро оид ба вазъи Бадахшон ба нашр расонида, мехоҳанд фазои минтақаро ноором гардонанд. Таҳлили сомонаҳои ин ҳаракатҳо (isloh.net, guruhi24.net, payom.net, nahzat.org, tajreform.net, ozodandishon.org) ва каналҳои интернетии марбут ба мухолифин аз 25 ноябри соли равон ба ин сӯ нишон медиҳад, ки муаллифони онҳо тамоми мавзуҳоро як сӯ гузошта, бетанаффус ва комилан ба инъикоси эътирози сокинони ВМКБ, нашри барномаҳои бедоркунандаи ҳисси бадбинии сокинони вилоят нисбат ба Ҳукумати кишвар ва сиёсати давлат пардохтаанд.

Афзудани сафи ҳаводорони расонаҳои иттилоотии мухолифин, ки фазои Интернет ва шабакаҳои иҷтимоиро бо иттилооти ҳаҷман бузурги зиддидавлатӣ фаро гирифтааст, хатар ва таҳдиди бузург ба амнияти

миллист. Зеро сокинони ВМКБ батадриҷ зери таъсиру идораи идеологияи онҳо қарор гирифта, мавқеи эътирозию интиқодиашон нисбат ба Ҳукумати кишвар зиёд хоҳад шуд. Пайомади ҷиддӣ доштани чунин равандҳои носолимро эътирозҳои аз берун идорашавандаи солҳои 2020-2021 дар Ҷумҳурии Белорус аллакай собит намудааст.

Бинобар ин, дар Паёмашон Пешвои миллат соли 2021 таъкид доштанд, ки бо пешрафти ҷомеа муносибатҳои ҷамъиятӣ пайваста тағйир ёфта, дар ин замина ба муносибатҳои нав мутобиқ гардонидани қонунҳо шарти асосии таъмин намудани рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар мебошад. Баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо, такмили механизми иҷрои онҳо, ба талаботи ҷомеа ва шаҳрвандон ҷавобгӯ будани меъёрҳои қонунҳои амалкунанда, дар навбати худ, ҳамкории доимӣ ва ҳамаҷонибаи шохаҳои ҳокимияти давлатиро тақозо менамояд. Бо ин мақсад Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва дигар мақомоти ҳуқуқэҷодкунандаро зарур аст, ки таҳлили мунтазами қонунгузорӣ, аз ҷумла мониторинги амалишавии санадҳои қонунгузориро гузаронида, сатҳи мутобиқати қонунгузории мамлакатро ба ҳадафҳои сиёсии пешбинигардида муайян намоянд ва оид ба такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии раванди татбиқи ҳуқуқ чораҳои судманд андешанд.

Самаранок дар амал татбиқ намудани тадбирҳои зикршуда имкон медиҳанд, ки то андозае ҷомеаи имрӯзаи мо қобилияти зиддият нишон додани худро ба тарғиботи ноаёни арзишҳои бегонапарастона ва таҳмилӣ тақвият диҳад. Технологияи тарғиботи ноаёни арзишҳои бегона барои дур намудани таваҷҷуҳи аъзои ҷомеа аз арзишҳои анъанавии ҷомеа замина мегузорад, ки барои истеҳкоми пояҳои давлати миллӣ хавфу хатари зиёд дорад. Субъектҳои мазкур бо мақсади таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ ва дур сохтани онҳо аз арзишҳои асили миллиямон дар гурӯҳҳои шабакияшон, сомонаҳои интернетӣ дар бораи арзишҳои анъанавии ҷомеа иттилооти манфиро ба нашр расонида, бо ин

роҳ кӯшиш менамоянд, ки нуфузу самаранокии арзишҳои бегонаро зиёдтар мусбат нишон диҳанд. Омили камбудию мушкилиҳои зиндагии одамонро маҳз дар пайравӣ аз арзишҳои миллӣ маънидод намуда, одамонро тадриҷан ба доми мафкураи зишти худ мекашанд. Мақсади ниҳоии чунин талошҳо вайрон намудани ҷаҳонбинии одамон ва дар заминаи он тағйир додани самти рафтори ҷамъиятии онҳо мебошад. Бинобар ин, афкори ҷамъиятии ҷомеа бояд ҳамеша тавассути таҳия ва татбиқи санадҳои гуногуни меъёрии ҳуқуқӣ қобилияти муқобила намуданро бо чунин равандҳо инкишоф диҳад.

Хулоса, рушди устувори иҷтимоиву фарҳангии кишвар аз заминаҳои мустаҳками меъёрии ҳуқуқӣ, мукаммалу мушаххас гардонидани механизми татбиқи онҳо вобаста аст. Барои таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини суботу оромии ҷомеа мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, экстремизми динӣ, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, одамфурӯшӣ зарур буда, дар баробари ин, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат, аз ҷумла баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, истиқлолияти энергетикӣ мақсади асосӣ аст. Амалӣ гардидани мақсадҳои олии давлат бе таъмини волоияти қонун ва иҷрои бечунучарои он, бе мавҷудияти тартиботи ҳуқуқӣ ва фазои орому босуботи ҷомеа ғайриимкон аст. Амалан зиёда аз ду даҳсола аст, ки халқи тоҷик давлати нав, давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ месозад, ки дар он ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар мадди аввал меистад. Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист дар асоси таҷрибаи шӯравӣ низоми ягонаи қонунгузориро таъсис диҳад ва заминаи барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро дар Тоҷикистон бигзорад.

Дар давоми солҳои истиқлолият тавассути эътирофу қабул кардан ва дар амал татбиқ сохтани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳаёти маънавии ҷомеа имконияти бунёдгузории сохти усулан нави давлатдорӣ, аз ҷумла давлати иҷтимоӣ фароҳам оварда шуд. Дар ин маврид, пеш аз

ҳама, бояд аз қабули Конститутсияи мамлакат, баргузориии интихоботҳои озоду демократӣ, қабули арзишҳои умумибашариию меъёрҳои эътирофгаштаи ҳуқуқҳои инсон, стандартҳои байналмилалии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дар сатҳи қонунӣ эътироф гардидани дахлнопазирии ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон ва ғайра аз ҷумлаи комёбиҳои 30 соли Истиқлолияти давлатӣ ба шумор меравaнд. Хусусан, қабули Конститутсия ва муайян намудани самти рушди арзишҳои маънавии ҷомеа барои ба ҷомеаи пешрафтаи ҷаҳонӣ тадриҷан ворид шудани давлатамон заминаҳоро фароҳам оварда, обрӯю эътибори онро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардошт.

# Хулоса

Ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷик дар шароити имрӯза давраи хеле мураккабу тақдирсозро пушти сар намуда истодааст. Ноустувории низоми ҷомеаи ҷаҳонӣ, паст шудани нуфузи арзишҳои умумибашарӣ таъсири худро ба ҳаёти маънавии ҷомеаҳои миллӣ, аз ҷумла ҷомеаи тоҷик ба таври амиқ мегузорад. Дар чунин шароит танҳо арзишҳои маънавӣ бо устувории нисбии худ ба низоми арзишҳо ва меъёрҳои рафтори иҷтимоии инсон то андозае маънӣ мебахшанд. Бинобар ин, ҷомеаҳои муосир ба ин масъала ҳарчи бештар акнун муносибати ҷиддӣ зоҳир менамоянд ва дар баробари пешбурди иқтидори истеҳсолӣ ба такмилу танзими унсурҳои ташкилдиҳандаи ҳаёти маънавӣ, аз ҷумла анъанаҳои маънавӣ майл менамоянд. Дар ин радиф Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам пас аз даврони истиқлолият иқдомҳоеро амалӣ намуд, ки ҷолиби таваҷҷуҳанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар кишвар дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Аз ҷумла, дигар гардидани сохти сиёсӣ, дигаргуниҳо дар соҳаи иқтисодиёт, ба монанди ғайридавлатикунонии корхонаҳо, рушди бахши хусусӣ ва бунёди корхонаҳои нав, дигар гардидани сохтори иҷтимоӣ, тамоюлҳои арзишӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёту фарҳанг, тарзи ҳаёт, ба вуҷуд омадани гурӯҳҳо ва қишрҳои нави иҷтимоӣ, дигаргуниҳо дар худшиносии инсонҳо ва ҳувияти миллӣ, этникӣ ва иҷтимоии онҳо ва ғ.

Ҳамаи ин ба маънавиёти ҷомеа таъсири худро дар шаклҳои гуногун расонид. Баъзе аз онҳо агар ба ҳаёти маънавии ҷомеа таъсири мусбат расонида бошанд, баъзеи дигар аз таъсироти манфӣ ба он холӣ набуданд. Хусусан дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият чунин падидаҳои ахиран зикршуда дар ҳаёти ҷомеаи мо кам набуданд. Бояд зикр кард, ки зуҳури чунин бӯҳрони маънавӣ на танҳо ҷомеаи мо, балки қариб тамоми ҷомеаҳои ҷумҳуриҳои пасошӯравиро фаро гирифт.

Яке аз омилҳои зуҳури чунин ҳолат аз он иборат буд, ки бо фурӯпошии низоми ягонаи шӯравӣ табиист, ки пошхӯрии низоми арзишии мансуб ба он низ сурат гирифт. Акнун халои арзишие пайдо шуд, ки дар ҳолати набудани эътибори арзишҳои собиқ алҳол арзишҳои қобили эътибори нав ташаккул наёфта буд.

Аз ҷониби дигар, ҷомеаи моро чун дигар ҷомеаҳо равандҳои ҷаҳонишавӣ ҳарчи бештар ба мадори худ мекашиданд. Раванди мазкур акнун низоми арзишҳои алтернативии маънавиро пешниҳод менамуд, ки пеш аз ҳама, барои насли ҷавон қобили таваҷҷуҳ буданд. Ин ҳолат бо оқибатҳои ногувори худ ҷомеаи муосирро ба самти номаълум мебурд. Ҷаҳон ба фазои ягонаи иҷтимоӣ табдил гардид, ки он дар зери таъсири омилҳои печ дар печ ва мураккаби иқтисодиву технологӣ мемонад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ дар зери равандҳои ҳам мусбӣ ва ҳам манфии глобалӣ, инқилобҳои илмию техникӣ ва таъсири хатару таҳдидҳои нави глобалӣ қарор мегирад. Ҷаҳонишавӣ ба раванди барқароршавии муносибатҳо ва алоқаҳои соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил гардид.

Дар доираи адабиёти илмӣ-таҳқиқотӣ истилоҳҳои нав, ба монанди тундгароӣ, ифротгароӣ, терроризм, экстремизм, фурӯши маводи нашъаовар, силоҳ ва фурӯши одамон ифодакунандаи тамоюлоти арзишии нав ворид гардиданд. Бояд зикр кард, ки ин ҷанбаҳои деструктивӣ ба маънавиёти ҷомеа таъсири манфӣ мерасонанд. Воқеан, бо ин яке аз падидаҳое, ки ба ҷомеаҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла ҷомеаи Тоҷикистон таҳдид мекунад, ин фаъолшавии ҳаракатҳои номатлуб дар миёни ҷавонон мебошад. Аз ҷумла, дар зери ин ҳаракатҳои номатлуб таҳаммулнопазирӣ, эътироф накардани ҳақиқат ва қонуниятҳои иҷтимоӣ, таассубгароӣ, падидае, ки аз қонуниятҳо ва нормаҳои иҷтимоӣ ба куллӣ фарқ мекунад, мебошад.

Ҳамин тариқ, дар сояи тамоюлоти болозикр ақидаҳои бегона ҳамчун як қувваи фаъоли ҷамъиятӣ дар баробари вориди майдонҳои сиёсӣ ва

динӣ шудан ҳадафҳои худро мегузоранд. Ҳадафи онҳо авзоъро дар ҷомеа тавассути дигаргун кардани диди ҷавонон ба арзишҳои маънавии аз наслҳои дигар ба мерос гирифтаи ҷомеа ноором сохтан аст.

Бояд зикр намуд, ки мувофиқи нишондодҳои оморӣ дар Тоҷикистон нисфи зиёди аҳолиро ҷавонон ташкил медиҳанд. Паҳн гардидани ақидаҳои носолим, ки ба маънавиёти ҷомеа таъсири манфӣ мерасонанд, махсусан дар миёни ҷавонон аз чанд сабаб вобастагии зич дорад. Пеш аз ҳама ҷанги шаҳрвандӣ, ки бо оқибатҳои ба бор овардааш аз зумраи сабабҳои асосӣ ба шумор меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳадафи асосии ин ҳаракатҳо ҷалби ҷавонон мебошад, ки бо ҳар роҳу восита тавонанд онҳоро бо арзишҳои худ мусаллаҳ намоянд, ки ин дар навбати худ сабабҳои хосро доро мебошад.

Дар маҷрои равандҳои мазкур беэътиноии ҷавонон ба қадру манзалати арзишҳои маънавии ҷомеа боло рафт. Мунтазам риоя нашудани арзишҳои маънавӣ дар рафтору муносибатҳои одамон падидаи осебҳои иҷтимоию фарҳангиро ба миён овард. Осебҳои иҷтимоӣ яке аз чолишҳои муҳим дар илми ҷомеашиносӣ ва фарҳангшиносӣ мебошанд. Чаро ки ин мушкил реша дар ҳавзаҳои дигар низ дорад. Бинобар ин, ҳамон тавре ки фарҳангшиносон худро масъул медонанд, ки осебҳои иҷтимоиро мутолиа ва баррасӣ кунанд, зистшиносон, равоншиносон ва дигарон низ ба худ иҷозат медиҳанд, то ин мавзуъро бо нигоҳи вижаи худашон мавриди таҳлил қарор диҳанд.

Дар истилоҳи фалсафӣ ва ҷомеашиносӣ «осебҳои иҷтимоӣ» ба дурӣ ҷустан аз меъёр, ҳинҷор маънидод мешавад ва замоне рух медиҳад, ки як фард ё як гурӯҳ меъёрҳои ҷомеаро риоят накунанд. Донишмандони улуми иҷтимоӣ дидгоҳҳои мухталифро дар бораи ба вуҷуд омадани инҳирофот дар ҷомеа ироа кардаанд, ки ихтисоран ба баррасии он мепардозем. Аз ин рӯ, барои дарёфти муҳтавои дидгоҳи ҷомеашиносӣ аз ин мавзуъ ишораи мухтасарро аз хусусияти дидгоҳҳои зистшиносӣ ва равоншиносӣ низ дар ин ҷо зарур мешуморем. Дар зистшиносӣ барои

тавзеҳи рафторҳои инҳирофӣ се назарияи алоҳида матраҳ гардидааст. Аввалан ин ки афроди мунҳарифро бештар ба инсонҳои моқабли таърих шабеҳ медонанд.

Аз сӯи дигар, дар муқоиса бо дидгоҳи зистшиносӣ ва ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ низ барои рафторҳои инҳирофомез назариётеро ироа додааст, ки зикри он холӣ аз фоида нест. Онон афрод ва шахсияташонро муташаккил аз се сохтор ё унсур медонанд: «ниҳод, худ, афрод», ки ҳар яке аз инҳо нақши хосе дар рафтори афрод дорад. Дар ин ҷо ниҳод аввалин ҷузъи сохтори шахсияти инсон аст ва дорои як сари вижагиҳое мебошад, ки иборатанд аз ин ки манбаъ қуввату неру аст, ба сурати комил дар сатҳи ноҳушёрии афрод дорад. Ҳадафи он таъмини ниёзҳои ғаризӣ аст, аз ин рӯ ғайримантиқӣ ва тобеи ғайри усули ахлоқӣ аст. Худ (Ман) дуюмин ҷузъи инсон мебошад, ки ҳам дар сатҳи нимаҳушёрӣ ва ноҳушёрӣ мудирияти дохилии инсонро ба уҳда дорад. Вижагиҳои он иборатанд аз: аз буну ниҳод сарчашма мегирад, энергияи худро аз ниҳод мегирад, дар се сатҳи ҳушёрӣ, ноҳушёрӣ ва нимаҳушёрӣ қарор дорад, мудири дохилии пойгоҳҳои шахсият аст, тобеи асли воқеият аст, мунтаҳӣ ва ахлоқӣ аст. Фароман, фарохуд савумин ҷузъи шахсияти инсон мебошад, ки аз худ берун меояд. Фарохуд маҷмуе аз меъёрҳо ва қавоиди ахлоқиро барои рафтор дар бар мегирад ва аз ду бахш ташкил шудааст – «виҷдон ва худармонӣ». Виҷдон маҷмуае аз мамнуъиятҳои иҷтимоӣ аст, ки мо набояд анҷом диҳем ва «худармонӣ» феҳристе аз корҳое аст, ки мо бояд барои сарфарозӣ ва камоли худ анҷом диҳем. Вижагиҳои он ин аст, ки арзиши худро аз «ниҳод» мегирад, аз амру наҳйи волидайн ё муроқибаткунанда ташкил мешавад, ҳам дар сатҳи ноҳушёрӣ ва нимаҳушёрӣ қарор дорад, камоли талаб аст ва тобеи усули ахлоқӣ мебошад. З. Фрейд муътақид аст, ки «ниҳод ва фарохуд» ҳамеша дар таъоруз бо якдигар қарор доранд ва «ман»-ро таҳти фишор қарор медиҳанд, бинобар ин, «ман» бояд фаъол ва қудратманд бошад, то битавонад мудирият кунад ва байни «ниҳоду фарохуд» ҳамоҳангӣ эҷод

намояд ва дар асари фишор дучори анвои изтироб нашавад, то аз ин тариқ афрод битавонанд рафтори дурустро дар ҷомеа анҷом диҳанд ва агар «ман» дар муқобили ниҳод камфаъол зоҳир шавад, дар ин сурат каҷрафториҳое дар афроди ҷомеа оғоз мегардад.

Аммо дар дидгоҳи ҷомеашиносӣ мутафаккирон дар талошанд то бидонанд иллату авомиле, ки барои падид омадани ҷиноят муассир аст чист ва аз ин сабаб дар мавриди вуқӯи ҷурм ба дунболи иллалу авомиле хастанд, ки боиси падид омадану ба вуқӯъ пайвастани ҷурм гардидааст.

Вуҷуди осебҳо дар ҷомеа ба ҷиҳати адами дуруст иҷтимоӣ шудани афрод ва гурӯҳҳо мебошад, зеро афроде, ки дорои осебҳои рафторӣ мебошанд, ба хотири норасоиҳои иҷтимоӣ шудан ҳинҷорҳои фарҳангиро бо шахсияти худ дар намеомезанд ва ниҳодина намекунанд. Аз ин сабаб, дар миёни рафторҳои ношоиста ва шоиста наметавонанд фарқ қоил шаванд. Бинобар ин, рафторҳои афроди вайронкор онҳоро таҳти таъсир қарор медиҳад ва мумкин аст рафторҳои номуносибро аз онҳо ёд бигиранд ва дучори каҷрафторӣ гарданд. Ҳарчанд фард бештар фаъолияти мутақобил бо афроди каҷрав дошта бошад ҳам, рафторҳои инҳирофии бештар аз ӯ буруз мекунанд. Дар натиҷа фарогирди дурусти иҷтимоӣ шудан дар ҷилавгирӣ аз рафторҳои инҳирофӣ нақши асосӣ дорад. Иллати дигар барои вуҷуди инҳироф ин аст: афроде, ки дар табақаи поёнии ҷомеа зиндагӣ мекунанд, аз он ҷое, ки тавоноии расидан ба табақаи мутавассити ҷомеаро надоранд, даст ба корҳои инҳирофӣ мезананд ва дастаҳои вайронкорро ба вуҷуд меоваранд.

Албатта ҳолати риоя нашудани арзишҳои маънавӣ ва меъёрҳои рафтору муносибати аз ҷониби онҳо пешниҳодшавандаро ба дараҷаи мутлақ баровардан нодуруст аст. Дар Тоҷикистон пас аз ба эътидол омадани вазъи ҳаёти ҷамъиятӣ мо шоҳиди эҳёи анъанаҳои зиёди маънавии халқамон, ташаккули арзишҳои нави ҷавобгӯ ба муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, эътиборнокии арзишҳои маънавии ниёгонамон гардидем. Рӯҳияи ҳифз ва эҳёи арзишҳои маънавии ниёгонамон дар

ҷомеа боло гирифт. Дар ин самт саъю талошҳои Сарвари давлатамон хеле бузург аст. Ӯ дар роҳи ҳифзи арзишҳои маънавии ҷомеаи муосири тоҷик воқеан ҳам фидокориҳои зиёд намудааст. Шинохти ягонагии миллӣ ва асли миллият диди назарӣ ва амалии Пешвои миллатро ташкил медиҳад.

Таҷрибаи таърихӣ нишон додааст, ки агар бунёди шахсияти фарҳангӣ поя бар унсури худӣ надошта бошад, эҳтимоли ба вартаи бегонапарастӣ, ватанфурӯшӣ ва азхудбегонагӣ афтодани ӯ зиёд аст. Бинобар ин, Пешвои миллат пайваста таъкид менамоянд, ки сокинони Тоҷикистон бояд худро аз чунин хатар ҳифз намоянд. Яке аз чунин такягоҳи муҳимро дар рушди маънавиёт мебинанд. Зеро маънавиёт ба инсон кумак менамояд, ки олами гирду атрофро дарк намояд ва муносибати худро ба он муайян кунад. Маънавиётро ба маънии васеъ метавон ҳамчун нишондиҳандаи олӣ ва сифатӣ ва метавон гуфт, ки бартаридиҳандаи манфиатҳои маънавӣ-ахлоқии шахс бар манфиатҳои моддӣ донист, ки ба воситаи он метавонад рафтори худро ба танзим дарорад.

Худтарбиякунӣ, худшиносӣ ва иҷтимоишавии субъект бояд хусусиятҳои фаъолияти ӯро дар татбиқи арзишии сифатҳои субъективӣ, инчунин муносибати арзиширо ба вазифаи касбии худ мутобиқи тамоюли пурзӯр кардани талабот ба сатҳи салоҳият ва шахсияти субъект ташкил диҳад. Агар худтанзимкунӣ ва худшиносии субъект дар натиҷаи ҳамоҳангӣ бо мундариҷаи анъанаи маънавӣ дар ҷомеа ва давлат натиҷаҳои зарурӣ ба даст орад, барои ташаккули сифатҳои мусбати шахсӣ, умумии иҷтимоӣ ва касбӣ замина фароҳам оварда мешавад.

Маълум аст, ки ин барои такмили олами ботинии субъект ҳамчун асос хизмат хоҳад кард. Дарк намудани вазифаи касбии субъект ба сатҳҳое мувофиқат менамояд, ки мавҷудияти анъанаи маънавиро дар зеҳни ӯ тавсиф мекунанд. Ин сатҳҳо дар огоҳии субъект ва иҷрои вазифаи ӯ нисбат ба ашё - ҷомеа амалӣ карда мешаванд, ки асосан бо

дихотомияи мундариҷаи берунӣ ва дохилии ҳар як мавзуъ муайян карда мешавад. Аз тарафи дигар, нишондиҳандаи ташаккули анъанаи маънавӣ ҳамчун муносибати байни субъект (шахс) ва объект (давлат) амал намуда, ӯро ба фаъолияти истеҳсолии ҳавасманд водор месозад. Дар асоси гуфтаҳои боло, сатҳҳои амалигардонии анъанаи маънавиро дар шуури субъективӣ муайян кардан мумкин аст. Сатҳи баланд бо ҳалли босифати масъалаҳои таълим, риояи қонунҳо, интизоми намунавии меҳнат, шарикӣ ва кумаки тарафайн тавсиф карда мешавад, ки субъект ба фаъолияти касбии худ ва афзоиши неруи маънавии ӯ дар раванди ташаккули сифатҳои субъективӣ муносибати эҷодӣ дорад.

Сатҳи миёнаи амалигардонии анъанаи маънавӣ бошад, дар субъект ба иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои дар назди ӯ қарордошта асос ёфтааст, дар ҳоле ки фаъолияти субъект асосан бо иҷрои репродуктивӣ хос аст. Фаъолияти ӯ сарҳадҳои доираи татбиқи тавсияҳои вазифаро тарк накарда, аз эҷодкорӣ ва зарурати васеъ кардани доираи масъулият маҳрум мебошад.

Сатҳи пасти амалигардонии анъанаи маънавӣ ба чунин фаъолияти субъект мувофиқат мекунад, ки новобаста аз иҷрои вазифаҳои касбӣ то ҳадди ақали зарурӣ, боиси маҳдуд гардидани доираи имкониятҳои рушди субъект мегардад. Асосан хусусиятҳои асосии субъект пассивӣ, шубҳа ва пессимизм мебошад. Дар айни замон, параметрҳои чунин фаъолиятҳо аз стандартҳои муқарраршуда ё таҳияшуда пасттар мебошанд.

Бояд зикр кард, ки сатҳҳои додашудаи ташаккули анъанаи маънавии шахсияти субъект ба сатҳҳои рушд ва фаъолияти ҳолати ахлоқӣ ва равонии ҷомеа мувофиқанд, ки чандтоашро мисол меорем:

- ахлоқи олӣ (бартарияти ахлоқӣ ва равонӣ);

- ҳолати миёнаи ахлоқӣ (ҳолати қаноатбахши ахлоқӣ ва психологӣ);

- бухрони қисман ё пурраи маънавии ахлоқ (бепарвоии ахлоқӣ ё ҳолати ғайриқаноатбахши ахлоқӣ ва равонии ҷомеа).

Дар шароити мувофиқ, ҳангоми гузариш аз ҳолатҳои объективӣ ба татбиқи анъанаи маънавӣ ба сифатҳои субъективӣ, эътиқод ва хусусиятҳои субъективӣ, амалисозии анъанаи маънавӣ бояд дар сатҳи субъект амалӣ карда шавад. Ҳамзамон, дар ин сатҳ ҷузъҳои оқилона, эмотсионалӣ ва иродавии олами маънавии субъект ба як воҳиди ягона муттаҳид карда мешаванд. Дар ниҳоят, амалисозии иҷтимоӣ ва татбиқи анъанаи маънавӣ ваҳдати диалектикӣ ва ҳамкории ду сатҳро ифода мекунад: давлатӣ (ҷамъиятӣ) ва шахсӣ (яъне объективӣ ва субъективӣ).

Олами маънавии инсон ба маънои муайян дурнамои шуури иҷтимоӣ ва тамоми психологияи иҷтимоӣ (инчунин, арзишҳои инъикосёфтаи маънавӣ ва моддии ҷомеа) буда, он дар хусусиятҳои фардии ҳар як шахс инъикос меёбад. Дар шуури инфиродии шахс, ҳам дар шуури ҷамъиятӣ, ду сатҳро фарқ кардан мумкин аст - назариявӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ. Ҳамзамон, дар он соҳаҳои зуҳури шаклҳои гуногуни шуур ва вазифаҳои онҳо инъикос меёбанд. Илова бар ин, дар ҷаҳони маънавии шахс ҳамаи ин ҷанбаҳо ба андозаи бештар нисбат ба ҷомеа пайваста ва ҷудонопазир ифода меёбанд.

Дар муқоиса бо сохтори дохилӣ, сохтори берунии шахс системаи фаъолияти иҷтимоӣ, зиндагӣ, вазифаҳо ва нақшҳое мебошад, ки шахс онҳоро иҷро мекунад. Истилоҳи “беруна” нишон медиҳад, ки унсурҳои ин сохтор барои дарки мустақими нозири беруна кушодаанд, онҳо дар амал ва амалҳои ба таври равшан намоёншаванда зоҳир мешаванд. Ба воситаи сохтори беруна шахс ба системаи ҳаёти иҷтимоӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ дохил мешавад.

Аз ин рӯ, анъанаи маънавиро дар ваҳдат бо сохторҳои беруна, дохилӣ шахсият бо ду равиш муайян мекунад: моҳиятӣ ва фаъолият (дар робита бо сохтори динамикӣ). Таъйини ин равишҳо барои муайян кардани сохтори анъанаи маънавӣ бо консепсияҳои маъруфи методологӣ дар омӯзиши мавҷудияти ҷомеа, равандҳо ва падидаҳои он, инчунин шахс алоқаманд аст. Чунин ба назар мерасад, ки бо муносибати аввал

ҷомеа ва шахс ҳамчун маҷмуи муносибатҳои иҷтимоӣ баррасӣ карда мешаванд, яъне он сохторҳои шахс ва ҷомеаро беҳтар инъикос мекунад. Дар доираи дуюм – динамика бошад, механизмҳои иҷтимоӣ, қувваҳои пешбаранда, ниёзҳо, ангезаҳо, манфиатҳо ва ҳадафҳо дар рушди шахс ва ҷомеа нақш мебозанд.

Мувофиқи натиҷаҳои татбиқи равиши аввал, анъанаи маънавӣ унсури таърихан ташаккулёфтаи олами маънавии шахс мебошад, ки аз насл ба насл интиқол ёфта, дар шуури ҳар як ҷомеа ҳифз карда шуда, бо арзишҳои маънавии ҷомеа тавсиф ёфта, дар сатҳи идеявӣ ва иҷтимоию равонии шуур, инчунин тавассути сифатҳои иҷтимоии шаҳрванд зоҳир мешавад, ки ба ҳифз ва рушди ҷомеаи ватанӣ нигаронида шудаанд. Муносибати фаъолона ба омӯзиши анъанаҳои маънавӣ, аз як тараф, имкон медиҳад, ки сохтори динамикии он муайян карда шавад. Ба сохтори динамикии он дохил мешаванд: мавзуи анъана (шахсияти шаҳрванд), объекти он (фарҳанги маънавии ҷомеа) ва муносибати байни субъект ва ашёе, ки тавассути он диалектикаи онҳо амалӣ мешавад. Аз тарафи дигар, ин равиш барои муайян кардани механизми иҷтимоии ташаккули анъанаи маънавӣ дар ҷомеа замина фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки арзишҳои маънавӣ ҳамчун падидаи муҳимми ҳифз ва интиқоли тамоми фарҳанги маънавии ҷомеа баромад намуда, дорои сохтори мураккабест, ки манбаи неруи маънавӣ ва ахлоқии шахс мебошад.

**Пешниҳод ва тавсияҳо**

Дар асоси натиҷаҳои зимни таҳқиқот бадастомада барои истеҳкомбахшии мақоми арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти имрӯзаи ҷомеаи Тоҷикистон ва минбаъд ҳам густариш додани омӯзиши ин падидаи фарҳангию иҷтимоӣ, метавон пешниҳоду тавсияҳои зеринро манзур намуд:

- таъмини рушди фазои ягонаи фарҳангии мамлакат дар заминаи ҳифз, эҳё ва густариши анъанаю суннатҳои миллӣ, дастовардҳои

фарҳанги миллии даврони соҳибистиқлолӣ ва арзишҳои умумибашарӣ, ҳифзи гуногунии фарҳангию забонӣ;

- такмили низоми таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ, бахусус муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг; мусоидат ба такмили касбияти аҳли фарҳанг ва санъати касбӣ дар дохил ва хориҷи кишвар;

- ҷалби таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа ба ҳифз ва густариши мероси моддӣ ва ғайримоддии кишвар;

- мусоидат ба рушди сайёҳии фарҳангӣ дар дохил ва хориҷи кишвар;

- мусоидат ба баланд бардоштани мақоми фарҳанг дар ҷомеа, вобаста кардани фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ба иҷрои вазифаҳои муҳимми муайянкардаи давлат дар самти ташаккули шуури ҷомеа дар рӯҳияи ватандӯстию меҳанпарастӣ, худшиносии миллӣ ва ифтихор аз соҳибистиқлолии давлатӣ;

- мусоидат ба баланд бардоштани сатҳи фарҳанг ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, донишҳои ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, таъмини аҳли ҷомеа бо иттилооти ҳуқуқӣ;

- тарғибу ташвиқи қонунгузории амалкунанда, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва масоили дигари вобаста ба рушди фарҳанги миллӣ бояд на танҳо дар меҳвари фаъолияти аҳли фарҳанги кишвар, балки аҳли ҷомеа қарор дошта бошанд.

Бо такя аз арзишҳои асли маънавии ҷомеа дар зеҳни насли наврас ва ҷавонон тақвият бахшидани ифтихори миллӣ, таҳкими худогоҳиву худшиносӣ, ватандӯстиву меҳанпарастӣ, ба раванди бунёдкориву созандагӣ ҳидоят ва раҳнамун намудани аҳли ҷомеа дар солҳои минбаъда низ бояд дар меҳвари фаъолияти ҳаррӯзаамон қарор гирад. Мо кӣ будани аҷдоду гузаштагони худро бояд донем, ба онҳо арҷ гузорем ва бо насли ориёӣ, яъне ориёитабор будани худ ифтихор кунем.

- ҷиҳати таъмин намудани рушди устувори муассисаҳои фарҳангӣ мо бояд ба таҷдиди инфрасохтор, таҳкими пояҳои моддиву техникӣ ва тарбияи кадрҳои соҳа, мусоидат ба раванди ташаккули эҷодиёти халқ,

истифодаи самарабахши неруи фарҳангӣ ва маънавии миллат таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад;

- васоити ахбори оммаи кишвар, ки яке аз рукнҳои устувори ҷомеаи демократӣ маҳсуб меёбанд, дар инъикоси масоили марбут ба арзишҳои маънавӣ, нақши онҳо дар бунёди Тоҷикистони навин, баланд бардоштани имиҷи миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, роҳандозии ислоҳот дар ҷомеа, ҳифз ва рушди фазои иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини дастрасии шаҳрвандон метавонанд нақши боризи худро гузоранд.

- таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳар яки мо бояд ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем. Бахусус, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардондааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад.

- фарҳанг ва тамоюли ҷаҳонишавии он аз ҷумлаи мушкилоти глобалии ҷаҳони имрӯза мебошад, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ аз раванди босуръати ҷаҳонишавӣ, бахусус падидаҳои мусбат ва зуҳуроти манфии он дар канор буда наметавонад. Аз ин рӯ, шароити кунунии ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки низоми нави рушди соҳаи фарҳанг ташаккул дода шавад.

- китобхонаҳо бояд ба маркази муҳимми илму фарҳанг табдил дода шаванд, зеро китоб маҳсули ақлу заковати мардуми соҳибтамаддун, омили асосии ҳифзи фарҳанги миллӣ ва яке аз муҳимтарин воситаҳои маърифатнок кардани аҳли ҷомеа буда, қобилияти сухандониву суханрониро сайқал медиҳад, доираи андешаву тафаккур ва ҷаҳонбинии инсонро васеъ ва ӯро ба роҳи дурусти зиндагӣ раҳнамоӣ мекунад.

Яке аз хусусиятҳои раванди ҷаҳонишавӣ дар он зоҳир мегардад, ки ахлоқ ва фарҳанги аврупоӣ ахлоқ ва фарҳангҳои миллиро махлут мекунад. Дур шудан аз ахлоқ ва фарҳанги миллӣ ба ҳувият таъсири манфӣ мерасонад. Ҳувият ва фарҳанги миллӣ дар Тоҷикистон аз омилҳои аслии баҳамоӣ ва ваҳдати мардум маҳсуб меёбанд. Дар ҳоли ҳозир дар Аврупо аз он фарҳанге, ки имрӯз доранд, талоши дурӣ ҷустанро карда истодаанд, аммо он фарҳанг дар мо қобили қабул шуда истодааст. Барои дифоъ аз фарҳанг ва арзишҳои миллӣ на бо роҳи маҳдуднамоӣ, балки бо истифода аз алтернатива бояд кор гирифт.[1]

**Дар ин самт пешниҳодҳои зерин ироа мегарданд:**

1. Барои ҳимоя аз ахлоқи ҷавонон ва либоси миллӣ аз таҷрибаи Ҷопон истифода намудан мувофиқи мақсад мебошад. Дар ин кишвар барои бонувоне, ки либоси миллиашонро (аз ҷумла кемано) дар бар доранд, имтиёзҳое пешбинӣ карданд. Аз ҷумла, барои ин бонувон дар баъзе шаҳрҳо даромадан ба театр, осорхона ва дигар ҷойҳои фарҳангӣ ройгон мебошад. Дар Ҷопон мардум ба театру осорхона таваҷҷуҳ доранд ва имтиёзи бепул даромадан ба ин маконҳо хеле боарзиш мебошад. Дар Тоҷикистон низ аз ин таҷриба истифода намуда, барои бонувоне, ки дар коргоҳ, донишгоҳҳо ва ғайра либоси миллӣ мепӯшанд, имтиёзе пешниҳод кардан мувофиқи мақсад хоҳад буд. Аввал, ин таҷриба барои рушди моделҳои нави либоси миллӣ мусоидат мекунад, аз он ки муштарӣ бештар мегардад. Баъдан, худи фарҳанги либоси миллӣ ҳифз хоҳад шуд.

2. Кино ва филмҳои тасвирӣ ба ахлоқи наврасону ҷавонҳои мо таъсири бузург доранд. Барои наврасу ҷавонҳои имрӯза на қаҳрамони филмҳои тоҷикӣ, балки қаҳрамони филмҳои туркиву амрикоӣ ва ғайра идеол буда, кӯдаки тоҷик дар зери таъсири филмҳои тасвирии бегона ба воя мерасад. Хуб мешуд, ки барои таҳияи барномаи рушди филми

[1] Ҳайдаров, Р. Стратегияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими истиқлолият дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн]: Маҷмуи мақолаҳо / Р. Ҳайдаров. – Душанбе: Дониш, 2016. – С.26-32.

тасвирӣ дар кишвар шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Дар адабиёт ва таърихи тоҷик садҳо асарҳое мавҷуданд, ки аз рӯйи онҳо беҳтарин кино ва филмҳои тасвирӣ омода намудан мумкин аст. Филми тасвирӣ ё бардоштани кино аз рӯйи “Самаки айёр”, Абумуслим, ҷомасафедон, сарбадорон ва садҳо достону қисса ба манфиат хоҳад буд[1]. Ин қиссаҳо наврасонро дар рӯҳияи миллӣ тарбият хоҳанд кард.

[1] Раҳимов, С. Истиқлолият, фарҳанг ва ҳунари муосир [Матн] / С. Раҳимов // Истиқлолият ва фарҳанг. Маҷмуаи маърӯзаҳои конфронс. – Душанбе, 2017. – С.21-49.

## Рӯйхати адабиёти истифодашуда
## Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва
## асарҳо, паёму суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[1]. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2006. – 16 с.

[2]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2016. – 64 с.

[3]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://majmilli.tj (Санаи муроҷиат: 15.04.2020).

[4]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://majmilli.tj (Санаи муроҷиат: 15.04.2020).

[5]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://majmilli.tj (Санаи муроҷиат: 15.04.2020).

[6]. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 22 декабри соли 2017 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/16771

[7]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, аз 26 декабри соли 2019 [Матн]. – Душанбе: Шарқи озод, 2019. – 27 с.

[8]. Раҳмонов, Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 2006. – 263 с.

[9]. Раҳмонов, Э. Танзими расму оинҳо - талаботи замон [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 1999. – 36 с.

[10]. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни кишвар, аз 20 марти соли 2001 [Матн] // Ҷумҳурият. – 2001. – 20 март.

[11]. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо ҷавонони кишвар 21.05.2021, шаҳри Душанбе [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/25799

**Монографияҳо ва маҷмуаҳои илмӣ**

[12]. Абдуллаева, Р.Х. Эстетическое воспитание старшеклассников общеобразовательных школ Таджикистана в процессе внеклассной работы [Текст]: дисс... канд. пед. наук / Р.Х. Абдуллоева. – М., 2004. – 167 с.

[13]. Абдуллоев, С.А. Илм ва фарҳанги Тоҷикистон дар нимаи аввали қарни 20 [Матн] / С.А. Абдуллоев. – Хуҷанд, 1998. – 165 с.

[14]. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома [Матн] / А. Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – Ҷ.1. – 480 с.

[15]. Авесто [Матн] / Тарҷумаи Ҷалили Дӯстхоҳ. – Душанбе: Қонуният, 2001. – 792 с.

[16]. Айнӣ, С. Ёддоштҳо [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1954. – Қ.1. – 405 с.

[17]. Амиров, Р. Падидаи муҳимми фарҳангӣ [Матн] / Р. Амиров. – Душанбе: Ориёнганҷ, 2015. – 254 с.

[18]. Амонов, Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб: дар асоси материалҳои фолклори Сари Хосор [Матн] / Р. Амонов. – Душанбе: Нашриёти АФ РСС Тоҷикистон, 1963. – 346 с.

[19]. Андарзҳои “Маснавии маънавӣ” [Матн]. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 125 с.

[20]. Андреев, М. С. Таджики долины Хуф (верховья Аму-Дарьи) [Текст] / М.С. Андреев. – Сталинабад: Изд. АН. Тадж. ССР, 1953. – Вып.1. – 251 с.

[21]. Аристотель. Этика. Политика. Риторика. Поэтика. Категории [Текст] / Аристотель. – М., 1998. – 1391 с.

[22]. Арутюнов, С.А. Обычай, ритуал, традиция [Текст] / С.А. Арутюнов. – М.: Наука, 1997. – 341 с.

[23]. Аҳмад, Р. Ҷойгоҳи маросим ва аъёди исломӣ дар фарҳанги мардуми тоҷик [Матн] / Р. Аҳмад. – Теҳрон: Интишороти Ал-ҳудо, 1388 ш. – Бо ҳуруфи форсӣ.

[24]. Аҳмадов, Р. Маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ [Матн] / Р. Аҳмадов. – Душанбе, 2015. – 466 с.

[25]. Аҳмадов, Р. Наврӯзи хуҷастапай [Матн] / Р. Аҳмадов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 40 с.

[26]. Аҳмадов, Р. Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ [Матн] / Р. Аҳмадов. – Душанбе: Дониш, 2007. – 465 с.

[27]. Баллер, Э.А. Преемственность в развитии культуры [Текст] / Э.А. Балер. – М.: Наука, 1969. – 294 с.

[28]. Becker, G. Human Capital: A Theoretical and Empirical Analysis, with Special Reference to Education [Text] / G. Becker. – Chicago: University of Chicago Press, 1993. – 412 p.

[29]. Бердяев, Н. Константин Леонтьев [Текст] / Н. Бердяев. – М., 2017. – 172 с.

[30]. Бердяев, Н. Константин Леонтьев. – экзотика Востока и буржуазность Запада, византизм и славянство, трансцендентная религия и мистика [Текст] / Н. Бердяев. – М.: T8RUGRAM, 2018. – 252 с.

[31]. Бердяев, Н. Философия творчества, культуры и искусства [Текст]: в 2 томах / Н. Бердяев. – М.: Наука, 1994. – Т.1. – 541 с.

[32]. Бердяев, Н. Философия творчества, культуры и искусства [Текст]: в 2 томах / Н. Бердяев. – М.: Наука, 1994. – Т.2. – 508 с.

[33]. Бердяев, Н.А. Философия неравсенства [Текст] / Н.А. Бердяев. – М., 1990. – 285 с.

[34]. Библер, В.С. Мышление как творчество (Введение в логику мысленного диалога) [Текст] / В.С. Библер. – М.: Политиздат, 1975. – 399 с.

[35]. Большая советская энциклопедия [Текст]: в 30 томах. – М.: Советская энциклопедия, 1972. – Т.8. – 591 с.

[36]. Бродель, Ф. Грамматика цивилизаций [Текст] / Ф. Бродель. – М.: Весь Мир, 2008. – 545 с.

[37]. Генон, Р. Кризис современного мира [Текст] / Р. Генон. – М., 2008. – 784 с

[38]. Генон, Р. Общее введение в изучение индийсских ученых [Текст] / Р. Генон. – М., 2013. – 320 с.

[39]. Гидденс, Э. Ҷомеашиносӣ [Матн] / Э. Гидденс; тарҷумаи Манучеҳр Сабурӣ. – Теҳрон: Най, 1383. – 679 с.

[40]. Дадабоева, Н.Н., Дадабоев, Н. Ташаккули муносибатҳои оилавӣ ва анъанаҳои оилаи тоҷик [Матн]: дастури таълимӣ / Н.Н. Дадабоев, Н. Дадабоев. – Хуҷанд, 2014. – 164 с.

[41]. Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик [Матн]. – Душанбе, 2015. – Қ.1. – 668 с.

[42]. Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик [Матн]. – Душанбе, 2017. – Қ.2. – 756 с.

[43]. Дробовцева, С.В. Влияние духовных традиций на социокультурную трансформацию человека: сущность и механизм процесса [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Дробовцева Светлана Васильевна. – Нижний Новгород, 2013. – 209 с.

[44]. Духовное производство. Социально-философский аспект духовной деятельности [Текст]. – М., 1981. – 352 с.

[45]. Дюркгейм, Э. О разделении общественного труда [Текст] / Э. Дюркгейм. – М.: Канон, 1996. – 432 с.

[46]. Дюркгейм, Э. Самоубийство [Текст] / Э. Дюркгейм. – М.: АСТ, 2018. – 447 с.

[47]. Дюркгейм, Э. Самоубийство: Социологический этюд [Текст] / Э. Дюркгейм; Пер, с фр. с сокр.; Под ред. В.А. Базарова. – М.: Мысль, 1994. – 400 с.

[48]. Ерасов, Б.С. Социальное культурология [Текст] / Б.С. Ерасов. – М.: Аспект-Пресс, 1996. – 590 с.

[49]. Ерасов, Б.С. Традиция и новация в социокультурном процессе [Текст] / Б.С. Ерасов. – М.: ИНИОН, 1998. – 468 с.

[50]. Зеҳниева, Ф. Сурудҳои маросими тӯи тоҷикон [Матн] / Ф. Зеҳниева. – Душанбе: Дониш, 1978. – 164 с.

[51]. Злобин, Н.С. Культура и общественный прогресс [Текст] / Н.С. Злобин. – М., 1980. – 303 с.

[52]. Идиев, Х. Тоҷикистон дар масири тағйироти иҷтимоӣ [Матн] / Х. Идиев. – Душанбе: Дониш, 2016. – 120 с.

[53]. Идиев, Х. Фалсафаи иҷтимоӣ [Матн] / Х. Идиев. – Душанбе: Дониш, 2003. – 159 с.

[54]. Идиев, Х.У. Практика использования [Текст] / Х.У. Идиев. – Кросноярск, 2019.

[55]. Идиев, Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ [Матн] / Х.У. Идиев. – Душанбе, 2013. – 378 с.

[56]. Ильенков, Э.В. Философия и культура [Текст] / Э.В. Ильенков. – М.: Политиздат, 1991. – 464 с.

[57]. Ионин, Л.Г. Социология культуры: путь в новое тысячелетие [Текст]: Учеб. пособие для студентов вузов / Л.Г. Ионин. – М.: Логос, 2000. – 430 с.

[58]. Каган, М.С. Философия культуры [Текст] / М.С. Каган. – СПб.: университет, 1996. – 216 с.

[59]. Каримова, Р.Н. Культура Таджикистана в годы независимости (1991-2011) [Текст] / Р.Н. Каримова. – Душанбе: Дониш, 2013. – 212 с.

[60]. Кисляков, Н.А. Семья и брак у таджиков [Текст]: По материалам конца XIX-начала XX века. – М.,-Л.: Академии Наук СССР, 1959. – 269 с.

[61]. Комилов, Р., Назаров, М. Фалсафаи илм [Матн] / Р. Комилов, М. Назаров. – Душанбе, 2008. – 542 с.

[62]. Крёбер, А.Л. Избранное: Природа культуры [Текст] / А.Л. Крёбер. – М.: РОССПЭН, 2004. – 1008 с.

[63]. Қурбонов, А. Заминаҳои пайдоиши маданият [Матн] / А. Қурбонов. – Кӯлоб, 1992. – 19 с.

[64]. Қурбонов, А. Ш. Фалсафаи аҳди бостон [Матн] / А. Ш. Қурбонов. – Душанбе, 1998. – 172 с.

[65]. Лебон, Г. Психология народов и масс [Текст] / Густава Лебона. – М.: Академический проект, 2011. – 238 с.

[66]. Линтон, Р. Личность, культура и общество [Текст] / Р. Линтон. – М.: Вирио, 2001. – Т.3. – 566 с.

[67]. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ-Румӣ. Маснавии маънавӣ [Матн] / Бар асоси матн Р. Николсон ва муқобала бо нусхаҳои дигар. – Теҳрон: Нашри Замон, 2020. – 126 с.

[68]. Малиновский, Б. Научная теория культуры [Текст] / Б. Малиновский; Пер. с англ. И.В. Утехина. – М., 1999. – 205 с.

[69]. Манхейм, К. Избранное [Текст]: Диагноз нашего времени / К. Манхейм. – М.: РАО Говорящая книга, 2010. – 744 с.

[70]. Мардонова, А. Традиционная свадьбы таджиков гиссарской долины [Текст] / А. Мардонова. – Душанбе, 2002. – 127 с.

[71]. Мардонова, А. Традиционные похоронно – поминальные обряды таджиков Гиссарской долины (конца XIX - начала XX в.в.) [Текст] / А. Мардонова. – Душанбе: Дониш, 1998. – 235 с.

[72]. Маркарян, Э.С. Теория культуры и современная наука [Текст] / Э.С. Маркарян. – М.: Мысль, 1983. – 284 с.

[73]. Маркс, К. Восемнадцатое брюмера Луи Бонапарта [Текст] / К. Маркс. – М.: Издательство политической литературы, 1985. – 185 с.

[74]. Маркс, К. Мунтахаби осор [Матн]: иборат аз ду ҷилд / К. Маркс. – Душанбе, 1965.

[75]. Маркс, К., Энгельс, Ф. Из ранних произведений [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс. – М., 1956. – 689 с.

[76]. Маркс, К., Энгельс, Ф. Сочинения [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс. – Изд. 2. – М.: Политиздат, 1955. – Т.3. – 629 с.

[77]. Маркс, К. Сочинение [Текст]: в 30 томах / К. Маркс. – М.: Издательство политической литературы, 1960. – Т.23. – К.1. – 907 с.

[78]. Маркузе, Г. Одномерный человек [Текст] / Г. Маркузе. – М.: АСТ: Ермак, 2003. – 333 с.

[79]. Межуев, В.М. Культура и история [Текст] / В.М. Межуев. – М., 1977. – 199 с.

[80]. Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / Мураттиб Д. Раҳимов; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Эр-Граф, 2017. – 280 с.

[81]. Мертон, Р. Избранное произведение [Текст] / Р. Мертон. – М.: 2006. – 873 с.

[82]. Мосс, М. Общества, обмен, личность [Текст] / М. Мосс. – М.: Наука, 1996. – 353 с.

[83]. Наврӯз: дирӯз, имрӯз ва фардо [Матн]. – Душанбе: Дониш. 2013. – 171 с.

[84]. Наврузов, С. Гармония и дисгармония человеческих способностей и потребностей [Текст] / С. Наврузов. – Душанбе: Сино, 2004. – 275 с.

[85]. Наврузов, С. Духовенство и потребительство [Текст] / С. Наврузов. – Душанбе, 2014. – 246 с.

[86]. Наврузов, С. Қувваҳои нав дар илму фалсафа [Матн] / С. Наврузов. – Душанбе, 2016. – 120 с.

[87]. Наврузов, С. Потребительство… [Текст] / С. Наврузов. – Душанбе, 2014. – 246 с.

[88]. Наврузов, С. Человеческие способности [Текст]: соотношение социальных и биологических аспектов / С. Наврузов. – Душанбе, 1991. – 303 с.

[89]. Нарзуллоев, Б. Х., Саидҳомидов, С. С. Методикаи таълими мусиқӣ [Матн]: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни коллеҷҳои санъат, шуъбаҳои мусиқии донишгоҳҳо ва факултети мусиқӣ-омӯзгории ДДФСТ / Б. Х. Нарзуллоев, С. С. Саидҳомидов. – Душанбе, 2019. – 238 с.

[90]. Неменова, Р.Л. Таджики Варзоба [Текст] / Р.Л. Неменова. – Душанбе, 1998. – 250 с.

[91]. Освобождение духа [Текст]. – М.: Политиздат, 1991. – 352 с.

[92]. Пиров, А. К. Особенности трансформации этнокультурных взаимодействий в общественной жизни Таджикистана [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Пиров Аламшо Каримович. – Душанбе, 2010. – 144 с.

[93]. Плахов, В. Д. Традиции и общество: опыт философско-социологического исследования [Текст] / В.Д. Плахов. – М.: Мысль, 1991. – 686 с.

[94]. Поппер, К. Р. Предположения и опровержения: Рост научного знания [Текст] / К. Р. Поппер. – М.: ООО «Издательство АСТ»: ЗАО НПЛ «Ермак», 2004. – 638 с.

[95]. Проблема человека в западной философии [Текст]. – М.: Прогресс, 1988. – 554 с.

[96]. Разӣ, Ҳ. Гоҳшуморӣ ва ҷашнҳои Эрони бостон [Матн] / Ҳ. Разӣ. – Теҳрон, 1371.

[97]. Раҳимов, Д. Нигоҳе ба ҷашнҳои миллӣ ва ойинҳои суннатии ниёгон [Матн] / Д. Раҳимов. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 96 с.

[98]. Раҳимов, С. Эстетика зороастризма [Текст] / С. Раҳимов. – Душанбе: Дониш, 2009. – 406 с.

[99]. Розанов, В.В. Религия. Философия. Культура [Текст] / В.В. Розанов. – М., 1992. – 397 с.

[100]. Рӯдакӣ [Матн]: китоби мусаввар. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 240 с. (Матн бо забони тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва ҳуруфи арабӣ)

[101]. Савченко, Е.А. Антропокультурологическая парадигма: воспитание культурного человека: монография [Текст] / Е.А. Савченко. – 2-е изд. – М.: МАНПО, МГОУ; Ярославль: Канцлер, 2016. – 133 с.

[102]. Саидов, А.Р. Асосҳои ташаккули маданияти эстетикии омӯзгори оянда [Матн] / А. Р. Саидов. – Душанбе, 2010.

[103]. Саидҳомидов, С. С. Садои мусиқии халқӣ дар кӯдакистонҳо [Матн]: дастури методӣ / С. С. Саидҳомидов. – М., 1993. – 38 с.

[104]. Самиев, А. Историческое сознание как самопознание общества: социально-философский анализ [Текст] / А. Самиев. – Душанбе: РТСУ, 2009. – 411 с.

[105]. Сафаралиев, Б.С. Из истории духовной культуры таджикского народа [Текст] / Б.С. Сафаралиев. – Челябинск, 2011. – 328 с.

[106]. Столович, Л.Н. Философия. Эстетика. Смех [Текст] / Л.Н. Столович. – СПб.; Тарту, 1999. – 383 с.

[107]. Summner, W.G. Folkways [Text] / W.G. Summner. – Boston: Ginn and Company, 1906. – 642 p.

[108]. Сухомлинский, В.А. Избранные педагогические сочинения [Текст]: в 3-х тт. / В.А. Сухомлинский. – М., 1981.

[109]. Тайлор, Э. Первобытная культура [Текст] / Э. Тайлор. – М., 1989. – 572 с.

[110]. Таърихи тамаддун ва фарҳанги ҷаҳон [Матн]. – Душанбе, 2016. – Ҷ.3. – 328 с.

[111]. Таърихи тамаддун ва фарҳанги ҷаҳон [Матн]. – Душанбе, 2016. – Ҷ.4. – 316 с.

[112]. Турсунов, А. Эҳёи Аҷам [Матн] / А. Турсунов. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 208 с.

[113]. Усмонзода, Х. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият [Матн] / Х. Усмонзода. – Душанбе: Дониш, 2020. – 213 с.

[114]. Фарҳанг ва истиқлол. – Душанбе: Адиб, 2011. – 292 с.

[115]. Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн]. – М., 1969. – Ҷ.1. – 952 с.

[116]. Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн]. – М., 1969. – Ҷ.2. – 952 с.

[117]. Феҳристи миллии намунаҳои мероси фарҳангии ғайримоддӣ [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 95 с.

[118]. Хальбвакс, М. Социальные классы и морфология [Текст] / М. Хальбвакс. – М.: Алетейя, 2000. – 510 с.

[119]. Хомяков, А.С. О старом и новом: статьи и очерки [Текст] / А.С. Хомяков. – М.: Современник, 1988. – 461 с.

[120]. Хомяков, А.С. Церковь одна: опыт катехизического изложения учения о Церкви [Текст] / А.С. Хомяков. – Изд. 2-е, испр. – М.: Изд-во ПСТГУ, 2018. – 448 с.

[121]. Ҳазраткулов, М. Наврӯзи оламафрӯз ва дигар идҳои суннатии сол [Матн] / М. Ҳазраткулов. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – 484 с.

[122]. Ҳазраткулов, М. Ориёҳо ва тамаддуни ориёӣ [Матн] / М. Ҳазраткулов. – Душанбе, 2006. – 577 с.

[123]. Ҳазраткулов, М. Эътиқоду анъанаҳои бостонии Аҷам [Матн] / М. Ҳазраткулов. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 127 с.

[124]. Ҷумъаев, Р. Ҷашни арӯсии тоҷикон [Матн] / Р. Ҷумъаев. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – 212 с.

[125]. Ҷумъаев, Р. Ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор [Матн] / Р. Ҷумъаев. – Душанбе, 2001. – 122 с.

[126]. Ҷумъаев, Р. Этнопоэтикаи ҷашни арӯсии тоҷикони водии Ҳисор [Матн] / Р. Ҷумъаев. – Душанбе: Эр-граф, 2008. – 144 с.

[127]. Шакурӣ, М. Хуросон аст ин ҷо: маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Дониш, 2009. – 416 с.

[128]. Шамолов, А. Каломи Мовароуннаҳр [Матн] / А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 2014. – 569 с.

[129]. Шарифова, М. Маросимҳои тӯи арӯсии мардуми ноҳияи Мастчоҳ [Матн] / М. Шарифова. – Душанбе, 2005. – 67 с.

[130]. Шеллинг, Ф.В. Философия искусства [Текст] / Ф.В. Шеллинг. – М.: Мысль, 1966. – 496 с.

[131]. Шлегель, Ф. Сочинения [Текст] / Ф.Шлегель. – М.: Quadrivium, 2015. – Т.1. – 816 с.

[132]. Штомпка, П. Социология. Анализ современного общества [Текст] / П. Штомпка. – М.: Логос, 2005.

[133]. Шюц, А. Избранное: Мир, светящийся смыслом [Текст] / А. Шюц. – М.: РОССПЭН, 2004. – 1056 с.

[134]. Эвола, Ю. Абстрактное искусство [Текст] / Ю. Эвола. – М., 2019. – 139 с.

[135]. Элиаде, М. Аспекты мифа [Текст] / М. Элиаде. – М.: Академический проект, 2014. – 234 с.

[136]. Элиот, Т.С. Религия, культура, литература [Текст] / Т.С. Элиот. – М.: РОССПЭН, 2004. – 273 с.

[137]. Элкинд, Д. Эрик Эриксон и восемь стадий человеческой жизни [Текст] / Д. Элкинд. – М.: Когитоцентр, 1996. – 289 с.

**Мақолаҳои илмӣ**

[138]. Абдуллозода, Ш. Истиқлолият ва эҳёи арзишҳои миллию динӣ [Матн] / Ш. Абдуллозода // Истиқлолият ва фарҳанг. Маводи конфронси илмию амалӣ. – Душанбе: Матбаа, 2017. – С.84-85.

[139]. Азизов, К. Ҷ. Глобализатсия ва фарҳанги миллӣ дар шароити имрӯза [Матн] / К. Ҷ. Азизов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Илм ва таҳсилоти муосир: мушкилот ва дурнамоҳо». – Данғара, 2015. – С.168-175.

[140]. Аминов, А. Маросимҳои ҷашни арӯсӣ – бахши ҷудонашавандаи феҳристи миллии мероси фарҳанги ғайримоддӣ [Матн] / А. Аминов // Мероси фарҳангӣ ва ҳунарҳои мардумӣ: ҳифз ва эҳёи он / мураттиб Х. Низомов. – Душанбе: Истеъдод, 2016. – С.92-102.

[141]. Амиров, Р. Сиёсати давлатии Тоҷикистон оид ба эҳёи фарҳанги миллӣ [Матн] / Р. Амиров // Истиқлолият ва фарҳанг. Маводи конфронси илмию амалӣ. – Душанбе: Матбаа, 2017. – С.69-70.

[142]. Андреев, М.С. Из материалов по мифологии таджиков [Текст] / М.С. Андреев // По Таджикистану; краткий отчет о работах этнографических экспедиции в Таджикистане в 1925 году. – Ташкент, 1927. – Вып.I. – С.77-109.

[143]. Балашов, Ю.К. Человеческий капитал [Электронный ресурс] / Ю.К. Балашов // Большая российская энциклопедия. – Режим доступа: https://bigenc.ru/economics/text/4681450 (Санаи муроҷиат 20.06.2021)

[144]. Библер, В.С. Нравственность. Культура. Современность: Философские размышления о жизненных проблемах [Текст] / В.С. Библер // Этическая мысль: Научно-публицистические чтения / Редкол.: А.А. Гусейнов и др. – М.: Политиздат, 1990. – С.16-57.

[145]. Бромлей, Ю.В. Этнографическое изучение этнических функции культуры [Текст] / Ю.В. Бромлей // Традиции в современном обществе: исследования этнокультурных процессов. – М., 1991. – С.5-16.

[146]. Зокирзода, Н. М. «Мужда ба гулҳо баред…» Ва ё андар ҷанбаҳои умумибашарӣ ва гуманистии ҷашни Наврӯз [Манобеи электронӣ] / Н. М. Зокирзода. – Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj (Санаи муроҷиат: 10.05.2020)

[147]. Идиев, Х. Нақши арзишҳои фарҳангӣ дар танзими рафтори иҷтимоӣ [Матн] / Х. Идиев // Истиқлолият ва фарҳанг. Маводи конфронси илмию амалӣ. – Душанбе: Матбаа, 2017. – С.64-65.

[148]. Ионин, Л.Г. Театр культурных форм [Текст] / Л.Г. Ионин // Человек. – 1991. – №3. – С.43.

[149]. Касаткин, П.И. Глобализация культуры: проблемы и перспективы [Текст] / П.И. Касаткин // Власть. – 2017. – Т.25. – №8. – С.40-48.

[150]. Комилзода, Ш. Омӯзиш ва ҳифзи мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Ш. Комилзода // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – №3 (35). – С.70-77.

[151]. Қурбонов, А., Имомалиева, Р. Сиёсат дар соҳаи маориф: таҳаввулот ва муосирсозӣ [Матн] / А. Қурбонов, Р. Имомалиева // Ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими истиқлолияти сиёсӣ ва масоили консептуалии рушди давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Маҷмуаи маърузаҳои конфронс. – Душанбе, 2016. – С.74.

[152]. Латифзода, Д. Асосҳои назариявӣ-методологӣ ва методҳои таҳқиқи фарҳанги этникӣ [Матн] / Д. Латифзода // Масъалаҳои омӯзиши вазъи фарҳанги маънавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуи мақолаҳо. – Душанбе, 2018. – Қ.2. – С.30-31.

[153]. Лобанова, Т.В. Основные подходы к изучению проблемы традиции. Социология и социальная работа [Текст] / Т.В. Лобанова // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. Серия Социальные науки. – 2008. – №1 (9). – С.70-76.

[154]. Методологические и аксиологические подходы к решению проблем консолидации общества в эпоху глобализации [Текст] / В.П. Беркут, В.А. Песоцкий, В.П. Майкова, Э.М. Молчан, Я.В. Бондарева // Вестник Новосибирского государственного педагогического университета. – 2018. – Т.8. – № 1. – С.138-157.

[155]. Муҳаммад, А. Истиқлоли сиёсӣ – таъмини пирӯзии миллат [Матн] / Абдураҳмон Муҳаммад // Ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими истиқлолияти сиёсӣ ва масоили консептуалии рушди давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Маводи конфронси илмию амалӣ. – Душанбе, 2016. – С.15.

[156]. Нуров, Н. Меҳргон ҷашни миллӣ ва фаромиллӣ [Матн] / Н. Нуров // Олами ҳунар. – 2019. – №4-5. – 26 октябр. – С.6.

[157]. Раҳимов, С. Истиқлолият, фарҳанг ва ҳунари муосир [Матн] / С. Раҳимов // Истиқлолият ва фарҳанг. Маҷмуаи маърузаҳои конфронс. – Душанбе, 2017. – С.29-30.

[158]. Раҳимов, С. Нақши фарҳанги бадеӣ дар тарғиби идеяҳои истиқлолият [Матн] / С. Раҳимов // Ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими истиқлолияти сиёсӣ ва масоили консептуалии рушди давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Маводи конфронси илмию амалӣ. – Душанбе, 2016. – С.50-51.

[159]. Раҳмонзода, А., Раҳмонӣ, Р. Ҷашни Меҳргон дар оинаи фарҳанги мардумӣ [Матн] / А. Раҳмонзода, Р. Раҳмонӣ // Меҳргон ва Сада дар оинаи тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ. – Душанбе, 2017. – С.29.

[160]. Самиев, А. Ҳ. Андешаи миллӣ-фалсафаи ваҳдат ва эҳёи миллӣ [Матн] / А. Ҳ. Самиев // Маърифати иҷтимоии ваҳдати миллӣ: масъалаҳо, ҳолат ва дурнамо. – Душанбе: Дониш, 2012. – К.XIV. – Қ.1. – С.118.

[161]. Скульмовская, Л.Г., Слячкус, Х.В. Духовный аспект культуры в зарубежной и отечественной культурологии: теоретический анализ [Электронный ресурс] / Л.Г. Скульмовская, Х.В. Слячкус. – Режим доступа: http://www.fundamental-research.ru/ru/article/view?id=36327 (Санаи муроҷиат: 17.02.2020).

[162]. Ткаченко, А.А. Энгель Эрнст [Электронный ресурс] / А.А. Ткаченко // Большая российская энциклопедия. – Режим доступа: https://bigenc.ru/economics/text/4935358 (Санаи муроҷиат 22.10.2021).

[163]. Ҳайдаров, Р. Стратегияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими истиқлолият дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн]: Маҷмуи мақолаҳо / Р. Ҳайдаров. – Душанбе: Дониш, 2016. – С.26-32.

[164]. Шелер, М.О. Сущности философии и моральной предпосылки философского познания [Текст] / М.О. Шелер // Антология реалистической феноменологии / Сост. Д. Атлас, В. Куренной. – М.: Институт философии, теологии и истории св. Фомы, 2006. – С.134-161.

[165]. Шоев, З. Вазъи пажӯҳиш ва татбиқи анъанаву маросимҳои динӣ дар Тоҷикистони муосир [Матн] / З. Шоев // Хусусиятҳои равандҳо ва характерҳои сиёсӣ-идеологии исломи муосир ва масъалаи рушди давлатдории миллӣ. Маҷмуаи илмӣ. –Душанбе: Андалеб Р., 2015. – С.120.

[166]. Шоев, З. Ҳунарҳои мардумӣ-бахши муҳимми анъанаҳои миллӣ ва масъалаи танзими ҳуқуқии онҳо [Манобеи электронӣ] / З. Шоев. – Низоми дастрасӣ: http://jomea.tj/tj/node/.04/10/2019. (Санаи мурољиат: 12.05.2020).

[167]. Яблонских, А.Я. Онтология духовной традиции: сущность и структура [Текст] / А.Я. Яблонских // Вестник Московского государственного областного университета. Серия: Философские науки. – 2019. – №1. – С.10.

[168]. Якубов, Ю. Праздник Сада или древней масленицы [Текст] / Ю. Якубов // Мероси ниёгон. – 2003. – №6. – С.144-149.

[169]. Ятимов, С. Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт [Матн] / С. Ятимов // Ҷумҳурият. – 2018. – 4 декабр.